Ба падару модарон, омӯзгорон ва аҳли ҷомеа муроҷиат карда, бори дигар таъкид намоям, ки ба масъалаи нигоҳубин ва таълиму тарбияи дурусти фарзандон бо камоли масъулият муносибат намоянд. Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ояндаи давлату миллат аз насли босаводу донишманд, соҳибкасбу соҳибҳунар, соҳибмаърифату соҳибфарҳанг, дур аз таассубу хурофот, ватандӯсту ватанпараст ва дорои ҳисси баланди худшиносии миллӣ вобастагии амиқ дорад.

**Эмомалӣ РАҲМОН**


# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА**-вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Анвар САФАРЗОДА**-ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҳомид ҲОШИМЗОДА**-муовини якуми вазири маориф ва илм
**Равшан КАРИМЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА**-директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Фарҳод РАҲИМӢ**-раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА**-президенти АМИТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА**-ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
**Зулхия НОЗАКЗОДА**-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм
**Бахром ИСМОИЛЗОДА**-сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА**-сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ**-сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА**-директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

## САРМУҲАРРИР
**НУРАЛИЗОДА НОИЛШОХ ИМОМАЛӢ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА**-узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ

**Саида НАБИЗОДА**-муҳаррири бахши мактабшиносӣ

**Шодӣ РАҶАБЗОД**-муҳаррири бахши филологӣ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

## МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО



**Маорифи Тоҷикистон**

**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj

**Индекс:** 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 7730 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№2**

**№2 (250), 2026**

# М У Н Д А Р И Ҷ А


**РОҲНАМО**

**Фидокориву ҷонбозиҳои афсарону сарбозони шуҷои Ватан фаромӯш намешаванд**
(*Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 33-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ*) ....................3

**БА ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ**

Н. НУРАЛИЗОДА. Нақши Паёмҳои Пешвои миллат дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм (2000-2025)....................5

**ДАР ҲОШИЯИ ҚОНУН**

Ҷ. АМИР. Нақши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» дар пешрафти кори таълиму тарбия....................12

**ДАР ҲОШИЯИ ОЗМУНИ «ШОҲНОМАХОНӢ»**

Ш. ДИЛШОДЗОДА. Расму одатҳои марбут ба хонавода дар «Шоҳнома»....................15

**ФАЛСАФАИ ЗАМОН**

Д. АБДУЛЛОЕВА. Омӯзиш ва рушди салоҳияти хонандагон....................21

**ПЕДАГОГИКАИ ИСЛОҲӢ**

Ҷ. ҲАКИМОВА. Равиши тарбияи кӯдакони маъюб ва муайян кардани қобилият ва истеъдоди онҳо....................23

**РУШДИ ИСТЕЪДОДҲО**

З. ТОШБОЕВА. Тавсифи хусусиятҳои кӯдакони боистеъдод: шинохт, мушкилот ва роҳҳои ҳал....................26

**ФАЪОЛИЯТ**

Г. САМАДОВА, И. АБДУЛЛОЕВ. Дурнамои тарбияи мутахассисони соҳаи кӯҳкорӣ.......30

**ШЕРОЗАИ ТАЪРИХ**

Н. ЗОКИРЗОДА. Аҳмади Дониш – поягузори мактаби маорифпарварии миллӣ................32

**МУСОҲИБА**

Ҷ. ҚИЁМИДДИН. Зеҳни сунъӣ ёвари омӯзгор ё бархӯрди нав барои маориф?..................37

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**

М. МАҲКАМОВ, А. РАЗЗОҚОВ. Методҳои ташкил ва гузаронидани корҳои беруназдарсӣ аз математика....................41

**РОБИТАИ ФАНҲО**

А. УБАЙДОВ, М. ГУЛОВА. Нақши география ва физика дар ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон....................45

**ҚИССАИ ТАЪРИХӢ**

Б. АБДУРАҲМОН. Растохези вопасин....................47

**ШИНОХТИ ШОИР**

С. ФАЗЛ. Ифтихор аз номусу аз нанги тоҷик....................52

**САНАД**

Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045..........56

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Н. СУЛАЙМОНШОЕВ. Муаммои «Артиши миллӣ»....................64

# ФИДОКОРИВУ ҶОНБОЗИҲОИ АФСАРОНУ САРБОЗОНИ ШУҶОИ ВАТАН ФАРОМӮШ НАМЕШАВАНД

***Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 33-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ***

23.02.2026, шаҳри Душанбе



**Рафиқон генералҳо, афсарон, сержантҳо ва сарбозони шуҷои Ватан!**

**Муҳтарам собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори 33-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз рукнҳои асосии давлатдории навини тоҷикон мебошад, самимона табрик мегӯям.

Бо сарфарозиву қаноатмандӣ иброз медорам, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳимояи истиқлолу озодии кишвар, ҳифзи марзу буми Ватан, суботу оромӣ ва амнияти давлату ҷомеа ҳамчун сипари боэътимод хизмат карда истодаанд.

Ҷашни ҳомиёни Ватан, ки ҳар сол дар кишвари соҳибистиқлоли мо бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил мегардад, таҷассумгари эътимоду эҳтироми баланди мардуми Тоҷикистон нисбат ба шахсоне, ки хизмати ҳарбиро ҳамчун рисолати муқаддас ва масъулияти пурифтихор иҷро менамоянд, ба ҳисоб меравад.

Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакат дар рӯзҳои фоҷеабори ҷанги таҳмилии шаҳрвандии ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ба хубӣ дарк мекард, ки таъмин намудани амнияти давлату миллат ва суботу оромии ҷомеа бе доштани Қувваҳои Мусаллаҳи муҷаҳҳаз бо техникаву лавозимоти ҷангӣ ва хизматчиёни ҳарбии далеру ҷасур ва содиқ ба Ватан ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, бо вуҷуди мушкилоти зиёди иқтисодиву молиявӣ мо Артиши миллиро таъсис додем ва 23-юми феврали соли 1993 аввалин гузашти ҳарбии Қувваҳои

Мусаллаҳи Тоҷикистон баргузор гардид. Яъне Қувваҳои Мусаллаҳи мо дар шароити сахту сангин ташаккул ва обутоб ёфтанд, таҷриба ва маҳорати ҷангӣ ба даст оварданд.

Қувваҳои Мусаллаҳи мо дар давраҳои минбаъда низ якҷо бо дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ борҳо аз имтиҳони садоқат ва ҷасорату мардонагӣ сарбаландона гузаштанд, амнияти давлат ва бехатарии мардуми Тоҷикистонро ҷавонмардона таъмин карданд. Бинобар ин, ба ҳамаи хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат барои хизмати содиқона ба давлат ва халқи Тоҷикистон сипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Давлату Ҳукумат ва мардуми шарифи Тоҷикистон фидокориву ҷонбозиҳои афсарону сарбозони шуҷои Ватанро ҳаргиз фаромӯш намекунанд ва хотираи неки ҷавонмардонеро, ки барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, ҳимояи марзу буми Ватан, пойдории сулҳу субот ва ҳифзи зиндагии орому осоиштаи сокинони мамлакат ҷони худро нисор кардаанд, ҳамеша пос медоранд.

Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, ярокнокшавии бошитоб, авҷгирии зуҳуроти терроризму экстремизм, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем. Ҳамчунин, хотирнишон месозам, ки дар замони пешрафти бесобиқаи илму техника ва технологияҳо танҳо кадрҳое метавонанд амнияту давлат ва суботи ҷомеаро таъмин намоянд, ки дорои донишҳои муосири ҳарбӣ ва сатҳи баланди касбият буда, технологияҳои навтаринро аз худ кардаанд. Дар ин раванд, мунтазам баланд бардоштани маҳорату малакаи касбӣ, ҳисси миллӣ, садоқат ба савганди ҳарбӣ ва риояи талаботи ойинномаҳои ҳарбӣ вазифаи ҳаррӯзаи тамоми хизматчиёни ҳарбӣ – аз ҳайати фармондеҳӣ то сарбози қаторӣ мебошад.

Бовар дорам, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат минбаъд низ рисолати муқаддас ва қарзи ҷавонмардии худ – ҳифзи амнияти давлату ҷомеа, зиндагии осоишта ва заҳмати созандаи мардуми Тоҷикистонро бо интизоми намунавӣ, донишу малакаи муосир, руҳияи баланди ватандӯстӣ, иродаи мустаҳкам, садоқат ба Ватан, давлат ва халқи мамлакат сарбаландона иҷро менамояд.

Бори дигар тамоми ҳайати шахсӣ ва собиқадорони Артиши миллӣ ва дигар сохторҳои низомии мамлакатро ба ифтихори рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлоламон самимона табрик гуфта, ба ҳамаи шумо саломативу сарбаландӣ ва дар роҳи ҳифзи Ватани маҳбубамон рӯҳи шикастнопазир ва иродаи қавӣ орзу менамоям.

**Ҷашн муборак бошад, ҳомиёни далеру шуҷои Ватан!**

# НАҚШИ ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ (2000-2025)

*(Идома аз шумораи гузашта)*



**Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА – номзади илмҳои филологӣ**

Дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот ва тағйироти босуръати фарҳангиву иҷтимоӣ, нақши китоб ва фарҳанги мутолиа дар рушди маънавии ҷомеа боз ҳам муҳимтар мегардад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста оид ба зарурати эҳёи анъанаи китобхонӣ, омӯзиши забонҳо ва таҳкими худшиносии миллӣ ва баланд бардоштани савияи маърифати аҳолӣ, хусусан, наврасону ҷавонон таъкид менамоянд, ки «мо омӯзиш ва аз худ кардани забонҳоро на барои худнамоӣ, балки бо мақсади маърифатнок гардонидани ҷомеа густариш медиҳем. Аз ин рӯ, ҳар як фарди бедордил бояд барои ғанӣ гардидани забони модарӣ ва омӯхтани забонҳои хориҷӣ кӯшиш кунад, ба мутолиаи китоб диққати аввалиндараҷа диҳад ва



ҷиҳати баланд бардоштани маърифатнокии худ саъю талош намояд» [25]. Маҳз бо ҳамин ҳадаф, аз соли 2019 бо ибтикори бевоситаи Пешвои миллат Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» (соли аввал «Фурӯғи субҳи доноӣ...») роҳандозӣ гардид. Метавон иддао кард, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ба ҳайси як барномаи амалии татбиқи сиёсати маърифатгустарӣ таъсис дода шудааст. Аз ин рӯ, Роҳбари давлат дастур медиҳанд, ки «роҳбарону масъулони соҳаро зарур аст, ки сатҳу сифати таълимро баланд бардошта, ҷиҳати боло рафтани савияи донишу маърифатнокии хонандагону донишҷӯён тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд ва ҳамзамон бо ин, ба тарбияи насли наврас диққати бештар дода, барои амалӣ гардидани Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешанд. Вобаста ба ин, ҳар сол озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ...»-ро баргузор намуда, ба он доираи ҳар чи васеътари ҷомеа ҷалб ва ҷиҳати ҳавасмандсозии ғолибон аз мактаб сар карда, то мақомоти маҳалливу марказии ҳокимияти давлатӣ чораҷӯӣ карда шавад» [25].

Озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» набояд ба ҳайси як сабқати адабӣ фаҳмида шавад, балки он барномаи миллии китобхонӣ мебошад ва бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо), омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии

муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон, намояндагони касбу кори гуногун ва дигар табақаҳои аҳолии кишвар доир мегардад.

Аз таҳлилҳои Паёмҳои солҳои 2019-2024 бармеояд, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» тавонист ҳазорҳо хонандаро ба китобхонаҳо ҷалб намояд, сафи нависандагон ва адибони ҷавонро афзоиш диҳад, ба рушди забони давлатӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ мусоидат кунад, китобхонаҳоро бо китобҳои нав ва осори классикӣ ғанӣ гардонад. Яъне, озмун дар рушди фарҳанги китобхонӣ дар байни ҷавонон таъсири воқеан, мусбат гузошт ва теъдоди иштирокчиён ҳар сол афзоиш ёфта, аз тамоми минтақаҳои кишвар фаро гирифта мешавад. Соли 2024 «натиҷаи ҷамъбасти ниҳоӣ нишон дод, ки иштирокчиёни озмун аз шаҳри Душанбе 43 ҷой, вилояти Хатлон 35 ҷой, вилояти Суғд 29 ҷой, ВМКБ соҳиби 13 ҷой ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 10 ҷой гардидаанд» [1].

Тибқи маълумоти Китобхонаи миллии Тоҷикистон, дар панҷ соли охир шумораи дӯстдорони китоб даҳчанд афзуд. Танҳо соли 2024 шумораи аъзои китобхона 270 209 нафар ва шумораи хонандагони солона 57 600 нафарро ташкил дод. Ҳар рӯз то 2 000 хонанда ба китобхона меоянд. Китобхона бо 3 451 385 нусха асар ва толори махсуси «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» барои омодагӣ ба озмун фаъолият мекунад [32].

Озмун таъсири амиқ ба рушди маънавии ҷомеа гузошта, фазои мутолиаро аз мактаб то хонавода тақвият бахшид. Ширкати ҳамагонӣ, аз кӯдак то пир дар Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» нишонаи эҳёи анъанаҳои китобдӯстии тоҷикон аст. Ғолибони озмун на танҳо бо мукофотпулӣ, балки бо имкониятҳои васеи таҳсил ва эҷод қадрдонӣ мегарданд.

Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» на танҳо як мусобиқаи фарҳангӣ, балки қисми ҷудонопазири сиёсати маърифатии миллӣ мебошад. Он дар партави Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ амалан татбиқ шуда, ба таҳкими худшиносӣ, эҳёи анъанаҳои китобхонӣ ва тарбияи насли фарҳангдӯст хизмат мерасонад. Таъмини маблағгузории мунтазам, фарогирии васеи ҷомеа ва ворид кардани унсурҳои нав, ин озмунро ба як падидаи устувори фарҳангӣ ва воситаи муҳимми рушди маърифат дар Тоҷикистон табдил додааст.

Дар фазои рӯзафзуни рақобати илмӣ-техникӣ ва рушди босуръати иқтисодиёти иттилоотӣ, таҳкими системаи таълиму тарбияи наврасон дар самти фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад. Аз ҳамин дидгоҳ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки «ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шаванд. Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳо ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, вазифадор карда мешаванд, ки нақшаи чорабиниҳоро доир ба ин масъала дар муҳлати се моҳ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд» [25].

Зарурати эълони «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» дар он зоҳир мегардид, ки дар даҳсолаи охир мушоҳида мешуд, ки таваҷҷуҳи хонандагону донишҷӯён ба фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ рӯ ба коҳиш аст, омӯзгорони соҳибихтисос дар робита ба фанҳои мазкур нокифоя мебошанд, заминаи моддиву техникӣ ва маводи таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба таври бояду шояд ба талаботи муосир ҷавобгӯ нестанд. Ин ҳолат таваҷҷуҳи роҳбарияти давлатро ҷиҳати ислоҳоти бунёдӣ дар самти фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ба миён овард. Аз ҷумла, Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки «Баробари эълон гардидани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» қарорҳои дахлдори Ҳукумати мамлакат ба тасвиб расида, Вазорати маориф ва илм вазифадор карда шуд, ки дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот стандарт, барнома ва нақшаҳои таълимиро таҷдиди назар карда, ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим диққати аввалиндараҷа диҳад. Зеро танҳо дуруст ба роҳ мондани таълими ин фанҳо ва рушди тафаккури техникӣ имкон медиҳад, ки зеҳни наврасону ҷавонони мо қавӣ гардад ва онҳо баробар бо талаботи замонаи пешрафту дигаргуниҳои имрӯзу фардо қадам гузоранд» [2].

Эълони Бистсолаи омӯзиш танҳо як иқдоми рамзӣ набуда, балки стратегияи мукаммали рушди фанҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ дар сатҳи миллӣ мебошад ва чунин ҳадафҳои асосиро дар бар мегирад:

- баланд бардоштани сифати таълими фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот;
- тайёр кардани омӯзгорони соҳибихтисос ва таҷдиди назар дар барномаҳои такмили ихтисос;
- муҷаҳҳаз гардонидани муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муосир;
- ташаккули тафаккури техникӣ ва мантиқии хонандагон;
- тарғиб ва рушди истеъдодҳо тавассути озмунҳо ва олимпиадаҳо;
- ҳамгироии таълим бо технологияҳои рақамӣ, таҳияи китобҳои интерактивӣ ва мундариҷаи рақамии таълимӣ.

Яке аз самтҳои афзалиятноки Бистсолаи омӯзиш таъмини муассисаҳои таълимӣ бо озмоишгоҳҳо, синфхонаҳои фаннӣ ва воситаҳои визуалӣ мебошад. Дар доираи Барномаи давлатии таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳо, даҳҳо муассиса бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин шуданд. Ҳамчунин, барномаҳои омӯзишии рақамӣ, порталҳои таълимии фаннӣ ва китобҳои интерактивӣ тадриҷан ҷорӣ гардида, муҳити таълимии рақамӣ густариш меёбад.

Дар доираи эълони Бистсолаи омӯзиш яке аз масъалаҳои муҳим ҳавасманд кардани истеъдодҳо, яъне, ташкил намудани озмунҳо ва вусъат бахшидани ҳаракати олимпӣ мебошад. Дар робита ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки «аз 1 январи соли 2021 шумораи гирандагони стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар омӯхтани фанҳои табиӣ ва риёзиву дақиқ натиҷаҳои баланд нишон медиҳанд, аз 400 нафар то 3000 нафар зиёд ва андозаи маблағи он 500 сомонӣ муқаррар карда шавад. Инчунин, шумораи гирандагони чунин стипендияҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 100 нафар то 500 нафар ва барои аспирантони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмӣ аз 15 нафар то 50 нафар зиёд карда шавад. Аз шумораи умумии стипендияҳои Президентӣ 70 фоиз барои фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ равона карда шавад» [10].

Ба хотири боз ҳам бештар ба омӯзиши илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ ҷалб кардани наврасону ҷавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон ҳамасола озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Илм – фурӯғи маърифат» гузаронида мешавад, ки ин ҳам бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат роҳандозӣ гардид. Ҳамчунин, аз охири соли 2020 барои олимону омӯзгорони фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ҷоизаи махсуси давлатӣ таъсис дода шуд, ки ҳар сол 15 нафар беҳтаринҳо соҳиби он мегарданд.

Бистсолаи омӯзиш дар сиёсати стратегии кишвар ҷойгоҳи махсусро дошта, бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мувофиқ мебошад ва ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии неруи инсонӣ, рушди илм ва иқтисодиёти миллӣ хидмат мекунад.

Эълони солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» иқдоми муҳим ва саривақтии Пешвои миллат дар роҳи бозсозии низоми таҳсилоти миллӣ ба шумор меравад. Дар партави Паёмҳои ҳамасолаи Сарвари давлат, татбиқи бонизоми ин сиёсати дарозмуддат метавонад заминаи устуворро барои рушди кадрҳои илмӣ-техникӣ, тафаккури таҳлилӣ ва ҷаҳонбинии илмии насли ҷавон фароҳам оварад.

Ҳамин тариқ, марҳалаи дуюми ислоҳоти маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2011-2020) давраи таҳкими сифат, стандартикунонӣ ва ҳамгироии низоми таълим бо талаботи замон арзёбӣ мегардад. Агар марҳалаи аввали ислоҳот бештар ба барқарорсозӣ ва эҳёи пояҳо нигаронида шуда бошад, пас дар ин давра сиёсати давлатӣ бештар ба таҳкими заминаҳои меъёрӣ, муайянсозии стандартҳои миллӣ ва мутобиқсозии муҳтавои таълим бо таҷрибаи байналмилалӣ равона гардид.

Дар маҷмуъ, солҳои 2011-2020 ҳамчун давраи гузариш ба низоми муосири таҳсилот бо пояҳои устувори меъёрӣ ва механизми арзёбии сифат арзёбӣ мешаванд. Ин марҳала барои ворид шудани маорифи миллӣ ба марҳалаи нав – рақамикунонӣ ва инноватсия заминаи стратегӣ фароҳам овард.

## МАРҲАЛАИ РАҚАМИКУНОНӢ ВА ИННОВАТСИЯ

Дар асри XXI, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ тамоми самтҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро фаро гирифтаанд, таҳсилоти рақамӣ ҳамчун яке аз падидаҳои муҳимми илму техникаи муосир ба арсаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид гардид. Гузариш аз шаклҳои анъанавии таълим ба муҳити рақамӣ на танҳо ҷавоб ба талаботи замон, балки посухи амалӣ ба ниёзҳои бозори ҷаҳонии меҳнат, рушди устувори инсоният ва тақвияти рақобатпазирии кишварҳо маҳсуб меёбад.

Имрӯз таҳсилоти рақамӣ танҳо воситаи омӯзиш набуда, балки як стратегияи ҷаҳонии дастрасӣ ба дониш ва муҳаррики рушди инноватсионӣ арзёбӣ мешавад. Аз ҳамин лиҳоз, он дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи зарурӣ ва омили калидӣ барои рушди устувор ва таҳкими манфиатҳои миллӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад.

Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар (солҳои 2020-2024) таъкид гардидааст, ки рушди устувори иқтисод ва таҳкими асосҳои давлати иҷтимоӣ бевосита бо такмил ва рақамикунонии низоми маорифу илм пайванди ногустанӣ дорад. Ин давра ҳамчун марҳалаи мутобиқсозии соҳаҳои маориф ва илм ба талаботи иқтисоди рақамӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ арзёбӣ мешавад. Яъне, яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатдории миллӣ дар ин марҳала такмили низоми маориф ва илм тавассути истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию рақамӣ шинохта мешавад. Ин раванд ҷавоби муташаккилона ва дурбинона ба талаботи иқтисоди муосир ва ҷомеаи иттилоотӣ маҳсуб ёфта, дар айни замон ба ташаккули инсон ҳамчун сармояи асосии миллӣ мусоидат мекунад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медоранд, ки «вазъи имрӯзаи илми кишвар тақозо менамояд, ки ҷиҳати ба равандҳои ҷаҳони имрӯза мутобиқ намудан ва тибқи талаботи замони муосир ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ тадбирҳои муассир андешида шаванд. Дар ин самт, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ бояд дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо тавассути роҳандозии барномаҳои таълими касбу хунарҳои муосир ва васеъ ҷорӣ намудани омӯзиши амалии донишҷӯён бо роҳи пайванди илм ва истеҳсолот ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати омодасозии мутахассисони соҳаҳои саноат, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва иқтисоди рақамӣ тадбирҳои судмандро амалӣ созанд» [27].

Аз дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, ки заминаи меъёрӣ ва амалии таҳияву татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти рақамикунонии таҳсилот ва рушди устувори низоми маориф муҳимму ногузир мебошад. Паёмҳои Сарвари давлат на танҳо ҳамчун барномаи амалии рушди соҳа хидмат мекунанд, балки самтҳои афзалиятноки сиёсати маорифро муайян месозанд ва ба мутобиқ намудани низоми таълим ба талаботи асри иттилоотӣ равона гардидаанд.

Дар ҳамин замина, Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030, Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва барномаҳои соҳавии марбут ба он ҳамчун ҳуҷҷатҳои асосии стратегӣ қабул гардидаанд. Татбиқи онҳо ба рушди устувори соҳаҳои маориф ва илм мусоидат намуда, имкониятҳои заруриро барои таҳкими нақши ин соҳаҳо дар пешрафти иқтисодиву иҷтимоии кишвар фароҳам месозад. Ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ, ҳамзамон, заминаи таҳкимбахши ҷомеаи донишбунёд ва иқтисоди рақамӣ маҳсуб мешаванд, ки дар он инсон ҳамчун сармояи миллӣ мақоми асосиро ишғол менамояд.

Бояд таъкид кард, ки бо дастуру дастгириҳои пайвастаи Пешвои миллат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол маблағгузории соҳаи маорифро афзун мегардонад. Ин иқдом шаҳодати он аст, ки соҳаи маориф дар сиёсати давлатӣ ба сифати самти афзалиятноку калидӣ эътироф шудааст. Аз ҷумла, дар Буҷети давлатии соли 2024 ба соҳаи маориф 8 миллиарду 231 миллион сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2023 1 миллиарду 21 миллион сомонӣ, ё ин ки 12,5% зиёд буда, 18, 7 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 5,7% маҷмуи маҳсулоти дохиларо ташкил медиҳад [6, с. 3]. Ин рақамҳо шаҳодат медиҳанд, ки рушди низоми маориф, бахусус, дар самти рақамикунонӣ ва такмили инфрасохтори таълимӣ, яке аз афзалиятҳои сиёсати иҷтимоии кишвар мебошад.

Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 яке аз санадҳои калидии давлатӣ дар соҳаи маориф маҳсуб меёбад, ки бо ҳадафи таъмини рушди устувори низоми таҳсилот, баланд бардоштани сифати таълим, мутобиқсозии он ба талаботи бозори меҳнат ва тақвияти рақобатпазирии инсон ҳамчун сармояи миллии ҷомеа таҳия гардидааст. Ин ҳуҷҷати стратегӣ самтҳои асосии ислоҳоти низоми маорифро муайян намуда, ҳамчун заминаи меъёрӣ ва амалии татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф хидмат мекунад. Дар он махсус таъкид шудааст, ки рақамикунонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Маҳз тавассути татбиқи чунин иқдомҳо имконият фароҳам меояд, ки муассисаҳои таълимӣ ба талаботи асри рақамӣ мутобиқ гарданд, дастрасии баробар ба иттилоот таъмин шавад ва муҳити таълимии инноватсионӣ ташаккул ёбад.

Татбиқи стратегияи мазкур бидуни такмил додани захираи инсонӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамии омӯзгорону хонандагон ғайриимкон аст. Бо дарназардошти ин, вазифаҳои зерин ҳамчун самтҳои асосӣ ва калидии амалигардонии Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 муайян шудаанд:

**1. Рушди инфрасохтори рақамӣ.** Фароҳам овардани шабакаҳои устувори интернетӣ дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилотӣ, муҷаҳҳаз сохтани синфхонаҳо бо таҷҳизоти муосири омӯзишӣ ва таъмини дастрасии баробар ба технологияҳои рақамӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар.

**2. Таҳияи платформаҳои миллии таълимӣ.** Эҷоди китобхонаҳои электронии миллӣ, низоми ягонаи иттилоотии соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳои рақамии таълимӣ бо назардошти муҳтавои миллӣ ва умумибашарӣ.

**3. Баланд бардоштани саводнокии рақамии кадрҳо.** Ҷорӣ намудани курсҳои такмили ихтисос ва барномаҳои бозомӯзӣ барои омӯзгорон дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, таҳияи методикаҳои муосири рақамӣ ва ташкили омӯзишҳои амалии донишҷӯён.

**4. Пайванди илм ва истеҳсолот дар шароити рақамисозӣ.** Ташкили заминаҳои таҷрибаомӯзии амалӣ, истифодаи муҳитҳои виртуалӣ барои омӯзиши донишҷӯён ва ворид кардани воситаҳои рақамӣ ба равандҳои тадқиқоти илмӣ.

**5. Таъмини баробарии иҷтимоӣ дар таҳсилоти рақамӣ.** Дастгирии қишрҳои осебпазири ҷомеа, таъмини имконияти баробар барои ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар истифодаи захираҳои рақамӣ ва ҷалби васеи духтарон ба таҳсилоти рақамӣ.

Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 на танҳо ҳадафи мутобиқ сохтани низоми таҳсилотро ба талаботи замони муосир дорад, балки ҳамчун воситаи таҳкими пояҳои давлати миллӣ ва рушди ҷомеаи донишбунёд баромад мекунад.

Дар доираи Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 бо дастури Пешвои миллат «Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ» таҳия гардида [26], мавриди татбиқ қарор дорад. Дар ин самт таҳлил ва баррасиҳои гуногун анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, мувофиқи маълумоти Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи Вазорати маориф ва илм дар раванди харитакашии пайвастагии муассисаҳои таълимӣ ба шабакаи интернет муайян гардид, ки барои таъмини рушди устувори соҳа на танҳо таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои стратегӣ зарур аст, балки татбиқи пайгиронаи онҳо низ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Бо ин мақсад, як қатор ҳуҷҷатҳо ва дастурҳои меъёрӣ таҳия шуданд, ки ҳадафи асосии онҳо рушди инфрасохтори рақамӣ, беҳтар намудани сифати таълим ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълимӣ мебошад.

Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2022 тасдиқ шудааст, ҳадаф ва вазифаҳои калидии рушди рақамикунонӣ дар соҳаи маорифро муайян менамояд. Ин ҳуҷҷати барномавӣ ба ташаккули низоми таҳсилоти рақамӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва мутобиқ намудани он ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ равона шудааст. Самтҳои асосии татбиқи Консепсия чунинанд:

**1. Баланд бардоштани тахассуси омӯзгорон дар соҳаи технологияҳои рақамӣ.** Тибқи Консепсия, такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон яке аз самтҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзгорон бо дониш ва малакаҳои муосири рақамӣ муҷаҳҳаз мегарданд, то тавонанд технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК)-ро дар ҷараёни таълим самаранок истифода баранд. Дар робита ба ин, Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки «бояд ба масъалаҳои аз такмили

ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад» [28].

Дар ин замина, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи назди Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ тадбирҳои назаррасро роҳандозӣ кардааст. Ректори донишкадаи мазкур Н. Мирзозода иттилоъ медиҳад, ки платформаи миллии «Системаи иттилоотии рушди касбии омӯзгор» (СИРКО) ба таври расмӣ мавриди истифода қарор гирифт, ки дар он маводи таълимӣ, нақшаву барномаҳо ва таҷрибаи омӯзгорони эҷодкор ҷой дода шудаанд. Илова бар ин, барои омӯзгорони фанни технологияҳои иттилоотӣ бо назардошти имкониятҳои зеҳни сунъӣ барномаи махсуси такмили ихтисос таҳия ва тасдиқ гардид [8, с. 7]. Ҳамзамон, 24 нақша ва барномаи нави курсҳои такмили ихтисос мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот таҳия шуда, аз моҳи сентябри соли 2025 дар муассисаҳои таълимӣ ба таври озмоишӣ татбиқ мешаванд [6, с. 15].

**2. Рушди омӯзиш бо истифодаи технологияҳои онлайнӣ.** Татбиқи барномаҳои таълимии рақамӣ имконият фароҳам меорад, ки таҳсилот дар шакли фосилавӣ ва интерактивӣ дастрас гардад. Ин иқдом, пеш аз ҳама, барои таъмини баробарии имкониятҳои таълимӣ дар минтақаҳои дурдаст аҳаммияти калон дорад. Пешвои миллат пайваста таъкид менамоянд, ки таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо интернети босифат ва барномаҳои рақамӣ яке аз самтҳои муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад.

Дар доираи «Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои солҳои 2024-2028» ва бо дастгирии Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон садҳо муассиса бо таҷҳизоти муосир, аз ҷумла, моноблок, проектор, тахтаҳои интерактивӣ ва дастурамалҳои методӣ таъмин гардиданд. Илова бар ин, бо дастгирии Бонки Умумиҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи «Асосҳои рақамии Тоҷикистон» тарҳи пайваст кардани муассисаҳои таълимӣ ба интернети баландсуръат таҳия шудааст, ки тибқи он то панҷ соли оянда 40 фоизи муассисаҳо бо интернети босифат таъмин мегарданд» [6, с. 12-13].

**3. Таҷдиди назар ва такмили усулҳои истифодаи ТИК дар таълим.** Мутобиқ намудани равандҳои таълимӣ ба талаботи замони муосир ва тақвияти муносибати босалоҳият ба таълим аз масъалаҳои умдаи рақамиикунонии таҳсилот ба ҳисоб меравад. Ин самт ба андешаи Пешвои миллат муҳимму зарурӣ мебошад, зеро «дар шароити ҷаҳони муосир рақамикунонӣ ба тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, маориф ворид шуда, сифат ва самаранокии онро таъмин менамояд» [27]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, дар шаҳри Душанбе оид ба рақамикунонии соҳаи маориф тадбирҳои назаррас андешида шудаанд. Аз ҷумла, ба кор андохтани барномаи электронии «eDonish» ба тағйир додани шаклу усулҳои таълим ва барои ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани раванди таҳсилот мусоидат мекунад. «Бо қарори Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ (06.08. 2020, №409) «Дар бораи татбиқи барномаи электронии «eDonish» дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» барномаи мазкур дар се марҳала ба роҳ монда шудааст, ки марҳалаи якум 50 муассиса, марҳалаи дуюм 55 ва марҳалаи сеюм 45 муассисаро дар бар мегирад» [31, с. 42]. Ҳамчунин, «айни ҳол барномаи мазкур дар 150 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе ба таври ройгон роҳандозӣ шудааст. Ҳадаф аз татбиқи барномаи мазкур, гузаштан аз низоми анъанавӣ ба низоми электронӣ мебошад. Дар ин замина, дар 20 мактаби шаҳри Душанбе журналҳои анъанавӣ аз байн рафта, пурра журнали электронӣ истифода мешавад, ки ин омил фаъолияти омӯзгоронро осон мекунад. Барои диққатҷалбкунанда шудани «eDonish» дар соли 2025 бахши «озмоишҳои виртуалӣ» низ ба роҳ монда мешавад, ки омӯзгорони физикаву химия метавонанд бо истифода аз он дарсҳояшонро самарабахш ташкил ва баргузор намоянд. Илова бар ин, дар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе барномаи тахтаи интерактивии «eTalim» мавриди амал қарор дода шудааст, ки ҳадафи асосии он пайвастани соҳаи маориф бо технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мебошад» [31, с. 42-43].

**4. Таъмини муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти техникӣ ва ташаккули муҳити ягонаи таълими рақамӣ.** Яке аз самтҳои муҳим дар сиёсати давлатӣ оид ба рушди соҳаи маориф

таъмини муассисаҳои таҳсилотӣ бо таҷҳизоти техникии муосир ва ташаккули муҳити ягонаи таълими рақамӣ мебошад. Дар заминаи ин иқдом, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ тадриҷан бо воситаҳои замонавӣ, аз қабили компютерҳо, тахтаҳои электронии интерактивӣ, шабакаҳои устувори интернет ва дигар технологияҳои иттилоотӣ муҷаҳҳаз мегарданд. Чунин чорабинӣ барои фароҳам овардани муҳити рақамии таълим, баланд бардоштани сатҳи идоракунии муассисаҳои таълимӣ ва густариши имкониятҳои омӯзишу тадрис аҳаммияти назаррас дорад.

Бо дарназардошти аҳаммияти рушди зеҳни донишомӯзон ва баланд бардоштани сифати таҳсилот, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ солҳои 2020-2040 «Солҳои омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» [25] эълон гардид. Дар робита ба ин ташаббус, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳоро барои солҳои 2020-2025 қабул намуд, ки ҳадафи асосии он таҳкими пояи моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ ва мусоидат ба рушди таҳсилоти инноватсионӣ мебошад. Ҳамзамон, тибқи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат вазоратҳои молия, маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо ва дигар вазорату кумитаҳои соҳавӣ, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимӣ доранд, ҳамчунин, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор шуданд, ки барои таҷҳизонидани кабинетҳои фаннӣ, хусусан фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, тадбирҳои фаврӣ андешанд.

Тавре Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ иттилоъ медиҳад, оид ба иҷрои Барномаи давлатии таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 дар асоси нақшаи чорабиниҳо тадбирҳои амалӣ адешида мешавад. Аз ҷумла, соли 2023 дар шаҳри Душанбе 107 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 27 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳ, вилояти Суғд 457 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳ, вилояти Хатлон 873 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 153 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳ харидорӣ шуда, тақдими муассисаҳои таълимӣ гардонида шудааст. [5, с. 7].

Дар маҷмуъ, татбиқи ин иқдомҳо на танҳо ба баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, балки ба ташаккули муҳити рақамии ягонаи таълим, истифодаи васеи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим ва мутобиқ намудани низоми маориф ба талаботи ҷомеаи муосир мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ ҳамчун василаи муҳимми сиёсати давлатӣ амал карда, бо такя ба ҳидоятҳои Пешвои миллат ба такмилу таҳаввули низоми маориф, ташаккули ҷомеаи донишбунёд ва таҳкими рақобатпазирии кишвар дар заминаи иқтисоди рақамӣ замина мегузорад.

**(Идома дорад)**

Маншаи фархундагии рӯзи мо бошад Паём,
Дар баҳори зиндагӣ наврӯзи мо бошад Паём.
Олами андешаи пирӯзи мо бошад Паём,
Офтоби зиндагиафрӯзи мо бошад Паём.

**Давлат Сафар**

# НАҚШИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАҚОМИ ОМӮЗГОР» ДАР ПЕШРАФТИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ



**Ҷалолиддин АМИР – корманди раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Бе муҳобо, «мардумони бихрад андар ҳар замон» ҳамин омӯзгорон ҳастанд, ки асоси илмро поягузорӣ ва дар дили инсонҳо хираду донишро ҷой намудаанд. Гузаштагони боору номуси мо дар дарозои таърих на танҳо худ омӯхтаву илму донишҳои гуногунро асос гузоштаанд, балки дар таълиму тарбияи бештари қавмҳои кӯчиву истилогар саҳми бузурге доштаанд, ки ҳар сафҳаи таърих аз ин хидмати бузурги инсонпарваронаи мардуми мо гувоҳӣ медиҳад.**

Яъне, халқҳои ориёӣ рисолати бузурги омӯзгориро дар назди бештари халқу миллатҳои ҳамсоя доранд, ки масъалаи мазкурро бузургони аҳли илму адаби онҳо эътироф кардаанд. Пас метавон гуфт, ки касби пурифтихори омӯзгорӣ дар миёни мардуми мо решаҳои таърихии басо куҳан ва пурифтихор дорад.

Ҳама ҷангу хунрезиҳои душманон бар зидди миллати тоҷик дар дарозои таърих, фитнаву тахрибкории беинтиҳои онҳо натавонистанд, ки дари мактабро ба рӯйи миллати китобдӯсту донишпарвари тоҷик баста, омӯзгоронро аз таълиму тарбия дур созанд.




Таъкиди устод Айнӣ ҳамеша ҳамсафари мардум ва шиори даъватии миллати тоҷик нисбат ба таълимгоҳ, омӯзгор ва илму дониш будааст:

*Мактаб ба ту ёд медиҳад илму адаб,*
*Мактаб зи ту мебарад ғаму ранҷу тааб,*
*Як нуктаи мухтасар зи мактаб гӯям,*
*Одам нашавад касе, магар аз мактаб.*

Дар солҳои баъди ҷанги дохилӣ то андозае раванди таълиму тарбия коҳиш ёфта, як идда омӯзгорон бо сабабҳои гуногун ба дигар вазифа гузашта, ё аз пешаи омӯзгорӣ дур шуда буданд. Ин омил яке аз сабабҳои то андозае паст гардидани шуҳрат ва мақоми омӯзгор дар ҷомеа гардид. Махсусан, дар минтақаҳои дурдаст раванди таълиму тарбия ва мақоми омӯзгор коста гардид, ки ин омил ба сифати таҳсилот, интихоби дурусти касб, таваҷҷуҳ ба илму ҳунар ва китоб хондану дониш андӯхтан бетаъсир намонд.

Масъалаи мазкур аз нигоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пинҳон намонда, ҷиҳати баланд бардоштани мақоми омӯзгор ва маҳдуд намудани омилҳое, ки ба кори омӯзгор халал мерасонанд ва раванди таълиму тарбияро коста менамоянд, ҳамзамон, заминаҳоро барои дар фазои холӣ пайдо шудани ақидаҳои ботил ва ғайриинсонӣ ва ҷанбаи ифротию экстремистидошта чораи дахлдори қатъӣ андешида шуд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 17 декабри соли 2015, № 2215 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» ба тасвиб расида, тамоми сохторҳои давлатию ғайридавлатӣ барои иҷрои талаботи Қонуни мазкур масъул гардонда шуданд. Ин иқдоми нек гувоҳи он аст, ки таваҷҷуҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи маориф аввалиндараҷа мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» нишони эҳтироми давлат ба омӯзгор буда, барои боз ҳам баланд бардоштани ҷойгоҳ ва муҳаббати омӯзгор дар тарбияи насли наврас нақши муҳим дорад.

Дар 6 боб ва 16 моддаи қонун тамоми масъалаҳои марбут ба ҳолати иҷтимоӣ, ҳуқуқ, ӯҳдадориҳои омӯзгор, аттестатсия ва такмили ихтисоси омӯзгорон таъкид гардида, барои маҳдуд накардани ҳуқуқҳои омӯзгорон кафолат дода шудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 2-и Қонун омадааст: «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақоми омӯзгор ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз қонуни мазкур дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад».

Мақсад аз таъкиди мазкур ин аст, ки мақоми омӯзгор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи талаботи имрӯзи ҷомеа таҳия гардида, барои фаъолияти озод ва босамари ӯ дар доираи қонун имконият медиҳад ва мухолиф ба ягон қонунгузории кишвар ва байналмилалӣ намебошад. Заминаҳои устувор барои фаъолияти омӯзгор ва тарбияи насли наврас муҳайё ва барои боло бардоштани маърифати ҷомеа гузошта мешавад.

Дар моддаи 3 банди 7 «дахолат накардан ба фаъолияти омӯзгор» таъкид шудааст, ки ин омил раванди таъсиррасонии ҳама гуна равияву ҷараёнҳо, фикрҳои гуногуни дар ҷомеа пайдошуда, таъсир расонидани мақомоти гуногунро ба раванди кори омӯзгор, ҳамзамон, фикру назари гуногуни падару модаронро оид ба тарбияи фарзандонашон маҳдуд месозад. Махсусан, дар шароити паҳн гардидани ақидаҳои гуногун тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ масъалаҳое низ тарғиб мешаванд, ки бо номи демократикунонии таълиму тарбия раванди кори омӯзгорро ба иштибоҳ ва кӯчаи сарбаста метавонанд ворид созанд. Аз ин лиҳоз, дахолатнопазирии фаъолияти омӯзгор ба манфиати ҷомеа ва хонандагон буда, дар руҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ тарбия намудани насли наврас дар доираи талаботи ҷомеаи имрӯзи кишвар зарур мебошад.

Масъалаи ба хидмати ҳарбӣ ҷалб намудани омӯзгорони ҷавон дар ҳолати нарасидани омӯзгорон яке аз нуктаҳои ба талаботи имрӯз мувофиқи қонун буда, норасоии омӯзгоронро дар маҳалҳо аз байн мебарад. Масалан, дар маҳалҳое, ки аҳолӣ зичтар буда, бо афзудани аҳолӣ ва кушодани муассисаҳои таълимии нав талабот ба омӯзгор дар онҳо пайдо мегардад, паси мизи омӯзгорӣ будани омӯзгор ва таълиму тарбияи насли наврас муфидтар ва ба манфиати ҷомеа маҳсуб меёбад.

Моддаи 4-и қонун марбут ба шаъну шарафи омӯзгор буда, вай «дахлнопазир» эълон гардидааст. Эҳтироми омӯзгор аз ҷониби ҷомеа ва давлат таъмин гардида, ҳар гуна амале, ки обрӯи омӯзгорро коста мегардонад, қатъиян манъ шудаву омӯзгор зери ҳимояи қонун ба таври доимӣ қарор мегирад.

Ҳамзамон, таъкид намудан зарур аст, ки қонун як идда ҳуқуқҳои заруриро ба омӯзгор додааст, ки дар раванди фаъолияти омӯзгории худ аз онҳо истифода менамояд:

- иштирок дар таҳияи барномаҳо ва китобҳои дарсӣ;
- гузаштан аз аттестатсияи ғайринақшавӣ;
- талаб кардани шароити зарурӣ барои таълим;
- машғул шудан ба фаъолияти инфиродии таълимӣ, аз ҷумла, дар хона;
- ҳавасмандгардонӣ барои ихтироъ ва навовариҳои эҷодӣ ва чанди дигар талаботи дигар, ки барои эҷодкории омӯзгор ва пешрафти ӯ дар ин ҷода нақши бузург мебозад.

Дар моддаи 6 ӯҳдадориҳои омӯзгор дарҷ шуда, дар баробари ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу дигар масоили марбут ба эҳтироми ӯ, масъалаҳое матраҳ шудаанд, ки омӯзгорро барои иҷрои онҳо вазифадор менамоянд. Пеш аз ҳама, омӯзгор-мураббӣ-тарбиятгар бо ахлоқи ҳамида, рафтори наку, гуфтори зебову боодобонаи худ дар ҷомеа бояд намуна бошад. Маҳз ҳамин ахлоқи ҳамида ва рафтори наку таъсири қавӣ дар рафтору гуфтори шогирдон мегузорад ва таълиму тарбия бо ҳамдигар тавъам ва ба манфиат мегарданд.

Тавсия шудааст, ки омӯзгор дар баробари ахлоқи ҳамида, тарзи зебо пӯшидани либосҳои тавсиявӣ, риояи қонунгузории ҷумҳурӣ, эҳтироми арзишҳои фарҳангӣ, миллӣ, муҳаббат ба диёр ба хонандагон ва донишҷӯён, дилбастагӣ ба касби омӯзгорӣ, эҳтиром ба падару модари муҳассилин, нафрат ба ҷанг, нафрат ба равияву гурӯҳҳои ифротию экстремистӣ ва дигар омилҳои нажодпарастиву фитнаангезро дошта бошад. Ҳамзамон, омӯзгор дар ҳеҷ сурат хонанда

ва ё донишҷӯро барои шомил шудан ба ҳизб ва ё ҳаракати сиёсӣ, динӣ ва ё мазҳабӣ набояд тарғибу ташвиқ созад ва барои паҳн намудани ақидаҳои ифротию экстремистӣ дар муҳити муассисаи таълимӣ ва хориҷ аз он ҳамчун омӯзгор ва зиёӣ монеа эҷод намояд. Дар тавзеҳи масъалаҳои марбут ба сиёсати давлат ва нақш гузоштан дар кори ободонию созандагӣ ҳамчун зиёӣ дар байни ҷомеа нақши қавӣ дошта бошад.

Ва аз ҳама нуктаи асосӣ, омӯзгор масъул аст, ки дарси худро дар доираи талаботи стандартҳои фаннӣ баргузор намояд ва барои баланд шудани сифати таҳсилот ва аз худ намудани мавзуи дарс аз ҷиҳати руҳию равонӣ ба хонанда ва ё донишҷӯ таъсири файзбор расонида тавонад.

Моддаи 8-и Қонун оид ба кафолатҳо ва ҳавасмандгардонии омӯзгор баҳс намуда, нуктаҳои зиёдеро дар раванди ҳавасмандгардонӣ ва кафолатҳои давлатӣ таъкид намудааст. Давлат ба истироҳату саломатӣ, қитъаи замин гирифтан, аз андоз озод намудани омӯзгорон, ба табобату солимгардонӣ ҷалб намудани онҳо, аз курсҳои такмили ихтисос гузаштан, таъмини ҷойи зист дар деҳот ва дигар масъалаҳои иҷтимоии омӯзгорон дар доираи қонуни мазкур кафолат додааст.

Масъалаҳои зиёде ҳастанд, ки қонуни мазкур барои таъмини мақоми омӯзгор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои заруриро фароҳам оварда, роҳу равиши ҷомеаро дар эҳтиром ва гиромидошти омӯзгор матраҳ намудааст.

Пас, вазифаи мо, омӯзгорон, дар баробари ин ғамхориҳои Ҳукумат бо тамоми ҳастӣ хидмат ба мардум, тарбия намудани насли наврас, бунёд гузоштан ба як ҷомеаи фарҳангӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ буда, аз мо ҳамчун омӯзгор намуна будан миёни ҷомеа тақозо мешавад.

Ҳурмати илму устоду китоб
Лозими ин раҳ аст аз ҳама боб.
Ҳар кӣ ӯ тарки ин се ҳурмат кард,
Азми идбору майли зиллат кард.
Пой аз ҳурмат он касе, ки кашид,
Андар ин раҳ ба ҳеҷ ҷо нарасид.

**Камолиддин Биноӣ**

# РАСМУ ОДАТҲОИ МАРБУТ БА ХОНАВОДА ДАР «ШОҲНОМА»



Шамшод ДИЛШОДЗОДА – омӯзгори забони давлатии Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Мактаби Ҷаҳон»-и ноҳияи Фирдавсӣ

**Доир ба «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ аз ҷониби ҳам донишмандони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ корҳои мондагор ва бунёдӣ анҷом дода шудааст. Дар ин ҳамосаи миллӣ масъалаи хонавода, бунёд ва пойдории он хеле мӯшикофона ва дақиқ оварда шудаанд, ки ба назари инҷониб, омӯзиш, татбиқ ва истифодаву эҳёи онҳо барои насли имрӯз амри зарурӣ ба шумор меравад. «Шоҳнома» метавонад замина ва ҷанбаҳои гуногуни фарҳанги мардумро бозгӯ ва равшан созад.**

Баҳси издивоҷ ва ташкили ниҳоди иҷтимоии хонавода дар миёни мардуми тоҷик аз ҷумлаи мавзуъҳое мебошад, ки Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ба он ишораҳои хеле ҷолиб дорад. Одобу русуми хонаводагиро, ки дар «Шоҳнома» таҷассум ёфтаанд, шартан ба чаҳор бахш ҷудо карда, моҳияти онҳоро бо мисолҳо тавзеҳ медиҳем:

1. **Одоб ва русуми пеш аз издивоҷ.**

**а) Иҷозат гирифтани писар аз падар барои издивоҷ**. Яке аз машҳуртарин, зеботарин ва калонтарин достонҳои «Шоҳнома» достони «Зол ва Рудоба» мебошад. Дар ин достон аксар расму оини миллии тоҷикӣ инъикос ёфтаанд. Масалан, вақте Зол аз духтаре бо номи Рудоба дар хонаи Меҳроби кобулӣ огоҳ мешавад, ба ӯ дил мебандад ва Рудоба низ шефтаи пайкару бозуи Зол мешавад. Зол бо кумаки хидматгузорони Рудоба вориди қасри ӯ мешавад. Рудоба аз болои бом бо гесӯвони кушода ба Зол чунин мегӯяд:

**Бигир ин сияҳгесӯ аз як сӯвам,**
**Зи баҳри ту бояд ҳаме гесӯвам [4, 274].**

Донишманди фақид, устод Худоӣ Шарифзода дар китоби ««Шоҳнома» ва шеъри замони Фирдавсӣ» доир ба муносибати Золу Рудоба ва мақсади сафари Зол ба Кобул баҳс карда, ин масъаларо чунин таҳлил кардааст: «Дар оғоз нияти Зол сафар кардану ҷаҳон дидан буд. Баъди шунидани васфи духтари шоҳи Кобул шавқи ботин ба зоҳир омад ва ҷои холии маънии сафарро гирифту пурра кард. Ин маънои таҳтонӣ ва тасвири зоҳириро Фирдавсӣ бар мабнои русуми мардуми Хуросони он замон оростааст, вагарна дар ривояти қадим шукӯҳи ҷаҳонпаҳлавони ҷавон Зол ва подшоҳи Кобул ҳузур дораду бас» [8, 139].



Зол ба Рудоба менигарад ва ба гесӯвони ӯ бӯса мезанад ва бар сари бом мешавад ва Рудоба ӯро бо худ ба қаср мебарад. Ҳангоми суҳбат Зол ба Рудоба мегӯяд, ки агар ин хабар ба шоҳ Манучеҳр ва Сом бирасад, ба ин кори мо розӣ нахоҳанд шуд. Пасон, номае ба падари худ менависад ва ӯро аз гирифтории худ ба ишқи Рудоба огоҳ мекунад ва ризоияти падарро дар бунёди хонавода мехоҳад:

**Ба паймон чунин гуфт пеши гурӯҳ,**
**«Чу боз оваридем зи Албурзкӯҳ.**
**Ки ҳеҷ орзу бар дилат нагсилам»,**
**Кунун андар ин аст баста дилам [4, 274.].**

Лаҳзаи муроҷиат ва иҷозат хостани Зол аз падар барои издивоҷ дар кутуби таҳқиқӣ аз ҷиҳати равоншиносӣ бисёр дақиқ тавзеҳ ёфтааст. Х. Шарифзода ин лаҳзаро чунин таҳлил кардааст: «Тибқи мантиқи воқеияти иҷтимоӣ писар дар кори ишқу издивоҷ бояд раъю назари падарро бифаҳмад. Бо ҳамин сабаб, Золи Зар бо маслиҳату машварати донишмандон ба сӯи падар нома фиристод...» [8, 151].

Сом, падари Зол низ баъд аз машварат бо мубадон ва хешовандон ба сабаби аз тухмаи Заҳҳок будани Меҳроб ба издивоҷи Золу Рудоба раъйи нек надоданд. Бо вуҷуди ин, Зол ба издивоҷи онҳо розӣ мешавад.

**б) Иҷозат гирифтани бузургон аз шоҳ барои издивоҷ**. Дар достон Сом нома ва пайғоме барои писар фиристод ва дар он зикр кард, ки ба назди подшоҳ меравам ва раъйи эшонро дар ин бора мепурсам, то он чӣ дастуре дар бораи бунёди хонавода ба ту медиҳад:

**Ман, инак, ба шабгир аз ин размгоҳ,**
**Сӯйи шаҳри Эрон гузорам сипоҳ.**
**Бад-он то чӣ фармон диҳад шаҳриёр,**
**Чӣ дорад аз ин кор Парвардигор [4, 288.].**

Дар номае, ки Сом ба Манучеҳр дар бораи ин издивоҷ навишта буд, ба таври муаддабона нигоштааст, ки Зол орзуе дорад ва ризоияту фармони шуморо мехоҳад:

**Яке орзу дорад андар ниҳон,**
**Биёяд, бихоҳад зи шоҳи ҷаҳон.**
**Яке орзу, к-он ба Яздон накуст,**
**Куҷо некуй зери паймони ӯст.**
**Накардем бе ройи шоҳи бузург,**
**Ки банда набояд, ки бошад сутург [4, 321.].**

Ниҳоят Манучеҳр раъйи нек медиҳад ва барои ин издивоҷ розӣ мешавад:

**Расиду бидонистам аз коми ӯй,**
**Ҳамон хоҳишу рою ороми ӯй [4, 348.].**

Дар ин ҷо чизе, ки ҷалби хотир мекунад, он аст, ки тавре имрӯз мушоҳида мешавад, мардуми як минтақа ба минтақаи дигар пайванди хешу табориро ба роҳ намемонанд, ки ин омил боиси тафриқаандозӣ ва ҷудоии мардуми мо мешавад. Аммо аз муносибати Сом ва Манучеҳр ба ин издивоҷ маълум мешавад, ки онҳо барои васл ва наздик кардани ду минтақа, ҳамчунин, муносибатҳои гуногуни давлатдорӣ ба ин издивоҷ розӣ мешаванд.

**в) Дуо кардан барои кушоиши кор**. Аз ҷанбаҳои дигаре, ки зимни достонҳои «Шоҳнома», махсусан, зимни достонҳои ошиқона дида мешавад, дуо ва ниёиш мебошад. Масалан, вақте Зол муваффақ мешавад, ки Рудобаро бубинад, шукри Худойро ба ҷо овард ва гуфт, ки эй моҳрӯй, чӣ шабҳо, ки дар пеши Яздони пок даст ба дуо бардоштам ва хостам, то Худои ҷаҳон рӯйи туро бар ман нишон диҳад.

**г) Истифода аз миёнарав барои ирсоли паём бо якдигар**. Доир ба ин масъала Х. Шарифзода гуфтааст: «Дар таомули мардумӣ баъди огаҳӣ аз ҳоли якдигар шавқи дидор падид меояд. Дидор кардан усул ва роҳҳои зиёде дорад. Дар достони «Зол ва Рудоба» чизҳои хоси таомули мардумӣ дар ҷилваи муносиби ҳоли достон ба қалам омадаанд. Ҳамрози наздики шоҳзодадухтар, албатта, парастандагони ӯянд. Онҳо хидматгорон ва канизони ӯ буданд ва духтар ба онҳо розро ошкор кард... Рудоба ба Зол ошиқ буданаш ва ва меҳри Золро дар дилу ҷону ҳуш доштанашро ба онҳо арз карда хоҳиш дошт, ки аз ин роз касе набояд огоҳӣ ёбад ва яке чора ҳам дар ин бора бояд андешид» [8, 141]. Тавре аз саросари ин достон бармеояд, зане ширинсухан ва малеҳгуфтор паёми ин ду дилдодаро ба ҳам мерасонад:

**Миёни сипаҳдору он сарвбун,**
**Зане буд гӯянда ширинсухун.**
**Паём оваридӣ сӯи паҳлавон,**
**Ҳам аз паҳлавон сӯи сарви равон.**
**Сипаҳдор Дастон мар ӯро бихонд,**
**Сухан ҳар чӣ бишнид, бо ӯ биронд [4, 290.].**

Ҳангоме ки Зол розигии падарро ба Рудоба мерасонад, Рудоба ба зани ширинсухан (миёнарав) бахшишҳо ва меҳрубониҳои зиёд ва сарбанде аз тило ва ёқут туҳфа мекунад.

**ғ) Паймон бастан пеш аз тӯй барои издивоҷ**. Зол нигаронӣ мекашид, ки мабодо Манучеҳр ва Сом ба ин издивоҷ мухолифат кунанд, аз ин рӯ, рӯй ба Рудоба мекунад ва мегӯяд, ки агар ин хабар ба Манучеҳр ва Сом бирасад, бар ин кор ҳамдостон нахоҳанд шуд ва аз кори ман дар ғазаб мешаванд, аммо савганд ба Яздон, ки ҳаргиз даст аз ишқи ту барнамекашам ва мудом бо ту мемонам:

**Пазируфтам аз додгар доварам,**
**Ки ҳаргиз зи паймони ту нагзарам.**
**Шавам пеши Яздон, ситоиш кунам,**
**Чу яздонпарастон ниёиш кунам.**
**Магар, к-ӯ дили Сому шоҳи замин,**
**Бишӯяд зи хашму зи пайкору кин.**
**Ҷаҳонофарин бишнавад гуфти ман,**
**Магар, к-ошкоро шавӣ ҷуфти ман.**
**Бад-ӯ гуфт Рудоба: Ман ҳам чунин,**
**Пазируфтам аз довари кешу дин,**
**Ки бар ман набошад касе подшо,**
**Ҷаҳонофарин бар забонам гуво.**
**Ҷуз аз паҳлавони ҷаҳон Золи Зар,**
**Ки бо тоҷу ганҷ асту бо ному фар.**
**Ҳаме меҳрашон ҳар замон беш буд,**
**Хирад, пеш буд, орзу беш буд [4, 276].**

Рудоба ба модараш аз меҳрварзии худ бо Зол барои модараш чунин мегӯяд:

**Бад-он, к-ӯ маро диду бо ман нишаст,**
**Ба паймон гирифтем дасташ ба даст [4, 348].**

**д) Фиристодани туҳфаи пинҳонӣ ба маъшуқа**. Яке аз расмҳои маъмули дигар, ки пеш аз издивоҷ сурат мегирад, додани туҳфа ба дӯстдошта мебошад. Дар достони мазкур вақте ки хидматгорони Рудоба дар чаманзор ба чидани гул машғул буданд, Зол ба онҳо паём дод ва ҳамёне пур аз тило ва ҷавоҳирот ба Рудоба туҳфа бурд.

**2. Хостгорӣ кардан ва маросимҳои марбут ба он**

**а) Хостгорӣ.** Хостгорӣ низ яке аз маросимҳои пеш аз издивоҷ мебошад, ки дар он хостгорҳо барои гирифтани ризоияти волидайни духтар ба хонаи онҳо мераванд. Хостгорӣ кардани духтар дар чанд ҷойи «Шоҳнома» омадааст. Масалан, вақте ки Рустам Таҳминаро писандид, супориш дод, то мубаде ӯро аз падараш барои Рустам хостгорӣ кунад:

**Бифармуд то мубади пурҳунар,**
**Биёяд бихоҳад ӯро аз падар [4, 348].**

Дар достони Баҳроми Чӯбина низ маросими хостгорӣ ба ҷо оварда шудааст.

**б) Туҳфа додан ва туҳфа хостан дар хостгорӣ**. Ин одат дар вақти дидани рӯйи арӯс мушоҳида мешавад. Туҳфаро, одатан, домод ё падари домод ҳангоме рӯйи арӯсро бори нахуст мебинад, медиҳад. Аммо дар «Шоҳнома» як бор парастандагони Рудоба баъд аз тавсифи зебоиҳои чеҳраи Рудоба аз Зол туҳфа гирифтаанд ва ин вазъро Рудоба мефаҳмад ва ба хидматгорони худ мегӯяд:

**Рухи ман ба пешаш биёростед,**
**Ба гуфтори ӯ з-он пас баҳо хостед?**
**Ҳаме гуфту лабҳо пур аз ханда дошт,**
**Рухон ҳамчу гулнор оганда дошт.**
**Чунин гуфт пас бонуи бонувон,**
**Парастандаеро, к-аз эдар давон.**
**Ба мужда шабонгаҳ сӯи ӯ шавед,**
**Бигӯеду гуфтори ӯ бишнавед,**
**Ки комат баромад, биёрой кор,**
**Биё, то бубинӣ маҳи пурнигор [4, 271].**

Сом, падари Зол тибқи суннати ҷорӣ аз модари арӯс – Синдухт мехоҳад, то арӯсро ба ӯ нишон диҳад ва туҳфа – баҳои онро бигирад:

**Яке рӯйи он баччаи аждаҳо,**
**Маро низ бинмову бистон баҳо,**
**Магар дидани ӯ писанд оядам,**
**Ва гуфтори ӯ судманд оядам [4, 333].**

Тавре маълум аст, дар рӯзи тӯй аз ҷониби арӯс низ ба домод ва наздикони ӯ ҳадияҳо дода мешавад. Ҳамон тавр, ки Сом дар рӯзи ҷашн ба Синдухт гуфт, ки то кай арӯсро дар паси парда нигоҳ медорӣ ва ӯ дар ҷавоб гуфт, агар орзуи дидани чеҳраи офтобсифати арӯсро дорӣ, армуғоне пешкаш кун.

**в) Оростани арӯс.** Аз расмҳои маъмули дигар, оростани арӯс ва гусел кардан ба хонаи шавҳар мебошад. Дар достони «Зол ва Рудоба» низ ин оину суннати мардум ба таври барҷаста инъикос шудааст:

**Биёрост Рудобаро чун биҳишт,**
**Бар ӯ бар басе ҷодуиҳо навишт.**
**Нишондаш дар он хонаи рӯзгор,**
**Касеро бар ӯ бар надоданд бор [4, 357.].**

**г) Омода шудан барои баргузории ҷашнҳо ва хурсандиҳо.** Яке аз маросимҳои дигари марбут ба оиладорӣ, ташкили базм, сururу хурсандӣ ва шодии тарафайн мебошад. Пас аз маросими ақди Рудоба ва Зол, Синдухт дастур медиҳад, ки кохро оро диҳанд ва майю мушку анбар ба ҳам биомезанд ва фаршҳои заррин густуранд, ки Фирдавсӣ ин манзарaро хеле зебову ҷаззоб тасвир кардааст:

**Чу бишнид Синдухт гуфтори ӯй,**
**Ба ороиши кох бинҳод рӯй.**
**Бари духтар омад пур аз ханда лаб,**
**Кушода рухи рӯзгун зери шаб**
**Ҳаме мужда додаш, ки ҷангипаланг,**
**Зи гӯри жаён кард кӯтоҳ чанг [4, 300].**

Ё ин ки:

**Дар айвон яке тахти заррин ниҳод,**
**Ба оину ороиши Чин ниҳод.**
**Ҳама пайкараш гавҳар оганда буд,**
**Миёни гуҳар нақши оканда буд.**
**Зи ёқут мар тахтро поя буд,**
**Ки тахти каён буду пурмоя буд.**
**Биёрост Рудобаро чун биҳишт,**
**Бар ӯ-бар басе ҷодуиҳо набишт.**
**Нишондаш дар он хонаи зарнигор,**
**Касеро бари ӯ надоданд бор.**
**Хама Кобулистон шуд ороста,**
**Пур аз рангу бӯю пур аз хоста.**
**Хама пушти пилон биёростанд,**
**Ба дебои румӣ биперостанд. [4, 351].**

Ҳангоме Сому Зол барои ҷустани арӯс ба Кобул ворид шуданд, маросими махсусе баргузор карданд. Маълум аст, ки ин гуна маросимҳои шодӣ миёни мардум ғайр аз ҷашну тӯй дар дигар ҳолатҳо низ баргузор мешавад.

**ғ) Тухфа додан ба арӯсу домод**. Яке аз одатҳои дигар, дар ҷашнҳои хонадоршавӣ тақдими тухфаҳо ба арӯсу домод мебошад. Ин манзара дар достони «Зол ва Рудоба» мушоҳида мешавад. Ҳангоме Меҳроби кобулӣ ба истиқболи Зол меояд, тоҷи заррин бар сари ӯ мениҳад:

**Яке тоҷи заррин, нигораш гуҳар,**
**Ниҳод аз бари тораи Золи Зар.**
**Ба Кобул расиданд хандону шод,**
**Суханҳои дерина карданд ёд. [4, 354].**

Ҳамчунин, Зол тоҷи зарринро ба арӯс ҳадия мекунад:

**Чу Рудоба биншаст бо Золи Зар,**
**Ба сар барниҳодаш яке тоҷи зар [4, 354].**

3. **Расму оинҳои марбут ба тавлиди кӯдак.**

**а) Туҳфа додан ба модар ҳангоми зодани тифл**. Дар миёни мардум расму оин ва одатҳои гуногуне доир ба ин масъала вуҷуд дорад, ки онҳо реша дар умқи таърихи пурғановати мардуми мо дорад. Ин маросим дар «Шоҳнома» низ ба мушоҳида мерасад. Дар ин ҳамосаи миллӣ манзараҳое вуҷуд дорад, ки марбут ба шодмонии падар барои тавлиди фарзанд мебошанд. Масалан, ҳангоме ки Рустам ба дунё омад, ба модараш – Рудоба гавҳарафшонӣ карданд ва савғоҳои зиёде доданд ва Худоро шукри беандоза карданд:

**Бар ӯ зарру гавҳар барафшонданд,**
**Абар Кирдигор офарин хонданд.**
**Мар он баччаро пеши ӯ тохтанд,**
**Ба сони сипехре барафрохтанд.**
**Ба якрӯза гуфтӣ, ки яксола буд,**
**Яке тӯдаи савсану лола буд [4, 363].**

Ин манзараро ҳангоми зодани Суҳроб ҳам мушоҳида мекунем. Вақте Рустам огоҳ мешавад, ки Таҳмина писардор шудааст, номае ба ӯ менависад ва се ёқути рахшон бо се муҳраи зар барои ӯ мефиристад:

**Яке нома аз Рустами ҷангҷӯй,**
**Биёварду бинмуд пинҳон бад-ӯй.**
**Се ёқути рахшон ба се муҳра зар,**
**Аз Эрон фиристода будаш падар [4, 379].**

**б) Мужда додан ба дигарон ва ном ниҳодан ба кӯдак**. Аз масъалаҳои муҳимми дигар, тавлиди тифл ва мужда расонидан ба падар ва пайвандону наздикон мебошад. Масалан, ба ҳангоми фарзандор шудани Сом ба ӯ чунин мужда доданд:

**Мар ӯро ба фарзанд – бар мужда дод,**
**Забон баркушод, офарин кард ёд,**
**Ки бар Соми ял рӯз фархунда бод!**
**Дили бадсиголони ӯ канда бод!**
**Бидодат Худой он чӣ мехостӣ,**
**Ҳаме ҷон бад-ин хоҳиш орростӣ.**
**Паси пардаи ту, эй номҷӯй,**
**Яке покпур омад аз моҳрӯй.**
**Яке паҳлавонбаччаи шердил,**
**Намояд бад-ин кӯдакӣ чирдил.**
**Танаш нукраи поку рух чун биҳишт,**
**Бар ӯ-бар набинӣ як андом-ш зишт [4, 225.].**

4. **Робитаҳои хонаводагӣ**.

Тавре қаблан зикр кардем, бунёди хонавода ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ дар «Шоҳнома» мавриди таваҷҷуҳи махсуси Фирдавсӣ қарор мегирад. Робитаҳои хонаводагӣ, махсусан, шавҳар бо ҳамсар ва падар бо фарзандон дорои вижагиҳои хос мебошанд.

**а) Аҳаммият додан ба аслу насаби арӯс ё домод.** Дар «Шоҳнома» масъалаи аслу насаб аз аҳаммият холӣ нест. Пурсида мешавад, ки падару модари ӯ чӣ касе мебошанд ва чӣ шуғл доранд. Суҳроб аз модараш мепурсад, ки падараш кист ва агар касе дар бораи падараш аз ӯ пурсад, чӣ посухе бояд бидиҳад. Барои Суҳроб донистани аслу насаби худ муҳим мебошад. Ҳатто ба модари худ таҳдид мекунад, ки мабодо сирри ин масъаларо пинҳон монад:

**Зи тухми киям в-аз кадомин гуҳар?**
**Чӣ гӯям, чу пурсад касе аз падар?**
**Гар ин пурсиш аз ман бимонад ниҳон,**
**Намонам туро зинда андар ҷаҳон [5, 221].**

**б) Муносибатҳои маҳрамона ва муҳаббати байни зану мард**. Барқарорӣ ва тақвияти равобити отифии байни зану мард аз масъалаҳое мебошанд, ки дар «Шоҳнома» намунаҳои зиёде аз он ба мушоҳида мерасанд. Вохӯриҳо ва гуфтугӯҳо, пеш аз издивоҷ ва пас аз он, яке аз

роиҷтарин шеваҳои тақвияти робитаҳои муҳаббатомези зану мард аст. Мисоли равшан дар ин масъала ба дунё омадани Суҳроб мебошад, ки Рустам мутаассир мешавад ва тухфаҳои гаронбаҳо ба Таҳмина мефиристад.

**в) Итоати фарзанд аз падар**. Ин масъала низ дар «Шоҳнома» хеле рӯшан инъикос мешавад. Фармон набурдан аз падар зиштӣ ба ҳисоб меравад ва оқибатҳои нохуб дорад. Яъне, дар «Шоҳнома» эҳтироми волидайн дар он зоҳир мегардад, ки фарзанд бояд бар падари хеш итоат кунад.

**г) Таваҷҷуҳ ба тарбияи фарзанд**. Таълиму тарбия ва ба роҳи росту дуруст ҳидоят кардани фарзандон яке аз бузургтарин хисоли инсонист. Ҳаққи падар аст, то фарзандро дар роҳи неку босаодат тарбият кунад. Дар «Шоҳнома» аз ҷониби Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ ин масъала ба таври густарда баррасӣ шудааст.

Аз таҳқиқи мухтасари урфу одатҳои марбут ба хонавода дар «Шоҳнома» маълум мешавад, ки ҳамаи он расму оинҳо, ки имрӯз дар миёни мардуми мо роиҷ мебошанд, дар ин шоҳасар дарҷ шудааст. Аз ин лиҳоз, «Шоҳнома» барои ҳифзу нигаҳдошти унсурҳои фарҳанги ғайримоддии мо сарчашмаи нодире мебошад, ки таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқи он барои наслҳои оянда зарур ва ногузир мебошад. Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ расму оин ва суннатҳоеро, ки дар давраҳои пешин вуҷуд доштанд, эҳтиром гузошта, инъикоси онҳоро бароиояндагон зарур донистааст. Махсусан, панду андарзҳои «Шоҳнома» дар мавриди подшоҳон, афроди гуногуни ҷомеа ва фарзандон ҳамчун манбаъҳои тарбиявию ахлоқӣ барои наслҳои имрӯзу оянда аз манфиат холӣ нест.

## АДАБИЁТ

1. Абдулов, Н. Достонҳои ишқӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / Н. Абдулов. – Душанбе: Сино, 2007. – 180 с.

2. Афсаҳзод, А. Суннати андарзгӯӣ. / Аълохон Афсаҳзод. Ахбори АИ ҶТ. Силсилаи шарқшиносӣ, таърих, филология, 1994. – № 2. – С. 47-57.

3. Сафо, З. Ҳамосасароӣ дар Эрон. Аз қадимтарин ахди таърихӣ то қарни чаҳордаҳуми ҳиҷрӣ / Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон, Амири Кабир, 1384.

4. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома Ҷ. 1. / Абулқосими Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 479 с.

5. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома Ҷ. 2. / Абулқосими Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.

6. Фурӯзонфар, Б. Сухан ва суханварон / Бадеъузамони Фурӯзонфар. – Теҳрон: Интишороти Хоразмӣ, 1380.

7. Хотамӣ, Аҳмад. Баррасии одоби пайванди заношӯӣ дар ва умури хонавода дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. / Фаслномаи «Адаб», шумораи 150. – Теҳрон, 1387. – 22 с.

8. Шарифзода Х. «Шоҳнома» ва шеъри замони Фирдавсӣ / Х. Шарифзода. – Душанбе, 2014. – 400 с.

Чу аз насли Фаридунем,
Аз як реша, як хунем.
Чу аз хуни Сиёвушем,
Ҷовидон ҳамоғӯшем.
Дирафши ковиён бо мост,
Фарри ориён бо мост.

**Лоиқ Шералӣ**

# ОМӮЗИШ ВА РУШДИ САЛОҲИЯТИ ХОНАНДАГОН
## *АЗ ОМӮЗОНДАН БА ОМӮХТАН*

**Дилором АБДУЛЛОЕВА, Бибиҷон УМАРОВА – муаллифони китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 5 (насли нав)**

**Замони муосир ва ҳазораи нав тақозо мекунад, ки вобаста ба ворид гардидани принсипи салоҳиятнокии касбӣ дар раванди таҳсилот, стандартҳои нави давлатии таълим такмил дода, вобаста ба ин, барои ҳамаи зинаҳои таълим насли нави китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ таҳия карда шаванд.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Дар сиёсати давлатии соҳаи маориф пайваста таъкид мегардад, ки раванди омӯзиш бояд ба талаботи замон ва ниёзҳои воқеии ҷомеа ҷавобгӯ бошад. Дар суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо зикр шудааст, ки мактаб вазифадор аст, на танҳо дониши назариявӣ, балки қобилияти фикрронӣ, ташаббускорӣ ва истифодаи донишро дар зиндагии амалӣ ташаккул диҳад. Ин таъкидҳо нишон медиҳанд, ки ҳадафи маорифи муосир тарбияи шахсияти фаъол, масъулиятшинос ва соҳибназар мебошад.

Дар шароити имрӯза тағйир ёфтани талабот ба натиҷаҳои омӯзиш воқеияти раднопазир аст. Агар дар равиши анъанавии таълим таваҷҷуҳ, асосан, ба интиқоли дониш ва азёдкунии қоидаҳо равона мешуд, имрӯз ҷомеа аз мактаб хонандаеро интизор аст, ки донишҳои андӯхтаи худро дар вазъиятҳои воқеии зиндагӣ истифода намояд. Дар равиши қаблӣ хонанда бештар нақши шунаванда ва иҷрокунандаи супоришҳоро иҷро мекард ва муваффақияти омӯзиш бо ҳаҷми маълумоти азёдшуда арзёбӣ мешуд. Аммо талаботи имрӯз аз хонанда фикрронии мустақил, қабули қарор ва табдил додани дониш ба амалро тақозо мекунад.

Китоби нави дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 5 маҳз дар ҳамин замина таҳия гардида, ҳадафи он фалсафаи омӯзишро аз «омӯзондан» ба «омӯхтан» тағйир додан аст. Дар маркази ин равиш хонанда ҳамчун субъекти фаъоли омӯзиш қарор гирифта, раванди таълим ба фаъолият, андеша ва таҷрибаи худи ӯ такя мекунад.

Фалсафаи асосии маводи нави таълимӣ бар он устувор аст, ки забон ҳамчун воситаи муошират, баёни андеша ва ҳаллу фасли масъалаҳои ҳаётӣ мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши забон набояд танҳо ба шарҳи қоидаҳои грамматикӣ маҳдуд гардад, зеро қоидаҳо дар ин равиш восита мебошанд, на ҳадаф. Донише, ки хонанда наметавонад онро дар ҳолатҳои мушаххаси зиндагӣ истифода барад, бесуд ҳисобида мешавад.



Дар китоби дарсӣ ва дафтари кории хонандаи синфи 5 ҳар мавзуъ аз масъалагузорӣ ва пешниҳоди мушкилоти ҳалталаб оғоз мeёбад, аз қабили интихоби ҳарф дар имло, сохтани сархат, таҳияи паёмак, тавсифи шахс ё нақли рӯйдод. Омӯзиш ба дарки маъно, мақсад ва истифодаи амалии забон равона шуда, хонандаро ба фаъолона истифода бурдани дониш водор месозад. Ин равиш имкон медиҳад, ки забон ҳамчун воситаи амал ва тафаккур дарк гардад, на ҳамчун маҷмуи қоидаҳои ҷудогона.

Дар маводи таҳияшудаи синфи 5 хонанда дигар қабулкунандаи ғайрифаъол (пассив)-и маълумот нест, балки иштирокдори фаъоли раванди омӯзиш мебошад. Ӯ кӯшиш мекунад, ки

мушкилотро дар такя ба донишу таҷрибаи бадастовардааш ҳал намояд, андешаҳои гуногун пешниҳод мекунад, дар муҳокима ва баҳс ҳамроҳ мешавад. Дар ин раванд хато ҳамчун камбудӣ не, балки ҳамчун қадами табиии омӯзиш пазируфта мешавад. Маҳз тавассути мушоҳида, муқоиса ва муҳокима хонанда ба дарки қонуниятҳо мерасад ва донишро мустақилона кашф мекунад. Ин равиш масъулият, мустақилият ва эътимод ба қобилияти фикррони шахсиро ташаккул медиҳад.

Тағйири фалсафаи омӯзиш боиси тағйири нақши омӯзгор низ мегардад. Омӯзгор дар ин равиш на манбаи ҷавобҳои тайёр, балки роҳнамо ва ташкилкунандаи раванди омӯзиш мебошад. Ӯ вазъияти омӯзиширо фароҳам месозад, саволҳои калидӣ пешниҳод мекунад, муҳокимаро роҳбарӣ менамояд ва хонандагонро ба андешидан ва таҳлил кардан водор месозад, ба ҷойи шарҳи мустақими қоидаҳо, омӯзгор хонандагонро ба таҳлили мисолҳо ва хулосабарорӣ ҳидоят мекунад. Қоидае, ки хонанда ба он мерасад, нисбат ба қоидаи шунидашуда устувортар дар хотир монда, дар амал самараи хуб ба бор меорад.

Ин фалсафа дар сохтори марҳилавии омӯзиш таҷассум ёфтааст. Марҳалаҳои «Кӯшиш мекунем», «Мушоҳида мекунем», «Хулоса мекунем», «Татбиқ мекунем» ва «Мулоҳиза мекунем» мантиқи омӯзишро таҷассум менамоянд. Ин ҷо сухан дар бораи панҷ марҳалаи омӯзиши як фасл меравад, на панҷ марҳалаи як дарс. Як фасл, одатан, ба як мавзуи мушаххас бахшида шуда, метавонад аз чанд соати дарсӣ иборат бошад. Дар доираи як фасл якчанд натиҷаи омӯзиш амалӣ мегардад, ки ҳамаи онҳо бо мавзуи асосӣ робитаи мустақим доранд. Ин пайдарпайӣ омӯзишро яклухт, амиқ ва ҳадафнок мегардонад.

Дар маводи таҳияшуда китоб ва дафтари хонанда ҳамчун ду ҷузъи ҷудонопазири низоми ягона тарҳрезӣ шудаанд. Китоб самти умумии омӯзиш, масъалаҳои ҳалталаб ва маводи мушоҳидавиро пешниҳод мекунад, дар ҳоле ки дафтари хонанда майдони амал, муҳокима, навиштан ва фикрронӣ мебошад. Ин ҳамгироӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки донишро на танҳо қабул кунад, балки онро дар раванди фаъол ташаккул дода татбиқ намояд.

Яке аз натиҷаҳои муҳимми чунин равиши омӯзиш рушди салоҳияти дарк ва ҳалли мушкилот мебошад. Хонанда меомӯзад, ки мушкилотро дуруст дарк намояд, роҳҳои эҳтимолии ҳалро баррасӣ кунад ва қарор қабул кунад. Ин салоҳиятҳо заминаи табиии гузариш ба омӯзиши лоиҳавӣ мебошанд. Дар чунин шароит хонандагон метавонанд дар доираи як ё якчанд фасл лоиҳаҳои хурд таҳия намоянд, ки дар онҳо дониш, малака ва муносибат ба таври ҳамгиро истифода мешаванд.

Фалсафаи омӯзише, ки дар синфи 5 поягузорӣ мегардад, барои синфҳои боло аҳаммияти стратегӣ дорад. Хонандагон малакаҳои таҳлил, асоснокқунӣ, таҳияи матн ва хударзёбиро аз бар мекунанд. Ин малакаҳо на танҳо барои омӯзиши фаннӣ, балки барои зиндагии мустақил низ аҳаммияти муҳим доранд.

Ҳамин тариқ, китоби нави «Забони тоҷикӣ», Дафтари корӣ барои хонандаи синфи 5 ва Тавсияҳои методӣ ба омӯзгор танҳо маҷмуи маводи таълимӣ набуда, балки ифодаи фалсафаи нави омӯзиш мебошад. Ин фалсафа хонандаро аз қабулкунандаи ғайрифаъол (пассив)-и маълумот ба иштирокчии фаъоли омӯзиш ва омӯзгорро аз интиқолдиҳандаи дониш ба роҳнамо ва ташкилкунандаи раванд табдил медиҳад. Фаҳмидани моҳияти ин фалсафа омӯзгорро талқин мекунад ва имконият медиҳад, ки китобро барои ташкили омӯзиши босамар истифода намояд.

> Шунидам, ки бошад забони сухан,
> Чу алмоси буррону теғи куҳан.
> Сухан бифканад минбару дорро,
> Зи сӯрох берун кашад морро.
>
> **Абушакури Балхӣ**

# ТАРБИЯИ КӮДАКОНИ МАЪЮБ ВА МУАЙЯН КАРДАНИ ҚОБИЛИЯТ ВА ИСТЕЪДОДИ ОНҲО



**Ҷамила ҲАКИМОВА – сармутахассиси шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ**

**Оғози асри XXI дар рушди соҳаи маорифи кишварҳои пешрафта марҳилаи нави илмиву иттилоотиро кушод ва Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ тадриҷан ба раванди умумиҷаҳонии ин марҳила ворид гардид.**

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар доираи сиёсати давлатӣ дар самти таҳсилот як қатор санади меъёрӣ-ҳуқуқии давлатӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба маъюбон (2018), Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (2010) ва ғайра таҳияву қабул гардиданд. Дар Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 чунин омадааст: «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир самтҳои асосии рушди таҳсилоти фарогир (инклюзивиро)-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, дар таъмини ҳуқуқҳои баробари кӯдакони имконияташон маҳдуд барои гирифтани таҳсилот мусоидат менамояд». Ислоҳоти соҳаи таҳсилоти маорифи кишвар дар давраи муосир ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбия равона гардида, масъалаҳои педагогикаи ислоҳӣ (логопед, сурдопедагог, олигофренопедагог, тифлопедагог ва ғайраҳо) барои гурӯҳҳои махсуси муассисаҳои махсуси таълимии кишвар аз ҷониби олимон – таҳқиқотчиён Б. Маҷидова, Л. Иматзода, М. Дадобоева, М. Обидова, А. М. Байзоев, Х. М. Сабуров, Ҷ. Ҳакимова, З. П. Раҳмонов, Д. З. Раҳмонова, С. Д. Кувватов ва дигарон мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Мутахассисони тоҷик дар ин самт бо такя ба таҳқиқоти олимону мутахассисони хориҷӣ, бахусус, олимони рус (Т. С. Зикова, Л. С. Виготский, М. С. Певзнер, Ж. Пиаже, И. М. Соловева, Ж. И. Шиф, Р. И. Лалаева, Н. Н. Малофеев, Т. В. Пелимская, Ф. Ф. Рау, Л. Н. Зуева, Е. Е. Шевтсова, Л. И. Белякова, Л. С. Волкова, Р. Е. Impact Factor: SJIF 2021 - 5.81 2022 - 5.94 ОФ «Международный научно-исследовательский центр «Endless Light in Science» 14 ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ PEDAGOGICAL SCIENCES Левина, О. В. Правдина, В. И. Селиверстов, Т. Б. Филичева, С. Холл ва дигарон) бар асоси муҳимтарин принсипҳои назарӣ ва амалии таълиму тарбияи бачаҳои дорои нуқсонҳои ақлию ҷисмӣ тадқиқотро ташкил намуда, асосҳои методологии илмии масъалаҳоро мавриди омӯзишу таҳлил қарор медиҳанд. Бояд қайд кард, ки дар педагогикаи ислоҳӣ оид ба проблемаҳои расондани ёрии ҳамаҷонибаи барвақт ба кӯдакони дорои хусусиятҳои гуногуни инкишофи психофизикӣ: нуқсони шунавоӣ (Л. М. Кобрина, Е. И. Леонгард, Т. В. Пелимская, Н. Д. Шматко ва дигарон), нуқсони биноӣ З. С. Алиева, Л. П. Григорева, О. В. Парамей, Л. И. Филчикова ва дигарон), ихтилоли ҳаракат (О. Г. Приходько, Е. В. Сазонова ва



дигарон) ихтилоли инкишофи нутқ (Б. К. Тупоногов, Г. В. Чиркина, Е. В. Шереметева ва дигарон), бо осеби органикии системаи марказии асаб (Е. А. Экжанова, Г. А. Мишина, Е. А. Стребелева ва дигарон) тадқиқоти сершумори илмӣ, назариявӣ ва амалӣ гузаронида шудааст. Бояд қайд кард, ки мавзуи педагогикаи ислоҳӣ ва вазифаҳои дар назди он гузошташуда самтҳоеро муайян менамояд, ки мувофиқи он бояд самтҳои тадқиқоти педагогии таълиму тарбияи одамони дорои иллатҳои мухталиф сурат гиранд. Методологияи педагогикаи истисноӣ сохт, шаклҳо ва тарзҳои омӯзиш ва арзёбии ҳақиқати педагогии таълими одамони носолимро дар бар мегирад. Муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳодисаҳо дар ягонагии диалектикӣ ва муносибати муайяни мутақобил вуҷуд доранд ва аз ин ҷиҳат як воҳиди томро ташкил медиҳанд. Дар робита бо ин, принсипҳои асосии методологии омӯзиши муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳодисаҳо барои тамоми илмҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумла, педагогикаи истисноӣ ягона мебошанд. Дар ин радиф баъзе самтҳои муосири методологияи илмиро аз назар мегузаронем. Дар асри XIX дар бораи педагогикаи истисноӣ (сурдопедагогика, тифлопедагогика, логопедия) тадқиқот сурат нагирифтааст. Дар асарҳои илмӣ таҷрибаи пешқадами таълими бачаҳои иллатӣ танҳо ҷамъбаст шудааст, вале барномаҳои тадқиқот, ташхиси натиҷаҳо, усулҳои омӯзиши масъалаҳо, хусусиятҳои татбиқи амалии онҳо асоснок нагардидаанд. Методологияи муосир робита ва вобастагии ҳамдигарии назария ва амалияро баррасӣ менамояд. Ҳангоми пешниҳоди масъалаҳои тадқиқот нақши афзалиятноки назария яке аз нишонаҳои муҳим будани тадқиқот ба шумор меравад. Он зиддиятҳои мавҷудаи иҷтимоӣ, ҳамзамон, номувофиқатии санаду ҳодисаҳои навро инъикос менамояд. Дарёфти зиддиятҳои воқеият, бар асоси онҳо ба миён гузоштани масъалаҳои илмӣ омили асосии ҷустуҷӯйҳои илмӣ мебошад. Омӯзиши масъала ба муҳаққиқ имкон медиҳад, ки вазифаҳо, хусусият, ҳадаф ва мавзуи тадқиқотро муайян созад. Усулҳои озмоишию таҷрибавӣ рангоранг буда, вобаста ба мақсад ва вазифаҳои тадқиқот – аз ҷамъоварии мавод сар карда то санҷиши нишондодҳои назарӣ ва ақидаҳои мураккаби илмӣ тасниф мешавад. Агар сарчашмаи ба даст овардани иттилоотро асоси таснифот қарор диҳем, пас, методҳоро метавон ба онҳое, ки моводи назариро меомӯзанд ва онҳое, ки раванди воқеии истисноию педагогиро меомӯзанд, тақсим намуд. Ба тарзи дуюм методҳои зерин шомиланд: мушоҳида, суҳбат, анкета, тест, таҳлили ҳуҷҷатҳо, фаъолияти омӯзгор – дефектолог ва хонандагон, озмоиши педагогӣ ва ғайра. (Impact Factor: SJIF 2021 - 5.81 2022 - 5.94 ОФ «Международный научно-исследовательский центр «Endless Light in Science» 15 ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ PEDAGOGICAL SCIENCES). Равандҳои истисноӣ (коррексионӣ) дар таълим ва тарбияи шахсияти бачаи бемор нақши муассир мебозанд. Дар раванди яклухти истисноию педагогӣ ҳамаи машғулиятҳо бояд ба ҷуброни нуқсон, ба рушди босамари бача равона гарданд. Таълим дар боғчаи махсуси кӯдакон бояд тарбия, инкишоф ва ислоҳро дар бар гирад. Дар ин маврид таълим ва тарбия бояд пеш аз инкишоф сурат гирад. Л. С. Виготский дар ин бобат мегӯяд: «Танҳо он таълим хуб аст, ки аз инкишоф пеш гузарад, бачаро ба зиндагӣ даъват намояд, як қатор равандҳои инкишофи дохилиро бедор созад, ба ҳаракат дарорад». Фаъолияти истисноии педагог ва талабагон бояд бо ҳам мувофиқат намоянд ва мақсадҳои умумӣ дошта бошад. Педагог ва талабагонро лозим аст, ки барои интиқол ва дарки итилооти таълим роҳу воситаҳои иртибот ёбанд. Муаллимро зарур аст, ки усулҳои кор бо оҷизону маъюбонро аз худ намояд, дар бачаҳои руҳан ва ҷисман ноқис малакаю маҳоратҳои мувофиқ ташаккул диҳад. Танҳо дар чунин ҳолат ба ягонагии таълим ва таҳсил дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ метавон муваффақ гардид.

Дигар қонунияти муҳим нақши коррексия ва муошират дар таълим ва тарбия мебошад. Бачаҳои ҷисман ва ҳиссан носолим дар мунисибат ва муошират душворӣ мекашанд, худро идора ва мақсадашонро пурра ифода карда наметавонанд. Профессор М. И. Земтсова дар тадқиқоти худ роҳҳои ҷуброни нобиноиро исбот намуд, ки муносибату муошират (дар бозӣ, меҳнат, донишомӯзӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ) барои бартараф сохтани душвориҳо омили муҳим ба шумор меравад. Педагогикаи истисноӣ, ё худ корҳои ислоҳсозӣ ба шахсони носолим имкон медиҳад, ки ба муносибату муошират ва омӯзиш пардозанд, зеро ба ин восита онҳо метавонанд норасоиро аз байн баранд. Ба назар гирифтани синну сол ва хусусиятҳои инфиродии бачаҳои дорои нуқси руҳию ҷисмӣ низ қонунияти муҳим махсуб меёбад. Раванди таълиму тарбияро ба синну соли бачаҳо ҳамоҳанг кардан лозим аст, зеро ҳар як синну сол махсусиятҳои худро дорад. Кор бо чунин бачаҳо муносибати инфиродиро тақозо менамоянд. Дар ин ҳолат на танҳо синну сол, балки шаклу сохтори нуқсонро ба назар гирифтан зарур аст. Бе донистани хусусиятҳои алоҳида барои бачаи бемор тафриқаи таълим ва ислоҳсозиро дуруст ва пурсамар

ташкил намудан мумкин нест. Қонуният робитаи мақсадҳо, мазмунҳо, усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои ташкили раванди яклухти коррексионию педагогӣ мебошад. Мақсадҳо бояд мазмунҳо, методҳо, воситаҳо ва шаклҳои фаъолияти педагогҳо ва талабагони носолимро муайян намоянд. Мазмуни таҳсилот интихоби усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои таълимро равшан месозад. Чунин пайдарпайӣ қонунист, вале он нопурра хоҳад буд, агар хусусияти раванди таҳсилот ва маҳз тамоюли истисноӣ (коррексионӣ)-и он ба назар гирифта нашавад. Раванди истисноию педагогӣ на танҳо маҷмуи донишу малакаҳоеро, ки талабагони носолим бояд омӯзанд, балки дар рафти таҳсил роҳҳои аз байн бурдани норасоиҳоро муайян мекунад. Яъне, ҳама ҷузъиёти раванди истисноию педагогӣ тамоюли махсус хоҳанд дошта, дар робита бо ҳамдигар амалӣ мегарданд. Ба андешаи муҳаққиқони тоҷик Л. Иматзода, Б. Маҷидова, М. Дадобоева, забонгирӣ яке аз душвортарин норасоии нутқ ба ҳисоб меравад ва бартараф кардани он душвор аст. Вайроншавии суръати нутқ ба забонгирӣ оварда мерасонад. Ин дар ҳоли талаффуз карда натавонистани калимаҳо аз тарафи кӯдакон ба вуҷуд меояд. Ба фикри мо, дар педагогикаи истисноӣ ду принсипи мустақилро ҷудо кардан лозим: фардият ва тафриқаи таълим ва тарбияи бачаҳои инкишофашон вайрон. Муносибати тафриқавӣ ва инфиродӣ ба хонандагони дорои нуқсонҳои мухталиф, пеш аз ҳама, ба мақсаду вазифаҳои таълиму тарбия дар мактабҳои махсус ва муассисаҳои томактабӣ ҷавоб хоҳад дод. Барои баррасии давраҳо, сохтор ва муттасилии корҳои истисноию педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва рушди бачаҳои аз инкишоф бозмонда моҳияти ислоҳ (коррексия) (Impact Factor: SJIF 2021 - 5.81 2022 - 5.94 ОФ «Международный научно-исследовательский центр «Endless Light in Science» 16 ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ PEDAGOGICAL SCIENCES), ҷуброн (компенсатсия) ва робитаю вобастагии мутақобили онҳоро ошкор кардан зарур аст. Компенсатсия – ҷуброн – ҷуброн намудани узви гумшуда ё қатъ гардидани бадани шахс аз ҳисоби истифодаи ҳисси нигоҳдоранда, мутобиқсозии техникӣ ва таҷдиди фаъолияти муҳаррикҳо таъсири коррексионӣ барои барҳам додани норасоии инкишофи рӯҳӣ, ки бо ин ё он бемории бача (норасоии ҳис, идрок, тасаввурот, фикр, тафаккур, нутқ, хотира, ҳаракат ва ғайра) алоқаманд аст, мадад мерасонад. Дар натиҷаи таъсири коррексионӣ дар решаи майнаи шахс робитаҳои нави муваққатӣ ба вуҷуд меоянд ва ё роҳҳои дигар ташкил мeёбанд, ки тавассути онҳо ба минтақаҳои алоҳида, ё ҷойҳои латхӯрда маълумот ё итилооъ фиристода мешавад. Дар натиҷа робитаҳои нави дарунӣ ташкил меёбанд, яъне, навсозӣ ба амал меояд, иттилоот ба воситаи ҳисҳои маҳфузмонда ворид мегардад. Мазмуни корҳои истисноӣ дар муассисаҳои таълимӣ (коррексионӣ) барномаи фаъолияти муътадил ва мақсадноки педагогию тиббӣ, ҳамзамон, худомӯзии талабагон буда, барои барҳам додан ва кам кардани норасоиҳои рӯҳӣ ва ҷисмии инкишофи бачаҳо равона гардидааст. Бо муайян намудани моҳияти корҳои истисноӣ аз мавқеи мазмуни умумии он зарур аст, ки шаклҳои татбиқи амалии он дар мактабҳои махсус ва муассисаҳои томактабӣ барои бачаҳои аз инкишоф бозмондаро баррасӣ намоем. Муносибати бонизом ва маҷмуӣ ба ин масъала имкон медиҳад, ки чаҳор шакли муҳимтарин созмондиҳии фаъолиятро ҷиҳати аз байн бурдани норасоиҳои руҳию ҷисмии инкишофи бачаҳо ҷудо намоем. Асоси таснифотро ташкил медиҳад: 1. Ҷой, шароит, мақсад ва вазифаҳои корҳои истисноию педагогӣ. 2. Тамоюли истисноии раванди умумии таълим. 3. Машғулиятҳои махсуси истисноӣ. 4. Машғулиятҳои истисноӣ дар оила 5. Худислоҳсозӣ.

Хеле муҳим аст, ки омӯзиши мавзуи фанҳои гуногун бо корҳои истисноию педагогӣ пайванд гардида, намуду усулҳои коррексияи педагогие, ки ҳангоми омӯзиши ин ё он мавзуъ пурсамар ба истифода мераванд, муайян карда шаванд. Дар муассисаҳои махсуси таълимӣ барои бачаҳои аз инкишоф бозмонда самаранокии корҳои истисноию педагогӣ аз он вобаста аст, ки ин раванд ба кадом дараҷа бо ислоҳи тиббӣ алоқаманд карда шудааст. Ин ду раванд ба ҳам робита дошта, қатъи назар аз баъзе хусусиятҳо, ҷиҳати аз байн бурдани норасоиҳои инкишофи бачаҳо, вазифаҳои умумиро ба ҷо меоранд. Кормандони тиббӣ барои мактабҳои махсус тавсияҳои беҳдоштию тиббӣ таҳия месозанд, ки шароити муътадили ташкили ислоҳи педагогиро муайян кунанд. Ва маҳз чунин тавсияҳо оид ба машғулиятҳои ҷисмонӣ, биноӣ ва шунавоӣ, истифодаи асбобу таҷҳизоти махсус, дастурҳоро дар бар гирифтаанд. Кормандони тиббӣ ва педагогӣ якҷоя масъалаҳои хасташавии бачаҳо, равшании хонаҳо, асбобҳои махсуси аёнӣ ва воситаҳои таълимро ҳал менамоянд. Педагогикаи муосири ҳамкорӣ талаб мекунад, ки коррексия дар муассисаҳои махсуси таълимӣ барои бачаҳои аз инкишоф бозмонда ва нуқсондошта бо ҳамкории муаллимон, мураббияҳо, падару модарон, кормандони тиб ва бачаҳо гузаронида шаванд.

# ТАВСИФИ ХУСУСИЯТҲОИ КӮДАКОНИ БОИСТЕЪДОД: ШИНОХТ, МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛ



**Зулфия ТОШБОЕВА – сармутахассиси шуъбаи таълим ва корҳои методии Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо**

**Рушду пешрафти дилхоҳ давлату миллат аз шахсони эҷодкору нававар, соҳиблаёқат ва кӯшову доно вобаста аст. Яъне, инсони боистеъдод қодир аст, на танҳо дар рушди давлати худ, балки ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳм гузорад. Ба андешаи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро «Дар асри ХХ1 ба дӯши омӯзгор на танҳо вазифаҳои таълиму тарбия, балки фароҳамсозии шароит барои ташаккули шахсияти кӯдак, манбаи илҳом барои омӯзиш, омӯзонидани андешаронихои дуруст ва навҷӯӣ истодааст» [11, с. 3] .**

Алберт Эйнштейн - олими олмонӣ ва асосгузори назарияи нисбият дар илми физика дар мусоҳибае бо рӯзноманигор Ҷорҷ Силвестер Вирек қобилияти бузурги инсонро чунин шарҳ додааст: «Тасаввурот ва хаёлот муҳимтар аз дониш аст. Дониш маҳдудият дорад, лекин хаёлот тамоми ҷаҳони ҳастиро фаро мегирад» [6, с.117-118]. Дуруст аст, ки дониш танҳо воқеияти исботшуда ва маҳдуд будани таҷрибаро фаро мегирад, аммо хаёлот бо тавоноии эҷодӣ метавонад олами имконотро фаро гирифта, дарёфти роҳҳои нави илмиро ба вуҷуд оварад.

Фрэнсис Бэкон - файласуфи англис ва таърихшинос қайд мекунад, ки «Истеъдодҳои табиӣ мисли гиёҳҳои ваҳшӣ ҳастанд, ки барои рушд ёфтан ба таълиму таҳсил ва таҳқиқоти илмӣ ниёз доранд» [3]. Дар ҳақиқат, истеъдод омилест, ки инсон бо он ба дунё меояд, лекин барои тағйир ёфтан ба қобилияти воқеӣ, самаранок ва судманд он ба омӯзиш, роҳнамоӣ ва таҳқиқи илмӣ ниёз дорад; вагарна мисли гиёҳи ваҳшӣ дар ҳолати ибтидоӣ мемонад ва имкони рушди комилро аз даст медиҳад. Диана Богоявленская - равоншинос, мутахассиси кор бо психологияи эҷодӣ ва истеъдод низ менависад: «Истеъдод ҳамчун хусусияти равонӣ буда, системавӣ ва ташаккулёбанда аст ва метавонад дар тӯли ҳаёти инсон инкишоф ёфта, натиҷаҳои барҷаста ва ғайриодиро ба даст орад» [10].

Кӯдакони боистеъдод аз ҳамсолони худ бо сатҳи баланди зеҳнӣ, кунҷковӣ, хотира, донишандӯзиву кашфиёт фарқ мекунанд ва қобилияти аҷиби ҷустуҷӯиву таҳқиқӣ ва эҷодӣ доранд. Ҷаҳонро бо кунҷковӣ меомӯзанд ва ба қобилияту истеъдоди худро рушд мебахшанд [14, с. 22].



Кӯдакони боистеъдод дорои захираи бойи луғавӣ, баёни дурусти ақидаи шахсӣ мебошанд. Чунин кӯдакон бо завқ луғату фарҳангҳоро мутолиа мекунанд, вожаҳои навро, ки ба андешаи онҳо дар нутқ зебо ва муҳиманд, меофаранд ва бозиҳои зеҳниро бисёртар меписанданд. Иловатан, қобилияти дер нигоҳ доштани таваҷҷуҳ ба объект ё мавзуи омӯзишӣ, истодагарӣ ҷиҳати ба даст овардани натиҷаи ниҳоӣ дар мавзуи писандида, иҷрои чанд вазифа ва ҳатто майл ба иҷрои супоришҳои мураккабро доранд. Онҳо метавонанд воқеаву маълумоти таърихии ҳаҷман бузургро мухтасар дар ҷадвалу нақша, диаграмма ҷой дода, ба тартиб биёранд, пайдарпайии воқеаҳоро риоя намуда,

фаъолияти худро покизакорона ва дақиқ анҷом диҳанд. Чунин рафтор аз баланд будани шавқу ҳавас ба фаъолият далолат мекунад.

Тадқиқотҳои психофизиологӣ нишон доданд, ки дар чунин кӯдакон фаъолияти нейронҳои нимкураҳои мағзи сар нисбат ба дигар кӯдакон фаъолтаранд [7].

Лекин «истеъдод»-и кӯдакон на ҳамеша шодӣ меоварад ва таваҷҷуҳи зиёдеро ба худ талаб мекунанд. Онҳо аз рӯйи рафтору гуфтор гуногунанд. Бештари онҳо беқароранд, намоиш додани бартарии худро дӯст медоранд ва ҳолатҳое мешавад, ки муассисаи таълимиро тарк мекунанд. Агар истеъдод дуруст роҳнамоӣ нагардад, метавонад ба атрофиён хатар оварад [14, с.22].

Баъзе кӯдакони боистеъдод нисбат ба ҳамсолон ва атрофиёни худ рафторҳои волоият ва худписандии худро бо андешаҳои гуногун (масалан, нисбат ба ҳамсинфону ҳамсолони худ «Бо ӯ дар атрофи чӣ суҳбат карда метавонам?» ё нисбат ба омӯзгор «Ӯ чиро ба ман омӯзонида метавонанд?») намоиш медиҳанд. Дар чунин ҳолат муоширати байниҳамдигарии кӯдакон ва ҳатто омӯзгор мушкилотро ба вуҷуд меоварад. Лекин бояд донист, ки чунин ҳолат - мушкилот ва камбудии оила дар самти тарбия буда, ба истеъдод бегона аст. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки хонандагони дорои қобилияти нодири рассомӣ, нақшофарӣ ва ё эҷоди матнҳои назмиву насрӣ мебошанд, дар байни ҳамсинфон, омӯзгорону маъмурият ва ҳатто аҳли хонандагони муассисаи таълимӣ мавриди таҳсину эҳтиром буда, дастгирии ҳамаҷониба меёбанд. Бинобар ин, ба чунин кӯдакони лаёқатманд аз ҷониби волидайн, омӯзгорон, маъмурияти муассисаи таълимӣ ва калонсолоне, ки онҳоро иҳота мекунанд, бояд диққати махсус дода шавад.

Яке аз мушкилиҳо дар ин самт муайян кардани истеъдод дар айёми кӯдакӣ ба ҳисоб меравад, чунки қобилияти инфиродии кӯдакро бояд аз қобилиятҳои физиологии синнусолӣ фарқ кард ва муайян намуд, ки оё дар марҳалаҳои ба балоғат расиданаш қобилият ӯ боқӣ мемонад ё на? Фаъолияти эҷодии кӯдак ва таҳқиқу эҷодкории инфиродии ӯ ба истеъдод хело наздик аст, лекин кафолат дода намешавад, ки чунин қобилият дар оянда рушд хоҳад ёфт ё не. Аз ин лиҳоз, муаррифии истеъдоди барвақтии кӯдак, ташаккули ояндаи ӯро пешгӯйӣ карда наметавонад.

Ошкор кардани қобилият, таҳлилу омӯзиш ва тарбияи кӯдакони боистеъдод аз масъалаҳои муҳимми соҳаи маориф ва илм ба шумор меравад. Ақидае вуҷуд дорад, ки гӯё кӯдакони боистеъдод ба дастгирии калонсолон ва роҳнамоӣ ниёз надоранд. Фаромӯш набояд кард, ки бо дарназардошти хусусиятҳои равониву шахсӣ чунин кӯдакон нисбат ба арзёбии фаъолияти фикрӣ, рафтор ва тафаккури худ ҳассостаранд ва муносибату рафторҳои атрофиёнро хуб дарк мекунанд.

Сатҳи ноогоҳӣ ва нокифоя будани маълумоти омӯзгорон дар самти педагогикаву психология ва омода набудани онҳо дар таълиму тарбияи чунин кӯдакон, ки тафаккури ғайримуқаррарӣ доранд, боиси нодуруст арзёбӣ кардани сифатҳои шахсӣ ва умуман фаъолияти таълиму тарбиявии онҳо мегардад. Тафаккур ва рафторҳои кӯдаки боистеъдод аз ҷониби омӯзгорону атрофиён ҳамчун дур будан аз меъёрҳои муқаррарии физиологиву равонӣ ё ба сифати муносибати манфӣ арзёбӣ мегарданд. Таҷрибаву тадқиқотҳое, ки дар бисёр кишварҳои ҷаҳон гузаронида шудаанд, баёнгари он аст, ки тағйир додани низоми маориф, муносибати омӯзгор ба кӯдаки боистеъдод ва дур кардани монеаҳо, ки истеъдоди ӯро маҳдуд карда метавонанд, кори хеле душвор аст. Новобаста аз сатҳи истеъдод, ҳар кӯдак ба омӯзиш ниёз дорад. Кӯдаки боистеъдод фишор, маҳдудият ва сарзанишро таҳаммул намекунад, ки ин метавонад ба мушкилот оварда расонад. Ба баъзе кӯдакони эҷодкору боистеъдод дар муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби омӯзгорону ҳамсинфон ва ҳамсолону калонсолон таваҷҷуҳи зарурӣ дода намешавад, ҳатто мавриди масхара ва озор қарор мегиранд. Дар чунин кӯдакон тарбия намудани сабр, пойдорӣ ва фурӯтанӣ кори осон нест. Онҳо ба фаъолияти зиёди ҷустуҷӯӣ ва зеҳнӣ ниёз доранд. Аз ин лиҳоз, аз синни томактабӣ онҳоро ба ҷустуҷӯву эҷодкорӣ ҷалб карда, муҳити мувофиқу созгорро фароҳам овардан лозим аст.

Таҳсили кӯдаки боистеъдод дар синфи одӣ ва бо барномаи стандартии таҳсилот, мисли ба таҳсил фаро гирифтани хонандаи солим, бо хонандагони дар инкишофи зеҳн қафомонда монанд аст. Дар чунин ҳолат кӯдак кӯшиш мекунад, ки ба ҳамсинфонаш монанд шавад ва бо мурури замон мисли онҳо рафтор мекунад. Ӯ дигар берун аз дастур ва вазифаҳои гузоштаи омӯзгор набаромада, дар чорчӯбаи муайян (меъёр ва ҳаҷм), ки имкони эҷодии ӯро маҳдуд карда истодаанд, амал мекунад. Чунин рафтори бемасъулиятӣ ва нокифоягии таҷрибаи омӯзгор метавонад дар муддати тӯлонӣ сабаби қафо мондани қобилияти зеҳниву эҷодии кӯдак гардад. Дар ин маврид директори Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо Муҳаммадҷон Ғаффорзода қайд мекунад, ки «Муайянсозии хонандагони болаёқат бояд берун аз қолабҳои таълимӣ анъанавӣ ва барномаҳои умумӣ амалӣ гардад, зеро потенсиали ин гуна кӯдакон на ҳамеша дар доираи барномаҳои умумӣ пурра баён мешавад» [4, с. 3].

Раванди дарс ва интихоби методу усулҳои таълим байни омӯзгорони кӯдакони болаёқат ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии муқаррарӣ қариб якхеланд. Фарқ танҳо дар каму зиёд будани соати мавзуъҳои таълимӣ мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки омӯзгорон дар машғулиятҳои анъанавӣ 85%-и вақтро ба фаҳмондадиҳӣ (монолог) сарф мекунанд ва ба замми ин, маводи таълимии омӯхташудаґро дар шакли тайёр пешниҳод менамоянд. Ҳатто дар машғулияте, ки мусоҳиба (диалог) вуҷуд дорад, аксар вақт ба такрори мавзуъҳои гузашта маҳдуд мешаванд.

Кӯдаки боистеъдод ба таваҷҷуҳи махсуси омӯзгор ниёз дорад. Омӯзгор бояд тамоми фаъолияти касбии худро барои ошкор ва рушди қобилиятҳои хонанда равона кунад. Аз ин лиҳоз, дар назди омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ саволҳои зер ба миён меоянд: *Кӯдаки боистеъдодро чӣ тавр бояд шинох? Чӣ тавр таълимро дар машғулият самаранок ба роҳ монд? Чӣ тавр қобилияти истеъдодии ӯро ташаккул дод? Кадом методҳои муосири таълимро дар машғулиятҳои худ бояд бештар истифода намуд?* [14, с. 23].

Дар таҳқиқу эҷодкорӣ барои рушди қобилияти табиии кӯдакони боистеъдод вақт ва фазои озодро бояд муҳайё кард. Онҳо бояд аз рӯйи нақшаву барномаи таълимии махсус ё фардӣ таҳсил кунанд ва нисбат ба худ аз ҷониби омӯзгор ғамхориву дастгирӣ ва таваҷҷуҳу раҳнамоиро эҳсос кунанд. Дар омӯзиши маводи таълимӣ, муҳим «чӣ омӯхта мешавад?» неву «чӣ тавр омӯхта мешавад?» ба ҳисоб меравад. Агар аз ҷониби омӯзгор дар раванди таълим ба кӯдаки боистеъдод имкон дода шавад, ки дар иҷрои вазифа ва супориши пешниҳодшуда шитоб накарда, аз як фаъолият ба фаъолияти дигар саросема шуда нагузарад, ӯ хубтар муҳтавои мавзуъ ва алоқамандии падидаҳоро дарк карда, кашфиёти худро самаранок татбиқ карда метавонад.

Омӯзгороне, ки бо кӯдакони болаёқат кор мекунанд, бояд омодагии махсуси касбӣ дар тахассус ва дар соҳаҳои педагогикаву психология дошта бошанд. Агар содатар карда гӯем, кӯдакони дорои иқтидори баланди зеҳнӣ бештар ба «омӯзгори шахсӣ» ниёз доранд. Дар самти кор бо кӯдакони боистеъдод аксаран омӯзгорон таҷрибаи кофӣ надошта, лаёқатмандии кӯдаконро муайян ва фарқ карда наметавонанд, ҳатто ба мушкилоти онҳо бетарафӣ зоҳир мекунанд. Омӯзгороне ҳастанд, ки дар самти мазкур мақсаднок фаъолият карданро ҳамчун зам шудани уҳдадориҳои иловагии бемузд меҳисобанд. Лекин бояд донист, ки омӯзгор шахси муҳим ва омили асосӣ дар дарёфт ва роҳбаладӣ кардани кӯдакони боистеъдод ҳисобида мешавад.

Ба андешаи гурӯҳе аз олимону муҳаққиқон, фаъолияти банақшагирӣ ва раванди таълиму тарбияи омӯзгор бо хонандагони боистеъдод бояд ба хусусиятҳои зер ҷавобгӯ бошанд: таҳияи барномаи чандир ва фардӣ; ташкили фазои самимӣ, солим, ором ва бехатар дар синф; фароҳам овардани робитаи мутақобила барои хонандагон; истифодаи методу усулҳои ҷустуҷӯӣ, таҳқиқотӣ ва омӯзиши проблемавӣ; эҳтироми шахсияти кӯдак; мусоидат дар худтаҳлилкунӣ ва худбаҳодиҳӣ; дастгирӣ ва раҳнамоӣ дар корҳои таҳқиқотиву эҷодӣ; эҳтиром ба фардият ва хусусиятҳои шахсии хонанда.

Омӯзгороне, ки бо кӯдакони боистеъдод кор мекунанд, камгап ҳастанд, камтар маълумот медиҳанд, бештар барои ҳалли вазифаи гузошта вақт ҷудо мекунанд ва имкон медиҳанд, ки хонандагон мисолу масъалаҳои гузоштаро мустақилона ҳал кунанд. Кӯшиш мекунанд, ки ба саволҳои хонандагон ҷавоби тайёр надиҳанд ва имкон медиҳанд, ки хонанда дар омӯзиш, ҷустуҷӯ, таҳқиқу таҳлил ба саволи худ ҷавоб ёбад. Машғулияти онҳо бештар ба саволҳои кушода (чаро? чӣ тавр? чӣ тарз? барои чӣ? дар куҷо? ва ғ.) ва методҳои таҳқиқотиву проблемавӣ равона шудаанд. Муҳтавои мавзуи навро дар шакли тайёр пешниҳод намекунанд, имкон медиҳанд, ки хонанда мустақилона онро дарк кунад. Яъне, омӯзгорони дорои салоҳияти баланди касбиву тахассусӣ имкон медиҳанд, ки худи хонандагон ҷустуҷӯ, эҷод ва хулосабарорӣ кунанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст, ки муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон «...қобилияти зеҳнӣ, илмӣ, таҳқиқотӣ, ихтироъкории таълимгирандагонро муайян намуда, нисбат ба онҳо ғамхорӣ кунанд» [8, с. 38] ё «...корҳои илмӣ, эҷодии адабӣ, ихтироъкорӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва дигар корҳои таълимгирандагонро роҳнамоӣ намуда, барои рушди қобилияти зеҳнии онҳо шароит муҳайё намоянд» [8, с. 39].

Бо мақсади инкишофи қобилияти эҷодиву академикӣ ва ҷалби наврасону ҷавонони болаёқат ба таълими иловагӣ, аз соли 2015 барои ҳар як панҷсола Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо» қабул гардида, татбиқ мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 72 маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва 200 муассисаи типи нав (литсейю гимназияҳо) фаъолият мекунанд, ки дар онҳо хонандагони боистеъдод ба таҳсили иловагӣ фаро гирифта мешаванд.

Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо ҳамасола бо мақсади дарёфт ва ҷалби хонандагони боистеъдоди муассисаҳои таълимӣ аз фанҳои гуногун олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва

байналмилалӣ мегузаронад. Бо мақсади дастгирии омӯзгорон аз ҷониби марказ семинару вохӯриҳо бо мутахассисону омӯзгорон ташкилу баргузор мегарданд. Марказ дорои маҷаллаи «Истеъдод» буда, маҳз ба хотири мусоидат ба омӯзгорони марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (литсей ва гимназияҳо) таҳияву чоп мешавад. Дар он мақолаҳои илмӣ-методӣ, нақшаҳои дарсии намунавӣ бо истифода аз методу усулҳои муосири таълим, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки бевосита ба фаъолияти дарёфт ва рушди истеъдодҳо нигаронида шудааст, ба табъ мерасанд. Дар ин маврид мехостем олимону муҳаққиқони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва муассисаву донишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқтии ватаниву хориҷи кишварро ба ҳамкорӣ даъват намоем. Аз ҷониби кормандони марказ дар асоси методикаи Евгений Климов (доктори илмҳои психология, мутахассиси соҳаҳои психологияи меҳнат, интихоби касб ва психофизиология) дастури тавсиявӣ таҳти унвони «Ташхиси қобилиятҳо ва раҳнамоии касбӣ» [5] омода шудааст. Пурсишномаҳои дастури мазкур ба қобилият ва шавқу ҳаваси хонанда таҳия гардида, барои интихоби дурусти касб раҳнамоӣ менамоянд.

Новобаста аз ин, таваҷҷуҳ аз ҷониби олимону муҳаққиқон ва мутахассисону коршиносони миллӣ ба мавзуи «кӯдаки боистеъдод» нокифоя аст. Адабиёти илмӣ-амалӣ дар мавриди таълиму тарбияи кӯдакони болаёқат ва ташхису таҳқиқи қобилияти табиии онҳо дар соҳаи педагогика ва психологияи ватанӣ (бо забони тоҷикӣ) хеле кам ба назар мерасанд. Омӯзгороне, ки бо хонандагони болаёқат кор мекунанд, аз норасоии чунин мавод ба мушкилот мувоҷеҳ мегарданд.

Дар хотир бояд дошт, ки фаъолияти омӯзгор бо кӯдакони боистеъдод раванди мураккаб ва қатънашаванда аст. Он аз омӯзгорон ва мураббиён: такмили маҳорати касбӣ; рушди доимии донишу маҳоратҳои психологиву педагогӣ ва методикаи инноватсионии таълимро талаб мекунад. Иловатан, ҳамкории зич бо равоншиносон, омӯзгорон, маъмурият ва волидайни кӯдакон аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ин фаъолияти доимӣ ва такмилёбанда буда, ҳамеша ба таҳқиқот ниёз дорад.

**Адабиёт**


1. Ананьев, Б. Г. Избранные психологические труды: Том 1. – Москва: Педагогика, 1980. – 232 с.

2. Бозёфт. Дастурамал барои марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо / Мураттибон: Муҳамадҷон Ғафорзода, Нурулло Ғафуриён. – Душанбе, 2024. – 128 с.

3. Всемирная энсиклопедия афоризмов. Собрани мудрости всех народов и времени: ок. 200 авторов: Ок. 20 000 высказываний/авт. сост. Е. Агеева. – М.: АСТ: Астрель, 2011, – 685 с.

4. Ғафорзода, М. Ҳафтаи “Бозёфт”: интизорӣ ва натиҷаҳои чашмдошт / Истеъдод”. – №2, 2025. – С.3.

5. Дастури тавсиявӣ. Ташхиси қобилиятҳо ва раҳнамоии касбӣ (дар асоси методикаи Е. А. Климова). Мураттибон: Ғафуриён Н, Тошбоева З. Р. – Душанбе, 2025, – С. 32.

6. Сильвестер, Д. What Life Means to Einstein (Что значит жизнь для Эйнштейна) / *The Saturday Evening Post (*Субботний вечерний пост*).* 26.10.1929. –154 с.

7. Ильин, М. Н. Психологическая оценка ителлекта у деьей. – СПб.: Питер, 2009. – 448 с.

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” аз 22.07.2013, №1004. – С. 49.

9. Ғафуриён, Н. Маориф ва илм заминаи рушди иҷтимоиёт ва иқтисоди миллӣ / Истеъдод. – №1, 2025. – С. 15-19.

10. Рабочая концепция одаренности /Богоявленская Д. Б. и др. – 2-е изд. – М.: Министерство образования Российской Федерации. Федеральная целевая программа “Одаренные дети”, 2003. – 95 с.

11. Саидзода, Р. Ҳ. Пайки некфол /Истеъдод. – №1, 2025. – С. 3-4.

12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016.

13. Теплов, Б. М. Проблемы индивидуальных различий. - М.: АН СССР, 1961 г.

14.Тошбоева, З. Методҳои кор бо хонандагони боистеъдод: ҳадаф – ташаккули қобилиятҳо / Истеъдод. – №2, 2025. – С. 22-25.

15. Фейхтвангер, Л. Собрание сочинений. Т. 5. Гойя, или тяжкий путь познания: Роман: Пер. с нем. / Ред-кол.: А. Дмитриев, Д. Затонский, Н. Литвинец и др. –М.: Худож. лит., 1990. – 525 с.

16. Юркевич, В. С. Одаренный ребенок: иллюзии и реальность: Книга для учителей и родителей [Электронный ресурс]. - М.: Просвещение, 2000. – 136 с.

# ДУРНАМОИ ТАРБИЯИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ КӮҲКОРӢ

**Гулӣ САМАДОВА – доктори илмҳои техникӣ, профессори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, Икром АБДУЛЛОЕВ – номзади илмҳои таърих, дотсенти Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон**

**Дар Паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи рушди саноати куҳкорӣ ва металлургия, тайёр намудани мутахассисони соҳа диққати махсусу аввалиндараҷа дода мешавад. Аз ҷумла, Сарвари давлат таъкид менамоянд, ки: «... яке аз масъалаҳои бисёр муҳим, ин тарбияи кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Кишварамон имрӯз, алалхусус, ба тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси геология ва соҳаи кӯҳкорию металлургияи сатҳи байналмилалӣ ниёзи бештар дорад».**

Дар ҳақиқат, яке аз омилҳои муҳимми тараққиёти мамлакатамон коркарди сарватҳои зеризаминии табиӣ ба шумор рафта, захираҳои он барои солҳои тӯлонӣ кифоягӣ мекунад. Воқеан, корҳои ҷустуҷӯӣ-геологӣ, кушодани конҳои нави канданиҳои фоиданок, истихроҷ ва коркарди онҳо бо ҷалби сармоягузории ватанию хориҷӣ аз самтҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ин имкон медиҳад, ки бисёр масъалаҳои иҷтимоӣ, махсусан, ташкили ҷойҳои нави корӣ ҳаллу фасл гарданд. Дар солҳои Шуравӣ Тоҷикистон дар робита ба соҳаи саноати кӯҳӣ-металлургӣ, ба мутахассисони касбии маълумоти олидор ва миёнаи махсус ниёз дошт. Аксаран, мутахассисони техникӣ, алалхусус, дар соҳаи геология ва кӯҳкорӣ дар муассисаҳои олии касбии шаҳрҳои собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ – Москва, Ленинград, Киев, Тошканд тайёр карда мешуданд. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ корҳои ҷустуҷӯӣ-геологӣ босуръат вусъат ёфта, коркарди захираҳои бузурги канданиҳои фоиданок ба роҳ монда шуда, бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои коркади маъдан ва металлургӣ сохта, ба истифода дода шуда истодаанд.

Дар Паёми худ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (20 апрели соли 2006) вазъи саноати ҷумҳуриро таҳлил намуда, чунин қайд карда буданд: «Инкишофи саноати коркарди канданиҳои фоиданок яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлоли мо мебошад. Вобаста ба муҳимияти соҳа ва инкишофи саноати куҳкорӣ мо якчанд лоиҳаи барномавӣ, аз ҷумла, тайёр кардани мутахассисони маълумоти олидори соҳаи мазкурро амалӣ намуда истодаем».



Таъсиси аввалин Донишкадаи олии техникии соҳаи куҳӣ-металлургӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди минбаъдаи он бо номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марбут аст. Маҳз бо ташаббуси Президенти кишвар баҳри рушди соҳаҳои саноати куҳӣ-металлургӣ, тайёр кардани мутахассисон соҳа ва таъмини корхонаҳои кӯҳӣ-металлургӣ бо мутахассисон Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Барои дар амал татбиқ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли хониши 2006-2007 аввалин донишҷӯён аз рӯи 10 ихтисос қабул гардиданд. Айни ҳол дар донишкада аз рӯйи 29 ихтисос мутахассисони соҳаи кӯҳкорию металлургия тайёр карда мешаванд. Дар ҷумҳуриамон барои таъсиси корхонаҳои саноатии истихроҷи маъдан ва то маҳсулоти ниҳоӣ

коркард намудани он захираву имкониятҳои зиёд мавҷуданд. Вобаста ба ин дар Паёми Президенти кишвар (20 апрели соли 2011) қайд гардида буд: «... зина ба зина афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, алалхусус, дар асоси коркарди маҳсулоти сангҳо ва металлҳои қиматбаҳо, инчунин, ҷиҳати тараққӣ додани соҳаҳои саноати металлургияи ранга яке аз вазифаҳои аввалиндарача мебошад. Татбиқи ин ҳадафҳо барои ташкили ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд».

Бояд қайд намуд, ки солҳои охири асри XX ва аввали асри XXI кудрати истеҳсолии корхонаҳои саноати куҳӣ-металлургӣ: ҶМТКММ «Апрелевка», ҶММТАКМ «Анзоб», ҶСККМ «Адрасмон», ҶММ «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой», ҶСК «Ангишт», КВД «Ширкати алюминийи тоҷик», КМ ҶММ «Хуаксин Ғаюр Суғд Семент», КФ «Шахтаи Фон-Яғноб», ҶДММКМ «Зарафшон», корхонаи истихроҷу истеҳсоли тиллои «Покрӯд» дар шаҳри Ваҳдат ва дигар корхонаҳои соҳа боло рафта истодааст, ки қисме аз онҳо дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ аз давлатҳои Чин, Федератсияи Россия, Канада фаъолият мебаранд.

Дар солҳои охир дар ҷумҳурӣ якчанд барномаи давлатӣ дар самти истифодаи захираҳои табиӣ қабул ва амалӣ шуданд, ки ба рушди соҳа ва истифодаи самараноки сарватҳои табиии кишварамон мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, «Барномаи давлатии тараққиёти соҳаи геология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», «Барномаи омӯзиш ва арзёбии захираи металлҳои нодир барои солҳои 2015-2025» ва ғ.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ (23 апрели соли 2014) таъкид карда буданд, ки: «Солҳои охир таваҷҷуҳ ба азхудкунии захираҳои табиии кишварамон зиёд гардида истодааст. Бо дарназардошти ин, ба рушди саноати металлургияи ранга ҳамчун соҳаи ояндадор диққати махсус дода мешавад».

Дар Тоҷикистон зиёда аз 600 кони канданиҳои фоиданок ва 800 зуҳуроти маъдандор маълум карда шуд. Соли 2015 дар соҳаи кӯҳкорӣ 380 корхона фаъолият бурда, 38% истеҳсоли маҳсулоти саноатии ҷумҳуриро ташкил медод.

Дар ҷумҳуриамон зиёда аз 40 кони гуногуни ангиштсанг муайян карда шудааст, ки захираҳои онҳо зиёда аз 4,3 млд. т. мебошад. Дар ин соҳа 18 корхона фаъолият доранд, ки ҳаҷми истеҳсолиашон дар соли 2015 ба 1042 ҳ. т., ҳаҷми он то соли 2018 ба 2 млн. т. расонида шуд. Аз рӯйи захираҳои конҳои сурб ва руҳ Тоҷикистон дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Танҳо дар минтақаи маъдани Қаромазор наздик 200 кон ва зуҳуроти сурбу руҳ маълум аст. Дар Тоҷикистон се минтақаи кони тилло – Қаромазор, Тян-Шони Ҷанубӣ ва Помир муайян карда шудааст.

Тоҷикистон дорои макони калонтарини захираҳои нуқра дар Осиёи Марказӣ мебошад. Захираи ин сарвати табиӣ зиёда аз 100ҳ. т. буда, онҳо, асосан, дар шимоли ҷумҳурӣ – минтақаи Қаромазор ҷойгиранд. Ба истифода додани заводи металлургӣ дар шаҳри Истиқлол, ки ҳаҷми истеҳсолиаш 50 ҳ. т. руҳ дар як сол мебошад, корхонаи маъдантозакунии Такоб, корхонаи коркарди маъдан дар Панҷакент, корхонаҳои металлургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти оҳан дар шаҳри Ҳисор ва ноҳияи Спитамен, корхонаи истихроҷу истеҳсоли тиллои «Покруд» дар шаҳри Ваҳдат дар навбати худ тақозо дорад, ки мутахассисони баландпояи маҳаллии худро барои онҳо тайёр ва таъмин намоем.

Ҳайати омӯзгорон-профессорони Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон барои тайёр намудани мутахассисони рақобатпазири ватанӣ дар соҳаҳои кӯҳкорӣ ва металлургия пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Донишкада бо роҳи таъмин намудани озмоишгоҳҳо ва синфхонаҳои дарсӣ бо таҷҳизоти таълимии замонавӣ ба такмили низоми таълиму тарбия, ташаккул ва мукаммал гардонидани заминаҳои моддию техникӣ ва илмию методӣ, фаъолияти инноватсионӣ ва ихтироъкорӣ аҳаммияти махсус дода, бо ин васила шароити муносиби касбомӯзиро муҳайё месозад. Соли 2011 аввалин хатмкунандагони донишкада соҳиби дипломҳои муҳандиси соҳаи кухкорӣ ва металлургия гардида, то ин дам аксарияти мутахассисон, ки донишкадаро хатм намудаанд, дар корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ кору фаъолият доранд.

Афзудани теъдоди корхонаҳои саноати кӯҳкорӣ ва металлургия, таъмин намудани онҳо бо мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замон ва коркарди самараноки захираҳои канданиҳои фоиданок яке аз омилҳои муҳимми устувор гардидани иқтисодиёти ҷумҳуриамон гардида, ба ин васила мо метавонем ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум бирасем.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, яъне қонеъ гардонидани талаботи саноати кӯҳкорӣ ва металлургия бо мутахассисони касбӣ тамоми имкониятҳо ва захираҳои зеҳнӣ мавҷуд буда, сатҳи касбияти мутахассисон мунтазам баланд бардошта мешавад.

# АҲМАДИ ДОНИШ – ПОЯГУЗОРИ МАКТАБИ МАОРИФПАРВАРИИ МИЛЛӢ

**Нусратулло ЗОКИРЗОДА – мудири кафедраи фалсафаи назди раёсати АМИТ**

**Аҳмади Дониш (1827-1897) яке аз симоҳои барҷастаи ҷараёни маорифпарварии миллати тоҷик ва афкори ҷамъиятии Осиёи Миёнаи охири асри XIX мебошад. Осор ва фаъолияти ӯ намунаи афкори пешқадам дар шароити буҳрони амиқи иҷтимоӣ ва сиёсии Бухорои асри XIX ба шумор рафта, ҳамчун файласуф, сиёсатмадор, ситорашинос, хаттот ва ҷомеашиноси варзида шинохта шудааст.**

Имрӯз дар шароити дигаргуниҳои азим ва таҳдиду хатарҳои муосир, андешаҳои Аҳмади Дониш аз аҳаммияти бузурге бархурдор мебошанд. Даъватҳои вай барои равиши оқилона, тафаккури интиқодӣ ва арҷгузорӣ ба омӯзиши илму маърифат моро водор мекунад, ки ба равандҳои муосири ҷомеа, аз ҷумла, равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муносибати ҷиддӣ намоем ва аз таҷрибаи таърих баҳраманд гардем.

Аҳмади Дониш намояндаи барҷастаи ҷараёни маорифпарварӣ буда, тафаккури интиқодӣ ва ақидаву андешаҳои пешқадами ӯ ба ворид намуданиислоҳот дар сохти давлатдорӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст. Ӯ нафарест, ки дар таърихи афкори фалсафии халқи тоҷик равияи нав – «фалсафаи иҷтимоӣ – маорифпарварӣ»-ро асос гузоштааст[1] .

Аҳмади Дониш фалсафа, астрономия ва фанҳои табииро аз худ кард ва ин омӯзиш ба он мусоидат намуд, ки ӯ аз доираи тафаккури анъанавӣ берун барояд. Ҳамчунин, сафарҳои Аҳмади Дониш ба Русия ба ҷаҳонбинии ӯ таъсири мусбат расонд. Маҳз рушди шаҳрдорӣ, ҷомеаи пешрафта, муваффақиятҳо дар илмҳои дунявӣ омилҳое буданд, ки дар ташаккули ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш нақши барҷаста гузоштанд. Бинобар ин, ӯ дар асарҳои худ низоми қафомонда ва ҷаҳолатпарастиву сатҳи пасти мактабдории замонашро ба интиқод гирифт.

Саҳми Аҳмади Дониш ҳамчун маорифпарвар дар ду омили муҳим зоҳир мегардад. Пеш аз ҳама, ӯ маърифат, донишҳои ақлӣ ва ислоҳоти соҳаи маорифро ҳамчун заминаи асосии рушди ҷомеа меҳисобид. Баъдан вай дар ташаккули андешаи ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва тафаккури интиқодӣ саҳми бузург гузошт. Бесалоҳиятии ҳокимон, сӯйистифода аз мансаб, беҳокимиятӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ ва амсоли инҳо аз ҷумлаи масоиле буданд, ки ин олиму мутафаккири забардаст мавриди баррасӣ қарор медод. Аз нигоҳи имрӯз, Аҳмади Дониш шахсияте варзида ва намояндаи ҷомеаи анъанавӣ дар рӯ ба рӯи давраи нав, яъне, тағйироти азими сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буд. Аз ин рӯ, андешаҳои ӯ асоси мактаби маорифпарварии тоҷикро ташкил намуда, барои тарбияи насли нави рӯшанфикр асос гузошт. Фаъолияти ӯ, пеш аз ҳама, ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва таҷдиди маънавии ҷомеа дар асоси дониш, ақл ва тафаккури пешрафта равона гардида буд. Аз нигоҳи илмӣ-фалсафӣ, мавқеи маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ба принсипҳои ақлгароӣ, таҳлили интиқодии воқеият ва эътирофи дониш ва маърифат ҳамчун омили пешбари рушди ҷамъиятӣ асос ёфтаанд. Маҳз маърифат дар таълимоти маорифпарварии ӯ ҳамчун ниҳоди иҷтимоии



[1] Ашуров, Г. А., Диноршоев, М. Д. О просветительской социальной философии Ахмада Дониша. Изв. АН Тадж. ССР. Отдел общественных наук. 1978. – С.48).

гуногунҷанба баҳогузорӣ шуда, қодир аст, ки сохтори ҷомеаро ташаккул диҳад, сатҳи фарҳанг ва масъулиятшиносии афроди ҷомеаро баланд бардорад. Чунин мавқеъгирӣ Аҳмад Донишро ҳамчун мутафаккири сатҳи баланди миллӣ, ки аз ҳудуди ҷаҳонбинии анъанавии замонааш фаротар рафтааст, муаррифӣ мекунад. Дар таълимоти ӯ бар он ишора шудааст, ки бо роҳи зурӣ барҳам додани сохти ҷамъиятии замон роҳи ҳал буда наметавонад ва танҳо аз тариқи тадриҷан бомаърифат намудани аҳли ҷомеа, баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии ҳокимон ва ҳукуматдорон метавон ба пешрафту таҳаввулот ноил гардид. Аз ин рӯ, дар таълимоти Аҳмади Дониш анъана дар муқобили илм қарор надошта, балки асоси дигаргуниҳои маърифатӣ ва зеҳнӣ ба шумор меравад. Яъне, аҳаммияти ақидаҳои маорифпарварии ӯ ҳамчун замина ва асоси ғоявӣ ва методологӣ ба ташаккули худшиносӣ ва таҷдиди дигаргуниҳои фарҳангӣ ва маърифатии ҷомеа равона гардида, барои маорифпарварони насли нав хидмат намудааст. Ақидаҳои маорифпарварӣ ва ислоҳотгароёнаи Аҳмади Дониш дар доираи афкори ҷамъиятии охири асри XIX ислоҳоти комплексии ҷомеаро дар бар мегирифт, ки метавон он ҳамаро дар чанд нукта арзёбӣ кард:

**Якум,** дар таълимоти маорифпарварии ӯ ғояҳои маърифат ва донишҳои ақлӣ дар мадди назар қарор мегирифт. Бино ба ақидаи вай, маърифат асоси пешравии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Омӯзиши илмҳои математика, астрономия, география, таърих ва ғайраро ҳатмӣ мешуморид ва таъкид менамуд, ки бе омӯзиши онҳо ҷомеа дар ҳолати рукуд қарор мегирад.

**Дуюм,** Аҳмади Дониш ислоҳотро дар низоми маориф ҳатмӣ мешуморид. Мутафаккир муқобили азхудкунии кӯр-кӯрона буд, ки дар низоми анъанавӣ ҷой дошт. Ба ақидаи ӯ, маориф бояд он қудратро дошта бошад, ки инсонро ба тафаккур ва хулосабарорӣ водор намояд.

**Сеюм,** дар осори Аҳмади Дониш танқиди мунсифонаи сохти сиёсӣ ва иҷтимоии амирсолорӣ хеле хуб инъикос ёфтааст. Фасод ва фисқу фуҷуре, ки дар дарбор ва ҷомеаи амирсолории Бухоро вуҷуд дошт, аз ҷаҳолат, нодонӣ, бехабарӣ ва бемасъулиятии ҳокимону ҳукуматдорон дарак медиҳад. Ӯ масъалаҳои муҳимми замон, аз ҷумла, идоракунии одилонаи давлатро матраҳ намуда, бо такя ба донишу маърифат ва таҷрибаи тулонӣ пешрафти давлатро ба иҷрои адолати иҷтимоӣ ва фазилату масъулияти ходимони динию давлатӣ вобаста донистааст.

**Чорум,** Аҳмади Дониш дар таълимоти ислоҳотхоҳонаи худ омезиши мутаносиби анъана ва дигаргуниҳои навину сиёсию иҷтимоиро таблиғ намуда, мероси маънавӣ ва фарҳангиро бо дастовардҳои замони нав дар ҳамгироӣ медонад. Дар баробари эҳтироми мероси маънавӣ, ӯ мехост дастовардҳоеро, ки Русия барои зиндагии шаҳрвандонаш муҳайё намудааст, амалӣ созад.

**Панҷум,** дар таълимоти Аҳмади Дониш масъалаи инсон ва мақоми ӯ дар ҷомеа дар мадди назар меистад. Инсоне, ки масъулиятшинос, созанда ва ободкор аст, дар пешравии ҷомеа саҳм мегузорад.

Осиёи Миёна дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX ба як давраи сифатан нав, ки дигаргуниҳои азимро ба дунбол дошт, ворид гардид. Барои дақиқ намудани вазъи сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии Осиёи Миёна ҳамроҳшавии минтақаро ба Русияи подшоҳӣ наметавон нодида гирифт, ки он воқеаи муҳим дар таърихи халқҳои минтақа ба шумор меравад: «Албатта сиёсати мустамликавии Русия дар ин минтақа яксон набуд. Хонигариҳои Осиёи Миёна – Бухоро (1753-1920), Хива (1770-1920) ва Қӯқанд (1798-1876) пай дар пай аз ҷониби Империяи Русия дар шароитҳои гуногун забт карда шуданд»[2].

Осиёи Миёнаи асри XIX ҳудуди имрӯзаи ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистонро дар бар гирифта, ҳамчун ҳудуди аморати Бухоро ва хонигариҳои Хива ва Қуқанд номгузорӣ шуда буд. Қариб дар давоми як аср, аниқтараш, то охири асри XIX ин минтақа ба тобеияти Русияи подшоҳӣ ҳамроҳ карда шуд. Сохтори иҷтимоии хонигариҳои мазкур иерархияи табақавӣ буд, ки аз хонҳо, бекҳо, амалдорон, сипоҳиён, ҳунармандон, савдогарону деҳқонон иборат буд. Дар хонигариҳо ба масъалаи авлодию қабилавӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода мешуд. Инчунин, руҳониён низ дар идораи давлат мавқеи муҳим доштанд.

---

[2] Зиёдов, Ш. Мусульманские источники по истории Средней Азии периода присоединения её к России. Материалы международной научно-практической конференции «Инновационные подходы к изучению языка, литературы, перевода, туризма и культурного наследия на Шелковом пути», 3-4 мая 2024 года. Электронный ресурс: https://zenodo.org/records/11098712. День обращение: 19.12.2025).

Аз лиҳози иқтисодӣ, минтақаи мазкур қафомонда буда, кишоварзию чорводорӣ ва тиҷорати маҳсулоти ин соҳаҳо роиҷ буд. Аз нимаи дуюми асри XIX муносибатҳои сармоядорӣ шакл гирифта, баъзе корхонаҳои хурди саноатӣ ба вуҷуд омаданд. Муносибатҳои тиҷоратӣ низ рушд менамуданд, ки он ба шоҳроҳи бузурги Роҳи абрешим вобастагӣ дошт. Ҳаёти фарҳангӣ ва маишии табааи Осиёи Миёна дар ин давра дар маҳдудаи исломи суннатӣ шакл гирифта, марказҳои асосии фарҳангӣ ва маданӣ масҷидҳо ва мадрасаҳо маҳсуб меёфтанд. Аз нигоҳи геополитикӣ, Осиёи Миёна зери таъсири абарқудратҳо: Британияи Кабир ва Русияи подшоҳӣ қарор гирифта буд, ки ба истилоҳ, нақшаи «Бозии бузург» амалӣ мегардид. Марказҳои бузурги маъмурӣ-сиёсӣ – шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Қуқанд, Хива ва Тошканд ба шумор мерафтанд, ки дар онҳо тахминан дар нимаи дуюми асри XIX аз 5 то 6 миллион нафар зиндагӣ мекарданд. Дар худи Бухоро – пойтахти аморат аз 60 то 70 ҳазор нафар зиндагӣ мекарданд. Марказҳои асоси фарҳангӣ дар ин давра мактабҳо ва мадрасаҳои динӣ буданд, ки бино ба ақидаи муҳаққиқон, дар онҳо илмҳои фиқҳ, илоҳиёт, мантиқ, адабиёт ва амсоли инҳо омӯзонида мешуд. Бузургтарин мадрасаҳо Мири Араб ва Кукалтош маҳсуб меёфтанд, ки дар онҳо толибилмон аз тамоми минтақаҳои Осиёи Миёна ҷалб мешуданд. Барномаҳои таълимӣ, асосан, моҳияти динӣ доштанд, дар баъзе мадрасаҳо мантиқ ва асосҳои илмҳои табиӣ омӯзонда мешуданд.

Яке аз сарчашмаҳои пайдоиши ҳаракати ҷадидия, ки бевосита дар ибтидои аср дар зери таъсири воқеаҳои сиёсӣ зуҳур намуд, таъсири ақидаҳои Аҳмади Дониш маҳсуб меёфт. Муаррих Намоз Ҳотамов қайд мекунад, ки «Ақидаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш яке аз сарчашмаҳои зуҳури ҳаракати ақидавӣ-сиёсии нав буд, ки дар таърих бо номи ҷадидия ё ҷадидгароӣ машҳур аст»[3]. Бухоро аз замонҳои қадим яке аз марказҳои таълимии эътирофшудаи таълимоти исломӣ дар Шарқ маҳсуб меёфт, ки дар арафаи саранагуншавии аморати амирӣ дар он 150 ҳазор мардум зиндагӣ мекард. Аз рӯйи баъзе маълумотҳо, дар пойтахти аморат 360 масҷид ва 103 мадраса фаъолият мекард, ки дар онҳо 200 000 толибилм таҳсил мекард.[4]

«Руҳонияти исломӣ дар аморат аз лиҳози иқтисодӣ қишри ҳукмрон ба шумор мерафт. Масҷид, мадрасаҳо ва дигар муассисаҳои динӣ соҳибони заминҳои зиёд ва хубу корам буданд, ки бо номи «заминҳои вақфӣ» машҳур буд»[5].

Ғояҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш, дар фазои маънавии замонаш равияи пешқадам ва тараққихоҳона ба шумор мерафтанд. Пас аз сафарҳояш ба Русия, вай ақибмондагӣ ва вазъи нохуби сохтори иҷтимоӣ, ҳамчунин, сатҳи пасти ҳаёти фарҳангӣ ва илмии кишвари худро дарк кард. Ӯ мефаҳмид, ки барои он ки намояндагони пешрафтаи илму адаб ва умуман, табақаҳои васеи мардум аз ҳолати воқеии кишвар огоҳ шаванд, пеш аз ҳама, бояд диққати онҳоро ба давлати пешрафтаи Русия ҷалб намуд. Аз ҳамин ҷиҳат, дар асарҳои алломаи замон масъалаи таблиғ ва ташвиқи ҳаёти иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангии мардуми рус ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад.

Аҳмади Дониш дар ду боби асари «Наводир-ул-вақоеъ» аз сафари худ ба Русия нақл мекунад. Аслан ӯ се маротиба ба Русия сафар кардааст. Бори аввал сафарҳои ӯ солҳои 1856-1857 бо фармони амир Насруллоҳ ҳамчун котиби элчӣ, бори дуюм, солҳои 1868-1869 ба Петербург ва бори сеюм соли 1873 сурат гирифтааст. Аҳмади Дониш аз сатҳи баланди санъати мусиқӣ ва ҳунари театрии мардуми рус, фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва саноатӣ, сохтмони киштиҳои укёнусгард ва пулҳои болои дарёи Нева, инчунин, аз тарзи зиндагӣ, расму оин ва одатҳои мардум бо таваҷҷуҳи зиёд ва эҳсосоти самимӣ нақл мекунад. Мутафаккир ёдовар мешавад, ки пас аз суҳбат бо яке аз вазирони рус Стремоухов ба ӯ глобус, яъне, кураи замин ва осмонро ҳадия кардааст. Ин сафарҳо ба ташаккули ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш мусоидат намуд. Мутафаккир ва донишманди забардаст бо илму фарҳанг, низоми идоракунӣ ва баъзе рӯйдодҳои сиёсии Русия ва Аврупо ошно гардид ва дарк кард, ки аморати Бухоро аз нигоҳи иқтисодӣ ва фарҳангӣ ниҳоят ақибмонда аст. Баъд аз мушоҳидаи пешрафту тараққиёти саноат ва техникаи ҳарбӣ, санъати меъморӣ ва дигар соҳаҳо, ба ин бовар омад, ки агар ба инсон илму маърифат дода шавад, қодир аст, ки дар рӯи замин муъҷизаҳо анҷом диҳад.

---

[3] Хотамов, Н. Ахмад Дониш и бухарские джадиды. Статья в сборнике: Ахмад Дониш и общественно-политическая мысль народов Центральной Азии во второй половине XIX и начале XX вв. (Посвященной 190-летию Ахмада Дониша). –Душанбе, 2017. – С.6.

[4] Климович, Л. Ислам в Царской России. – М., 1936. – С.100.

[5] Воҳидов, Ш. Ученик и последователь Ахмада Дониша Домулло Икромча муфтии Бухоро (1847-1925) //Ахмад Дониш и общественно-политическая мысль народов Центральной Азии во второй половине XIX и начале XX вв. (Посвященной 190-летию Ахмада Дониша). - Душанбе, 2017. – С. 30).

Хусусияти муҳимми андешаҳо ва ақидаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш дар он зоҳир мегардад, ки нисбат ба сохтори кӯҳна ва фарсудаи феодалӣ муносибати манфӣ дошт. Дар асарҳои худ аз камбудӣ ва норасоиҳои сохтори аморат интиқод карда, кирдорҳои намояндагони табақаҳои ҳукмронро бо ҳазлу танзи тезу тунд ошкор месохт.

Аҳмади Дониш ақидаҳои маорифпарваронаи худро ба чанд бахш тақсим кардааст:

- ислоҳоти иқтисодӣ;
- ислоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ;
- ислоҳоти динӣ (тасҳеҳи шуури динӣ);
- ислоҳоти фарҳангӣ ва таълимӣ.

Аҳмади Дониш пояи асосии ҳокимиятро дар идораи давлат бар асоси адл медонад ва таъкид менамояд, ки подшоҳ бояд ҳамаи корҳои давлатиро бо такя ба донишу ақлу хирад анҷом бидиҳад. Ба андешаи ӯ, адолат натиҷаи камолоти ақлу хирад аст ва шахсе, ки чунин сифатҳоро надорад, наметавонад одил бошад. Аз ин рӯ, зарур мешуморад, ки ҳамеша дар сари қудрат шахси донишманду бофарҳанг қарор бигирад ва фаъолияташро бар асоси ақл ва хирад ба роҳ монад.

Аҳмади Дониш зарурати ҷорӣ намудани низоми вазоратдорӣ ва парлумониро пешниҳод мекунад. Бояд дар идораи низоми давлатдорӣ намояндагони ҳамаи табақаҳои ҷомеа ширкат варзанд ва масъалаҳои муҳимии кишвар пас аз розигии умум амалӣ шаванд. Андешаҳои Аҳмади Дониш барои замони худ бисёр пешрафта ба ҳисоб мерафт ва дар асарҳои «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисолаи таърихӣ» ва дигар навиштаҳояш манфиатҳои мардуми меҳнаткаш, хусусан, кишоварзонро бо эҳсоси ҳамдардӣ ва некхоҳӣ ҳимоя кардааст.

Дар осори Аҳмади Дониш масъалаҳои таблиғи илму маърифат, омӯзиши илмҳои табиӣ ва дунявӣ, инчунин, аз худ кардани касбу ҳунар ҷойгоҳи хос доранд. Вай орзу дошт, ки дар мадрасаҳои Бухоро омӯзиши илмҳои техникӣ ва табиӣ, аз ҷумла, физика, химия ва ҷуғрофия ҷорӣ карда шавад. Ба андешаи мутафаккир, пешрафти ҷомеа бе густариши илму маърифат, маориф ва тарбияи дурусти инсон ғайриимкон аст.

Аҳмади Дониш аз усулҳои таълим дар мактабу мадрасаҳои Бухоро интиқод мекунад, зеро дар онҳо асосан ба омӯзиши забони арабӣ ва қавоиду рукнҳои дини ислом таваҷҷуҳ зоҳир мегардид ва илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ омухта намешуданд. Ӯ қайд менамояд, ки донишҳои вобаста ба табиатшиносӣ ва ҳунарҳои хаттотиро берун аз доираи таълими расмии мадраса аз худ кардааст. Баъд аз сафар ба Русия ба хулоса меояд, ки омӯзиши забонҳо, аз ҷумла, забони арабӣ, метавонад бо усулҳои муосир ва самаранок ба роҳ монда шавад. «Агар гӯӣ, илми русум муқаддимот-ул-маърифати илми ҳақиқӣ аст ва мафқуфун алайҳ. Гӯем: Насорою куффори Фаранг аз ғайри тааллуми сарфу нахв ва мантиқ ба муҷарради тарҷумаи каломи муфраду мураккаби араб чунон маҳорат пайдо мекунад, ки ба забони мутаадида ҳадису оятро тафсиру таъбир мекунад (аз ғайри тааллум), бе он ки тайи муқаддимот кунанд (аз мубтадову хабар ва ҷору маҷрур ва фоилу мафъул)»[6].

Дар мадрасаҳо низоми воҳид ва муназзами таълим вуҷуд надошт ва ин боиси паст гардидани сифати омӯзиш мегардид. Толибилмоне, ки аз ҷиҳати молиявӣ таъмин набуданд, имкони пардохти ҳаққи таҳсилро надошта, аз идомаи таълим маҳрум мешуданд. Амир низ ба соҳаи маориф, такмил ва беҳбуди раванди таълим маблағ ҷудо намекард. Аҳмади Дониш чунин вазъиятро шадидан мавриди интиқод қарор дода, зарурати анҷом додани ислоҳоти ҷиддиро дар соҳаи маориф таъкид менамояд. Ба таъкиди устод С. Айнӣ, Аҳмади Дониш дар асари «Наводир-ул-вақоеъ» муллоёни расмиро сахт танқид намуда, фасоди мавҷуд дар муносибатҳои миёни умаро ва уламо, камбудиҳои усулҳои таълим, ҳамчунин, беарзиш ва нодаркор будани аксари маводи таълимии мадрасаҳоро бо ҷасорат ва ошкоро баён кардааст.

Устод Садриддин Айнӣ ҳолати мадрасаҳои аморати Бухороро хуб медонист ва андешаҳои Аҳмади Донишро оид ба сифати пасти таълими мадрасаҳо тасдиқ намуда, навиштааст, ки «Шарҳ ва ҳошияҳо ба ҳадде зиёд шудаанд, ки ба масъалаҳои асосии ҳеҷ як илму фан навбат нарасида, муддати 18-20 соли ҳаёти мадрасагии талаба ба омузиши дебоча ва Хутбаю «Шарҳи Мулло» – ҳошияи Қутбӣ, Шарҳи Ақоиди Насафӣ, Таҳзиб, Ҳикмат-ул-айн ва Мулло Ҷалол барин 5-6 китоб, ба ҳошияи онҳо ва ба ҳошияи ҳошияҳои онҳо сарф мешуд. Фанҳое, чун ҳисоб, ҳандаса, таърих, тиб ва амсоли инҳо ба номи худ нест шуда рафтанд».[7]

Чунин тарзу усулҳои таълиму тарбияи мадрасаҳои Бухоро боиси коҳиш ёфтани шавқу рағбати толибилмон мегардид. Бисёре аз хонандагон солҳои тӯлонӣ ба таҳсил машғул мешуданд,

---

[6] Дониш, А. Рисола ё мухтасар аз таърихи хонадони манғития. – Душанбе, 1992. – С. 96.

[7] Ҳамон ҷо. – С. 111.

вале сатҳи зарурии саводнокиро ба даст намеовардананд. Аҳмади Дониш таъкид мекунад, ки соҳаи маориф дар аморати Бухоро нисбат ба кишварҳои дигар, аз ҷумла, Русия дар ҳолати ақибмондагӣ қарор дошт. Ба андешаи ӯ, мардуми Аврупо ба омӯзиши илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, маҳз дар натиҷаи ин равиш ба дастовардҳои назарраси илмӣ ва техникӣ ноил гардидаанд. Мутафаккир хуб дарк мекард, дар шароите, ки ҷаҳолат, зулм ва истибдод ҳукмфармо мебошад, пешниҳоди андешаҳои наву пешрафта кори осон нест, зеро мансабдорон аз тарси аз даст додани мавқеи худ ба ҳар гуна ислоҳоти ҷиддӣ муқовимат нишон медоданд. Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш андешаҳои сиёсӣ ва маорифпарваронаи худро бо эҳтиёткорӣ баён кардааст. Ба амир маслиҳат медиҳад, ки барои таҳкими давлат ва такмили низоми давлатдорӣ ба таълиму тарбия дар мадрасаҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд. Вай бар он ақида буд, ки тайёр намудани мутахассисон дар соҳаҳои тиб, истеҳсолот, обёрӣ ва дигар бахшҳо бидуни омӯзиши илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ ғайриимкон аст. Дар рисолаҳо ва ҳамчунин, дар суҳбатҳои худ бо амир ва мансабдорони дарбор пайваста кӯшиш намудааст, ки онҳоро ба зарурати ислоҳоти сиёсӣ ва такмили соҳаи маориф муътақид созад ва амирро ба ҷалби донишмандони соҳаҳои гуногун ба дарбор ташвиқ намояд.

Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» ҷараёни рушди илму фарҳанги Аврупоро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ӯ на танҳо дар бораи дастовардҳои илмӣ-техникӣ, аз қабили бунёди роҳҳои оҳан, киштисозӣ, сохтмони биноҳо ва кашфи маъданҳо, балки оид ба омӯзиши асрори замину осмон маълумот пешниҳод менамояд. Дар баробари ин, муаллиф сокинони Бухороро аз он огоҳ месозад, ки олимони рус ва аврупоӣ масъалаҳои мураккаби илмиро мавриди таҳлил қарор медиҳанд, аз ҷумла, саволҳои «Чаро инсон то ҳол имкони парвоз ба осмонро надорад?», «Оё сафар ба дигар сайёраҳо барои инсоният имконпазир хоҳад шуд ё не?»-ро матраҳ месозад. Баррасии чунин масъалаҳо ҳадафи бедор намудани ҷомеаи дар ғафлат мондаи Бухороро дорад.

Ғояҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш дар рисолаи «Дар васояти фарзандон ва баёни ҳақиқати касбҳову пешаҳо» боз ҳам возеҳтар ифода ёфтаанд. Дар ин асар мутафаккир инсонро ҳамчун субъекти ҷомеа муаррифӣ намуда, нақши ҳалкунандаи тарбияро дар ташаккули шахсият нишон медиҳад. Ба ақидаи ӯ, кӯдак нахустин маротиба маҳз дар муҳити оила ба зиндагии иҷтимоӣ ворид мегардад. «Ва ҳар кӣ аз абнои ҷинси шумо ба ҷаҳон омадааст», – менависад муаллиф, – «баъд аз он ки аз канори модар бархост, майл ба лаъбу давидан меорад ва ғалтидан ва бархостан. Чун сукунат ва вақори мардум мебинад, кам-кам аз он доия мутақоид мешавад».[8]

Инсон бо расидан ба синни камол барои таъмини ниёзҳои аввалияи зиндагӣ, аз қабили хӯроку пӯшок, ба дарёфти воситаҳои моддӣ мекӯшад, аммо тадриҷан дармеёбад, ки ба даст овардани сарват бидуни доштани касбу ҳунар ё фаъолияти меҳнатӣ ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, муаллиф дар насиҳат ба фарзандон омузиши илмҳои дунявиро зарур мешуморад ва тавсия медиҳад, ки онҳо касбу пешаҳоеро интихоб намоянд, ки тавонанд сатҳи зиндагӣ ва шароити маишати онҳоро таъмин созанд.

Аҳмади Дониш афсӯс меҳӯрад, ки бо сабаби бемаърифат ва бефазилат будани амир ва мансабдорон чунин талаботи замонаро дарк намекунанд ва хоҳиши дигаргун намудани тарзу усули давлатдориро надоранд. Барои ин тӯдаи ғафлатзада ғорат кардани мардум ва маишату бадахлоқӣ мақсади асосӣ гардидааст. Мутафаккир боварии комил дорад, ки агар соҳаи маориф сифатан дигар шавад, барномаи таълим такмил ёбад, ҳатман ба инкишофи илму техника мусоидат мекунад. Дар натиҷа ҷамъият тараққӣ мекунаду дараҷаи зиндагии мардум баланд мешавад.

Андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш дар мавриди ислоҳоти усул ва тарзи таълим дар мадрасаҳо, таъсиси мактабҳои нав, ҷорӣ намудани илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, тарбияи мутахассисон дар хориҷа, ҷалби муаллимони забони русӣ, роҳандозии корҳои давлатӣ бо иштироки донишмандони фозил, пешгирӣ аз ришвахорӣ ва дигар тадбирҳо то ҳанӯз аз аҳаммияти вижа бархӯрдоранд.

---

[8] Дониш, А. Наводир-ул-вақоеъ. китоби 1. – Душанбе: Дониш, 1988. – С.112.

# ЗЕҲНИ СУНЪӢ
## Ёвари омӯзгор ё бархӯрди нав барои маориф?

**Зеҳни сунъӣ яке аз ихтирооти бузурги инсоният ба ҳисоб меравад, ки тамоми самтҳои фаъолияти иҷтимоиро то андозае ба чолиш кашид. Зуҳуроти барномаҳои зеҳни сунъӣ, барои иддае, дар аксар самтҳо, хусусан, журналистика, фарҳанг, иқтисодиёт, маориф, тиб ва ғайра ҳамчун як рақиб рӯ ба рӯ омаданд. Бархе намояндагони ин соҳаҳо иддао доранд, ки зеҳни сунъӣ майдони онҳоро танг карда истодааст ва шояд ояндаи наздик мавқеи онҳо номуайян боқӣ монад. Гурӯҳе низ ба он андешаанд, ки зеҳни сунъӣ на рақиб, балки як воситаи рушди соҳа мебошад, ба шарте ки он мақсаднок ва ҳадафмандона истифода шавад.**

**То кадом андоза он метавонад дар оянда ҳамчун рақиби инсон фаъолият кунад? Истифодаи бамавриди он барои инсон чӣ гуна арзёбӣ мегардад? Ҷорӣ намудани зеҳни сунъӣ ба низоми маориф чӣ медиҳад? Пайомад чист? Дар доираи ин ва чандин саволи дигар, перомуни истифодаи барномаҳои зеҳни сунъӣ, таҷрибаи ҷаҳониён, рушди малакаҳои инсонӣ ва дигар ҷанбаҳои он бо дотсенти кафедраи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои физикаю математика Назаралӣ Салимов суҳбат оростем, ки фишурдаи онро пешкаши хонандаи азиз мегардонем.**



**– Нахуст мехостем аз дидгоҳи умумӣ бидонем, ки зеҳни сунъӣ имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ чӣ ҷойгоҳ дорад ва моҳияти онро чӣ гуна метавон арзёбӣ кард?**

– Зеҳни сунъӣ имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ ба яке аз меҳварҳои асосии рушди технологӣ табдил ёфтааст. Он ба як абзори таъсиргузор дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, аз ҷумла, иқтисод, саноат, маориф, тиб, фарҳанг, идоракунии давлатӣ ва ғайра мубаддал шудааст.

Маҳз дар асри XXI зеҳни сунъӣ аҳаммияти калидӣ касб кард, зеро ин аср бо инфрасохтори пуриқтидори рақамӣ, ҳаҷми азими додаҳо, рушди интернет ва имкониятҳои баланди ҳисоббарорӣ ҳамзамон омад. Зеҳни сунъӣ қодир аст ин миқдори бузурги иттилоотро таҳлил, коркард ва ба қарорҳои амалӣ табдил диҳад. Аҳаммияти зеҳни сунъӣ дар он зоҳир мешавад, ки метавонад равандҳоро тезтар, дақиқтар ва арзонтар анҷом диҳад, кори инсонро сабук намояд, қароргириро беҳтар созад ва имкониятҳои нав барои рушд фароҳам орад. Он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, аз ҷумла, дар маориф таъсири назаррас мегузорад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар роҳи инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гомҳои муҳим мегузорад, истифодаи зеҳни сунъӣ дар низоми маориф имкониятҳои нав барои беҳбудии сифати таълим, дастрасии васеътар ба дониш ва омодагии наслҳои ояндабин барои бозори меҳнат фароҳам меоварад.

Зеҳни сунъӣ ба гунае қариб ҳама чизро медонад. Агар чунин потенсиалро дар илм, барномасозӣ, адабиёт, маркетинг, тиб ва умуман, дар фаъолияти ҳама соҳаҳо татбиқ накунем, шармовар аст. Аммо дар маориф, ки пояи ҳамаи ин соҳаҳост, татбиқ ва истифодаи мақсадноки он хеле зарур аст.

**– Оё метавон гуфт, ки истифодаи зеҳни сунъӣ имрӯз дар таҳсил бояд ба як раванди маъмулӣ табдил ёбад?**

- То соли 2025 зиёда аз 90%-и донишҷӯён ва омӯзгорон дар Англия дар таҳсил ва дар корҳои худ аз зеҳни сунъӣ истифода намудаанд. Тибқи як пажуҳиши мактаби олии иқтисодии Россия, 75%-и омӯзгорон ҳадди ақал баъзан барои ҳалли масъалаҳои худ аз зеҳни сунъӣ истифода кардаанд.

Дар ин ҳолат бо итминон метавон гуфт, ки истифодаи зеҳни сунъӣ дар таҳсил бояд аз марҳалаи таҷрибавӣ гузашта, ба як равиши маъмулӣ ва ҷузъи табиии раванди таълим табдил ёбад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки зеҳни сунъӣ аллакай ба таври фаъол аз ҷониби донишҷӯён ва омӯзгорон истифода мешавад ва ин раванд боздоштнопазир аст. Аммо ин маъмулӣ шудан маънои истифодаи бетартиб ё беқоидаи онро надорад. Барои он ки зеҳни сунъӣ, воқеан, ба беҳтар шудани сифати таҳсил мусоидат кунад, зарур аст муносибати системавӣ ва огоҳона вуҷуд дошта бошад. Дар акси ҳол, он метавонад танҳо ҳамчун воситаи кам кардани сарборӣ истифода шавад.

Аз ин рӯ, истифодаи зеҳни сунъӣ дар таҳсил бояд ба як меъёр табдил ёбад, яъне, дар чаҳорчӯбаи муайян, ки бо роҳнамоии омӯзгор, бо риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва бо ҳадафи баланд бардоштани сифати таълим роҳандозӣ шавад. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки барои истифодаи зеҳни сунъӣ муносибати систематикӣ вуҷуд надорад. Дар ин ҳол, зеҳни сунъӣ бо сабаби истифодаи васеъ дар байни донишҷӯён ва омӯзгорон барои кам кардани сарбории худ, аслан, мустақилона ҷорӣ карда мешавад.

**– Ба таври мушаххас гӯем, зеҳни сунъӣ имрӯз чӣ гуна метавонад кори омӯзгорро сабук кунад?**

– Яке аз бартариҳои муҳимми зеҳни сунъӣ, автоматикунонии масъалаҳои муқаррарӣ аст. Он метавонад вазифаҳоеро иҷро кунад (дар аксари масъалаҳо, назорат ва тафтиш лозим аст), ки ҷалби васеи одамонро талаб намекунад.

Зеҳни сунъӣ қодир аст, ки дар муддати кӯтоҳ нақшаи дарсӣ, матни лексия, саволҳои санҷишӣ, тест ва супоришҳои сатҳҳои гуногунро таҳия намояд. Ба омӯзгор кофист мавзуъ ва чанд нуктаи калидиро пешниҳод кунад, то дар як муддати хеле кӯтоҳ маводи заминавии дарс омода гардад. Дар чунин ҳолат омӯзгор ба ҷои сарф кардани вақт дар омодасозии лексияву презентатсия, метавонад бештар ба мазмун, усули пешниҳод ва кор бо донишҷӯ фаъол бошад.

Илова бар ин, зеҳни сунъӣ метавонад тафтиши корҳои хаттӣ, аз қабили реферат, корҳои курсӣ ва супоришҳои хонагиро аз ҷиҳати сохтор, мувофиқат ба талабот анҷом диҳад. Ин ба омӯзгор имкон медиҳад, ки вақти худро бештар ба таҳлили амиқ, муколама бо донишҷӯён ва роҳнамоии маънавӣ бахшад.

Ҳамин тавр, зеҳни сунъӣ на ҷойгузини омӯзгор, балки як ёвари самаранок аст, ки сарбории техникӣ ва маъмуриро коҳиш дода, фазо барои фаъолияти эҷодӣ ва педагогии воқеӣ фароҳам меорад. Дар ин маврид бояд омӯзгорон онро самаранок ва мақсаднок истифода баранд.

**– Шумо зеҳни сунъиро ҳамчун «ёвар» ном мебаред. Ин «ёвар»-ӣ дар омодасозии дарсҳо чӣ гуна зоҳир мешавад?**

– Вақте зеҳни сунъиро ҳамчун «ёвар» истифода мекунем, пеш аз ҳама, дар назар дорем, ки он марҳалаҳои техникӣ ва такроршавандаи омодасозии дарсҳоро ба дӯши худ мегирад. Ин «ёвар»-ӣ аз таҳияи маводи одӣ оғоз шуда, то ғанӣ гардондани дарс бо унсурҳои интерактивӣ идома меёбад. Ҳама ба лексияҳои пурмазмун, дорои мисолҳои мушаххас ва интерактивӣ таваҷҷуҳ доранд. Мисол, барномаи Gemini 2.5 Flash, ки мутааллиқ ба зеҳни сунъӣ аст, метавонад викторинаи Canva-ро дар чанд лаҳза созад, ки тавассути истинод аз матни лексия дастрас аст. DALL-E метавонад маводи пешниҳодшударо дар шакли инфографика омода созад. Ҳама системаҳои зеҳни сунъӣ метавонанд саволҳои имтиҳонро тартиб диҳанд, машқҳо ва вазифаҳои сатҳҳои гуногунро таҳия намоянд. Муҳимтар аз ҳама, ҳадаф ва мундариҷаи дарсро дар паси тасвирҳои рангоранг гум накунад. Албатта, ҳама мавод бояд аз ҷониби омӯзгор барои дақиқият ва мутобиқат ба ҳадафҳои таълимӣ санҷида шаванд. Аммо дар ҳар сурат, омӯзгороне, ки аз модел барои вазифаҳои муқаррарӣ истифода мебаранд, метавонанд дар як ҳафта 6 соат вақтро холӣ кунанд. Яъне, зеҳни сунъӣ ба сифати «ёвар» дар омодасозии дарсҳо зоҳир мешавад, ки он вақтро сарфа мекунад, имкониятҳоро васеъ менамояд, аммо ногуфта намонад: самт, мазмун ва арзиши таълимиро ҳамоно омӯзгор муайян мекунад.

**– Яке аз хостаҳои волидон фардикунонии таълим аст. Оё зеҳни сунъӣ метавонад ин мушкилро ҳал кунад?**

– Бале, зеҳни сунъӣ то андозае метавонад ин хостаи волидонро амалӣ созад ва фардикунонии таълимро ба сатҳи амал наздик намояд. Бартарии асосии зеҳни сунъӣ дар он аст, ки раванди омӯзишро ба суръат, сатҳи дониш ва ниёзҳои ҳар як донишҷӯ мутобиқ мекунад.

Зеҳни сунъӣ метавонад муайян намояд, ки донишҷӯ дар кадом мавзуъҳо мушкилӣ дорад, кадом қисматҳоро зудтар меомӯзад ва бар асоси ин маълумот машқҳо, такрор ва тавзеҳоти иловагиро пешниҳод кунад. Ин равиш, махсусан, барои рушди малакаҳои ҳисоб, забон ва фанҳои дақиқ самаранок аст.

Бо вуҷуди ин, фардикунонии таълим бо зеҳни сунъӣ маҳдудият ҳам дорад. Он бештар барои такмили дониш ва малакаҳо хуб кор мекунад, аммо барои рушди тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ ва қобилияти муҳокима, ки мушкилоти кушода ва муколамаи зиндаро талаб мекунанд, камтаъсир аст. Аз ин рӯ, фардикунонии воқеӣ танҳо дар ҳамгироии зеҳни сунъӣ бо нақши омӯзгор ба даст меояд, зеро зеҳни сунъӣ ёвар аст, на ивазкунандаи вазифаи омӯзгор.

**– Оё роҳе ҳаст, ки зеҳни сунъӣ, дар баробари донишро такмил додан, ҳамзамон, тафаккурро ҳам рушд диҳад?**

– Бале, чунин роҳ вуҷуд дорад, аммо он аз тарзи истифодаи зеҳни сунъӣ вобаста аст. Агар зеҳни сунъӣ танҳо ҳамчун манбаи ҷавобҳои тайёр истифода шавад, он бештар ба азёдкунӣ мусоидат мекунад, на ба рушди тафаккур. Вале агар он ба як воситаи муколама ва роҳнамоӣ табдил ёбад, метавонад дар баробари такмили дониш, тафаккурро низ рушд диҳад.

Яке аз роҳҳои самаранок ин аст, ки зеҳни сунъӣ ҷавобҳои мустақимро пешниҳод накунад, балки бо саволҳои иловагӣ, ишораҳо ва пешниҳоди роҳҳои гуногуни фикрронӣ донишҷӯро ба таҳлил ва ҷустуҷӯи мустақил водор созад. Дар чунин ҳолат модел ба як ҳамсуҳбати омӯзишӣ табдил мeёбад. Вақте зеҳни сунъӣ ба ин тарз истифода мешавад, он метавонад ба рушди тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои метакогнитивӣ мусоидат кунад, яъне қобилияти андеша кардан дар бораи раванди фикрронии худ, санҷиши фарзияҳо ва арзёбии роҳҳои ҳалли масъаларо рушд диҳад. Аммо боз ҳам нақши омӯзгор ҳалкунанда мемонад. Маҳз омӯзгор муайян мекунад, ки кадом саволҳо бояд дода шаванд ва чӣ гуна ин муколама ба омӯзиши амиқ табдил ёбад.

**– Бартарии дигари зеҳни сунъӣ дар дастрасии доимӣ аст. Ин то чӣ андоза ба сифати омӯзиш таъсир мерасонад?**

– Дастрасии доимии зеҳни сунъӣ метавонад ба сифати омӯзиш таъсири ҷиддӣ расонад. Аз як тараф, он имконияти гирифтани фикру мулоҳизаҳои фавриро фароҳам меорад, ки барои фаҳмидани мавзуъ, ислоҳи хатоҳо ва тақвияти малакаҳо бисёр муҳим аст. Бар хилофи омӯзгоре, ки вақти маҳдуд дорад, зеҳни сунъӣ метавонад дар ҳар лаҳза ба саволи донишҷӯ ё хонанда посух диҳад, мисол оварад ё роҳи ҳалли масъаларо зина ба зина шарҳ диҳад.

Чунин бархурд дар фанҳое ба мисли барномасозӣ, риёзиёт ва омӯзиши забонҳо муассир аст, ки дар онҳо машқ ва мисолҳои мушаххас нақши калидӣ мебозанд. Платформаҳои гуногун аллакай имкон медиҳанд, ки рамз, матн ё ҳисоб фавран санҷида шавад ва донишҷӯ бе сарфи вақти зиёдатӣ равандро идома диҳад.

Аз тарафи дигар, одат кардан ба чунин суръат ва ҳамеша дастрас будани ҷавобҳо метавонад боис гардад, ки донишҷӯ сабр ва қобилияти ҷустуҷӯиро аз даст диҳад ва ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо хатоҳо ё дастрас нашудан ба барномаҳои зеҳни сунъӣ асабонӣ шавад. Аз ин рӯ, таъсири мусбати дастрасии доимӣ танҳо дар он сурат таъмин мегардад, ки он бо роҳнамоии омӯзгор ва фарҳанги дурусти истифодаи зеҳни сунъӣ ҳамроҳ бошад.

**– Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи зеҳни сунъӣ асосан дар кадом самтҳо бештар зарур аст?**

– Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зеҳни сунъӣ, пеш аз ҳама, дар он самтҳое бештар зарур аст, ки ба бартараф кардани нобаробариҳо, баланд бардоштани сифати таълим ва омодасозии кадрҳо барои иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунанд.

Яке аз самтҳои асосӣ коҳиш додани тафовут байни шаҳру деҳот дар сатҳи таълим мебошад. Платформаҳои таълимии рақамӣ бо истифода аз зеҳни сунъӣ метавонанд, ҳатто дар он ҷойҳое, ки норасоии омӯзгорони соҳибихтисос вуҷуд дорад, ба донишомӯзони минтақаҳои дурдаст дастрасӣ ба маводи босифат, дарсҳои фаҳмо бо мисолҳои мушаххас ва ёрии методӣ фароҳам оранд.

Самти дигари муҳим ҳалли мушкили камбудии омӯзгорон, бахусус, дар фанҳои табиӣ ва риёзӣ аст. Зеҳни сунъӣ метавонад омӯзгоронро дар таҳияи баъзе маводи дарсӣ, санҷиши донишомӯзон ва баланд бардоштани сифати таълим дастгирӣ кунад, то онҳо вақти бештарро ба кори мустақими таълим ва тарбия бахшанд.

Илова бар ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи забон аҳаммияти хос дорад. Аксари маводи таълимии рақамӣ ба забонҳои хориҷӣ ҳастанд. Барномаҳои зеҳни сунъӣ метавонанд ба тарҷума, тавлид ва мутобиқсозии мундариҷаи таълимӣ ба забони тоҷикӣ мусоидат намоянд.

Ниҳоят, зеҳни сунъӣ барои омодасозии насли ҷавон ба иқтисоди рақамӣ зарур аст. Истифодаи он дар маориф ба донишомӯзон имкон медиҳад, ки бо технологияи муосир шинос шаванд, дониши рақамиро омӯзанд ва ба талаботи бозори меҳнати асри XXI мутобиқ гарданд.

**– Бо вуҷуди ин ҳама, чаро Шумо таъкид мекунед, ки зеҳни сунъӣ наметавонад омӯзгорро иваз кунад?**

– Бо вуҷуди ҳамаи имкониятҳои фаровон, зеҳни сунъӣ табиатан маҳдудиятҳое низ дорад, ки наметавонад ҷойи омӯзгорро гирад. Пеш аз ҳама, зеҳни сунъӣ фаҳмиши куллӣ ва дарозмуддати раванди омӯзишро надорад. Он ба саволҳо дар «ин ҷо» ва «ҳоло» посух медиҳад, аммо наметавонад роҳи умумии рушди донишомӯз, ҳадафҳои шахсии ӯ ва тағйироти ботинии равандро пайгирӣ ва идора кунад.

Илова бар ин, зеҳни сунъӣ ҳолати руҳии донишомӯзро эҳсос намекунад. Он намедонад, ки донишомӯз хаста аст, дилгир шудааст, тарс дорад ё баръакс, ангезаи баланд дорад. Омӯзгор бошад, метавонад ин ҳолатҳоро дарк кунад, равиши худро тағйир диҳад, сабабҳоро ҷӯяд ва роҳи мувофиқ пайдо намояд.

Нақши дигари омӯзгор дар он аст, ки ӯ донишро бо маъно, арзиш ва зиндагӣ мепайвандад. Омӯзгор нишон медиҳад, ки чаро ин дониш муҳим аст, дар куҷо ва чӣ гуна истифода мешавад, онро бо заминаҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва ахлоқӣ мепайвандад. Зеҳни сунъӣ бошад, бештар ба интиқоли иттилоот тамаркуз мекунад.

Ниҳоят танҳо омӯзгор метавонад донишомӯзро ба саволҳои «чаро?», «чӣ гуна», «барои чӣ?» ва ғайра роҳнамоӣ кунад. Агар донишҷӯ надонад, ки чӣ пурсад, зеҳни сунъӣ ҳам ҷавоб намедиҳад. Аз ҳамин ҷиҳат, зеҳни сунъӣ на ивазкунанда, балки воситаи қудратманд дар дасти омӯзгор мебошад.

**– Пас, нақши аслии омӯзгор дар ин раванд чӣ буда метавонад?**

– Нақши аслии омӯзгор дар шароите, ки зеҳни сунъӣ фаъолона ворида раванди таълим мешавад, муҳимтар ва амиқтар мегардад. Ба ибораи дигар, омӯзгор роҳнамо, тарбиятгар ва «сарвар»-и ҳама гуна барномаҳои рақамӣ мешавад.

Нақши дигари муҳимми омӯзгор дар алоқаманд кардани дониш бо ҳаёти воқеӣ ва ҳадафҳои шахсии донишҷӯ зоҳир мешавад. Ӯ нишон медиҳад, ки чаро ин мавзуъ муҳим аст, чӣ гуна дар оянда истифода мешавад ва чӣ арзише дорад. Ин аст, он чизе ки донишро аз иттилооти холис ба фаҳмиши зинда табдил медиҳад.

Аз ин рӯ, дар шароити истифодаи зеҳни сунъӣ нақши омӯзгор кам намешавад, балки ба сатҳи нав мегузарад.

**– Ба андешаи Шумо, зеҳни сунъӣ барои маориф хатар аст ё имконият?**

– Ба андешаи ман, зеҳни сунъӣ барои маориф, пеш аз ҳама, имконият аст. Он имконият медиҳад, ки сифати таълим беҳтар гардад, дастрасӣ ба дониш васеъ шавад ва равандҳои омӯзишӣ самараноктар ташкил шаванд. Зеҳни сунъӣ метавонад сарбории техникию маъмурии омӯзгоронро коҳиш диҳад, фардикунонии таълимро таъмин намояд ва ба донишҷӯён фикру мулоҳизаҳои фаврӣ пешниҳод кунад.

Бо вуҷуди ин, агар зеҳни сунъӣ бемаврид ва бидуни меъёр истифода шавад, метавонад ба хатар табдил ёбад. Истифодаи нодуруст метавонад боиси коҳиши тафаккури мустақил, вобастагӣ аз ҷавобҳои тайёр ва суст шудани нақши омӯзгор гардад. Хатар на дар худи технология, балки дар муносибати инсон бо он ҷой дорад.

Аз ин рӯ, зеҳни сунъӣ дар маориф на ҷойгузини омӯзгор, балки воситаи ёрирасон мебошад. Агар он бо роҳнамоии инсон, дар чорчӯбаи ахлоқӣ ва бо ҳадафи рушди дониш истифода шавад, як имконияти бузург барои пешрафти маориф хоҳад буд. Маориф бе омӯзгор маъно надорад, ҳатто агар зеҳни сунъӣ бо тамоми барномаҳояш ворида он шавад.

**– Ташаккур, барои як суҳбати пурмазмун.**

– Саломат бошед!

***Суҳбаторо***
***Ҷасури ҚИЁМИДДИН***

# МЕТОДҲОИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ КОРҲОИ БЕРУНАЗДАРСӢ АЗ МАТЕМАТИКА

**Мамадҷон МАҲКАМОВ – профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ,**

**Абдураззоқ РАЗЗОҚОВ – дотсенти кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ**

**Ташкил ва гузаронидани корҳои беруназдарсӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти таълимию тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии он, инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон буда, қобилияти ташкилотчигӣ ва мустақилияти онҳоро вусъат мебахшад.**

Хусусан, ҳангоми омӯзиши фанни математика, ки он барои шогирдон нисбат ба дигар фанҳо душвору «дилгиркунанда» аст, бо маҳорати баланди эҷодӣ, шавқовару мароқангез гузаронидани дарсҳо аз тарафи омӯзгор боиси дилгармии шогирдон шуда, онҳоро аз хасташавӣ раҳоӣ мебахшад. Аммо тарзи гузаронидани корҳои беруназдарсӣ, аз қабили ташкили ҳафтаҳои фаннӣ, маҳфилҳои математикӣ, шабнишиниҳо, озмунҳо аз омӯзгор қобилияти хосаро талаб менамояд. Бояд зикр намуд, ки то ҳол оид ба масъалаи зикршуда, бо забони тоҷикӣ ягон дастури мукаммал нест ва ҳар як омӯзгор бо таври худ ҳафтаҳои фаннию корҳои беруназдарсии математикиро мегузаронад. Аз ин лиҳоз, лозим донистем, ки силсилаи мақолаҳо оид ба тарзу усули гузаронидани корҳои беруназдарсӣ аз фанни математикаро иншо намуда, ба омӯзгорон ёрии методӣ расонем.

Айни замон баланд шудани самаранокии таълими математика ба беҳшавии кори иловагии таълимӣ бо қафомондагон оварда мерасонад. Дар асл гирем, кори беруназдарсӣ бояд дорои характери равшани инфиродӣ буда, дар ҳолатҳои алоҳида зоҳир гардад (масалан, дар ҳолати бемории дурудароз, аз як мактаб ба мактаби дигар гузаштан ва ғайра). Аммо дар замони ҳозира ин кор аз тарафи омӯзгори математика низ диққати махсусро тақозо менамояд.

Мақсад ва вазифаҳои корҳои беруназдарсӣ – бедор намудан ва инкишоф додани майлу



рағбати хонандагон ба математика, васеъ ва амиқ гардонидани дониши хонандагон мувофиқи маводи барномавӣ, тасаввуроти хонандагон дар бораи аҳаммияти амалии математика дар техника, инкишофи қобилиятҳои математикӣ ва тафаккури хонандагон, қобилияти мустақилона ва эҷодкорона кор кардан бо адабиёти илмӣ-оммавӣ мебошад. Бо мақсади расонидани ёрии амалӣ ба омӯзгорони фанни математика оид ба роҳҳои гузаронидани корҳои беруназсинфӣ аз математика силсиламақолаҳо таҳия намудем.

Таҳсилоти математикӣ ба рушди шахсият саҳми муайян мегузорад, ба ташаккули тафаккури мантиқӣ, фаҳмиш, зебоипарастӣ ва зебоии тафаккури математикӣ мусоидат мекунад. Дар рафти омӯзиши фанҳои математикӣ тафаккур ва тасаввуроти фазоӣ рушд мекунад, чараёни исботи ин ё он далели математикӣ бунёд мешавад. Бо вуҷуди манфиатҳои зиёди математика, таваҷҷуҳи хонандагон ба он, одатан, дар 11-15-солагӣ зоҳир мешавад. Аз

ин рӯ, муҳим аст, ки дар марҳилаҳои синфҳои 5-9 ва шояд пеш аз он шавқу рағбати хонандагонро ба математика бедор карда рушд диҳем.

Мақсади асосии маҳфили математикӣ, нигоҳ доштан ва афзун намудани шавқи хонандагон ба математика, инчунин, кумак ба фаҳмидан ва дидани зебоии математикӣ дар ҳалли масъалаҳо ба хонандагонҳои болаёқат, ки дар азхудкунии фанҳои математикӣ баъзе мушкилот доранд, мебошад.

Корҳои маҳфилӣ бо мақсади васеъ намудани донишҳои умумӣ ва амиқу махсуси хонандагон, қонеъ гардонидани манфиатҳо ва майлҳои инфиродии онҳо, рушди қобилиятҳои эҷодӣ, инчунин, бо мақсади ташкили лаҳзаҳои фароғатӣ гузаронида мешаванд. Корҳои маҳфилӣ ҳамчун воситаи роҳнамоии касбии хонандагон хидмат карда, дар онҳо вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ ба ҳам алоқамананданд. Корҳои маҳфилӣ аз корҳои таълимӣ бо шаклҳо ва усулҳои гуногуни ташкили он фарқ мекунанд. Он корҳо дар шаклҳои шавқовар гузаронида мешавад ва ихтисоси равшан надорад. Мавзуъ ва мундариҷаи корҳои маҳфилӣ одатан дастовардҳои навтарини илм, техника ва санъатро инъикос мекунанд. Дарсҳо дар маҳфилҳо дар шакли суҳбатҳо, рефератҳо, гузоришҳо, экскурсияҳо ва сафарҳо, корҳои лабораторӣ ва амалӣ, истеҳсоли моделҳо ва асбобҳо, таҷрибаҳо ва мушоҳида, мусобиқа, иштирок дар озмунҳо ва баромадҳои оммавӣ гузаронида мешаванд.

Хеле муҳим аст, ки натиҷаҳои фаъолияти хонандагон дар маҳфилҳо ба моликияти тамоми мактаб табдил ёбад, то ин кор хусусияти муфиди ҷамъиятӣ дошта, дар ташкили шабнишиниҳои математикӣ, озмунҳо, олимпиадаҳо ва ғайра инъикос ёбад. Фаъолияти хонандагон дар системаи таҳсилоти иловагии математикӣ дар иттиҳодияҳои яксола ё гуногунсола сурат мегирад. Шумораи хонандагон бояд 10-15 нафарро ташкил диҳад. Дарсҳо аз рӯи барномаҳои як мавзуъ ё барномаҳои мукаммал ва ҳамгирошуда гузаронида мешаванд.

Ҳангоми таҳияи барномаи иловагии таълимӣ тавсия дода мешавад, ки имконияти азхудкунии сатҳи он аз ҷониби мактаббачагон пешбинӣ карда шавад. Ба ақидаи муҳаққиқон, маҳз «...имконияти азхудкунии сатҳӣ аз ҳама бештар иқтидори барномаҳои таълимиро тавсиф мекунад, аз як тараф, муттасилиро дар рушди заминаи сифати малака ва маҳорат (салоҳиятҳо), таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ таъмин мекунад, аз тарафи дигар, интихоби мундариҷаи таълимро, ки ба имкониятҳо ва манфиатҳои маърифатӣ мувофиқат мекунад, кафолат медиҳад».

Ҳамин тариқ, маҳфилҳои математикӣ ба ташаккул ва рушди шавқи мактаббачагон ба математика мусоидат, донишҳои математикиро васеъ ва амиқ мекунад. Инчунин, ҷаҳонбинии математикӣ, тафаккур, қобилият, малакаҳои тадқиқотии хонандагонро рушд дода, имконият медиҳад, ки дар оянда касбро дуруст интихоб кунад. Одатан, дарсҳои маҳфили математикӣ дар як ҳафта як маротиба гузаронида мешаванд, ки давомнокии онҳо аз як соат зиёд нест. Нақшаи маҳфил барои тамоми соли хониш тартиб дода мешавад. Омӯзгори ҷавон метавонад кори маҳфилро барои нимсола ё чоряк ба нақша гирад, аммо барои худ нақшаи намунавӣ барои тамоми сол дошта бошад. Дар ин ҳолат барои маҳфил корҳои зерин хос аст: зуд ивазшавии мавзуъҳо; таъкид ба фароғатбахш будани маводу хусусияти рақобатпазирии он.

Шабнишиниҳои математикӣ таваҷҷуҳи зиёди хонандагонро ба вуҷуд меоранд. Онҳо, одатан, марҳилаи ниҳоӣ ҳангоми гузаронидани ҳафтаи мазкур мебошанд. Гарчанде ки он метавонад ҳамчун навъи мустақили корҳои беруназсинфӣ низ гузаронида шавад. Дар мактаб гузаронидани шабнишиниҳои математикӣ барои хонандагони синфҳои мувозӣ ба мақсад мувофиқ аст. Омодагӣ ба шабнишиниҳо бояд пешакӣ оғоз карда шавад, беҳтараш якуним - ду моҳ пеш аз чорабиниҳо. Барои роҳбарии тамоми корҳои тайёрӣ гурӯҳи корӣ ё худ ҳайати тадорукот ҷудо карда мешавад, ки ба он омӯзгори математика ва якчанд (4-5) хонанда дохил мешаванд. Ҳайати тадорукот бо дигар хонандагон машварат карда, мувофиқи имконот, нақшаи шабнишиниҳоро тартиб медиҳанд ва барои ҳар як қитъа масъул ва иҷрокунандагонро (бо розигии онҳо) ҷудо мекунанд. Ҳайати тадорукот мӯҳлатеро муқаррар мекунад, ки тамоми корҳои тайёрӣ бояд ба анҷом расонида шаванд. Санҷиши сифати омодагии ҳар як суханронӣ

низ бояд ба хонандагон супорида шавад, гарчанде ки ҳама чизро худи омӯзгор бояд назорат кунад.

Бо дарназардошти он ки ҳадафи асосии шабнишиниҳо баланд бардоштани таваҷҷуҳ ба математика аст, тавсия дода мешавад, ки ба ташкили он ҳар чи бештар хонандагон ҷалб карда шаванд. Чанд рӯз пеш аз шабнишиниҳо эълони рангоранг дар бораи макон ва вақти баргузории шабнишиниҳо ва барномаи он овезон карда мешавад. Ба шабнишиниҳо, одатан, хонандагони синфҳои дигари ҳамон мактаб ё синфҳои мувозии мактаби ҳамсоя даъват карда мешаванд. Барномаи шабнишиниҳо метавонад аз рӯи мазмуни худ гуногун бошад. Муҳим аст, ки мавзуи шабнишиниҳо бо маводи барномавии омӯхташуда зич алоқаманд бошад. Ин ба густариш ва амиқтар шудани дониши математикии хоандагон мусоидат хоҳад кард. Ба барномаи шабнишиниҳо, ба ғайр аз гузоришҳо, ҳикояҳо, хабарҳо, софизмҳои математикӣ, фокусҳо, вақтхушӣ, саҳначаҳо, рӯзномаи математикӣ дохил карда мешаванд.

Давомнокии шабнишиниҳо, одатан, аз ду то се соат аст. Саёҳатҳои математикӣ шакли хеле ҷолиб, вале нисбатан кам истифодашавандаи машғулиятҳои беруназдарсӣ мебошанд. Мо набояд фикр кунем, ки онҳо танҳо ба корҳои геодезӣ ва заминченкунӣ дар маҳал вобастаанд. Дар давоми экскурсия хонанда мебинад, ки фигураҳои гуногуни геометрии дар мактаб омӯхтааш амалан дар куҷо истифода мешаванд ва инчунин, бо истифодаи математика хонандагон ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ шинос мешаванд. Дар саёҳатҳои фаннӣ, хонанда ҳолатҳои зиёдеро мебинад, ки формулаҳои ба ӯ маълумро барои ҳисоб кардани ин ё он бузургиҳои геометрӣ (дарозӣ, баландӣ, масоҳат, ҳаҷм) истифода бурдан лозим аст. Саёҳатҳои фаннии хуб гузаронидашуда эътимоди хонандаро ба он ки «математика дар ҳама ҷо аст», меафзояд. Хонандагон ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи зиёд доранд. Сафарҳои хуб омодашуда ба фаҳмиши беҳтари хонандагон дар бораи масъалаҳои алоҳидаи курси математика оварда мерасонанд. Яке аз шаклҳои маъмултарини корҳои беруназдарсӣ маҳфили математикӣ мебошад.

Дастаи математикӣ иттиҳодияи мустақили хонандагон таҳти роҳбарии омӯзгор мебошад, ки дар доираи он дарсҳои мунтазам бо хонандагон дар вақти берун аз дарс гузаронида мешаванд. Масъалаҳои ташкил, мундариҷа ва методикаи кори ӯ дар адабиёти методӣ ба таври кофӣ равшан карда шудаанд. Дар он мо метавонем тавсияҳо оид ба сохтани дарсҳо, рӯйхати мавзуъҳо ва адабиёти истифодашаванда, вазифаҳои хонагӣ ва эҷодӣ барои иштирокчиёни маҳфил ва ғайраро пайдо кунем.

Дар кори маҳфилҳои математикӣ ду самтро ҷудо кардан мумкин аст. Якум, асосан, ба рушди тафаккур ва ташаккули таваҷҷуҳи аввалин ба математика, дуюм ба амиқ кардани донишҳои математикӣ ва ҳамзамон, ба кори минбаъда оид ба рушди тафаккур нигаронида шудааст. Дар кори маҳфили математикӣ шавқовар будани мавод ва баёни мураттаби (системанокӣ) он аҳаммияти калон дорад. Фароғат таваҷҷуҳро ба мавзуъ меафзояд ва ба фаҳмиши ғояи муҳим мусоидат мекунад: математика моро иҳота мекунад, он дар ҳама ҷо аст. Системанокии пешниҳоди мавод метавонад ба рушди умумии зеҳнии хонандагон равона карда шавад.

Дар асоси маҳфилҳои корӣ принсипи ихтиёрии қатъӣ ҷойгир аст. Одатан, дарсҳои маҳфилӣ барои хонандагони хуб ташкил карда мешаванд. Аммо, бояд дар хотир дошт, ки баъзан хонандагони сустхон ихтиёран дар кори маҳфили математикӣ иштирок карда, ба муваффақият ноил мешаванд. Аммо на ҳамеша чунин хонандагон хоҳиши иштирок дар чунин дарсҳоро изҳор мекунанд. Танҳо ба чунин хонандагон бодиққат муносибат карда, бояд кӯшиш кард, ки таваҷҷуҳи онҳо ба математика мустаҳкам карда шавад, то кор дар маҳфилҳои минбаъдаи математика барои онҳо имконпазир гардад. Албатта, мавҷудияти хонандагони камбизоат дар байни аъзои маҳфили математикӣ кори омӯзгорро душвор мекунад, аммо бо роҳи фардикунонии супоришҳое, ки омӯзгор ба иштирокчиёни маҳфил пешниҳод мекунад, ин мушкилотро то андозае сабук кардан мумкин аст. Муҳим он аст, ки хусусияти оммавӣ будани дарсҳои маҳфили математикӣ ва корҳои берун аз дарсиро нигоҳ дорем. Ҳангоми ташкили маҳфили математикӣ ба хонандагон таваҷҷӯҳ зоҳир карда, ба онҳо нишон додан

лозим аст, ки кор дар маҳфил такрори мавод нест, ҳадафҳоро ба таври возеҳ баён кардан ва хусусияти кори дар пешистодаро ошкор кардан лозим аст (барои ин тавсия дода мешавад, ки як қисми вақтро дар яке аз дарсҳои математика ҷудо кунад, то дар бораи ташкили маҳфил ба тамоми синф муроҷиат намояд). Ба ташкили кори маҳфили математикӣ ҷалб кардани худи хонандагон (ба онҳо супориш додани омода кардани паёмҳои хурд дар мавзуи омӯхташуда, интихоби масъалаҳо ва машқҳо дар мавзуи мушаххас, омода кардани маълумотномаҳои хусусияти таърихӣ, тайёр кардани моделҳо ва расмҳо барои ин машғулият ва ғайра) мақсаднок аст. Барои машғулиятҳои маҳфили математикӣ омӯзгор бояд «фазои» мубодилаи озод ва муҳокимаи фаъолро эҷод кунад. Мавзуи машғулиятҳои маҳфилӣ оид ба математика дар мактаби муосир хеле гуногун аст. Дар мавзуи машғулиятҳои маҳфилӣ барои хонандагон масъалаҳои марбут ба таърихи математика, ҳаёт ва фаъолияти математикони маъруф ҷой доранд. Инчунин, дарсҳо ба рушди шавқи хонандагон ба фан, ҷаҳонбинии математикӣ, қобилияти эҷодии онҳо мусоидат мекунанд. Онҳоро чорабиниҳои якдафъаина, ки ҳам дар мактаб (шабнишиниҳои математикӣ, викторинаҳо, олимпиадаҳо, маҳфилҳои зарифон, мусобиқаи дастаҳо ва ғайра) ва ҳам берун аз мактаб (озмунҳои математикӣ, дарсҳо дар мактабҳои физикӣ-математикӣ, озмунҳо оид ба ҳалли масъалаҳо ва ғайра) гузаронида мешаванд, пурра мекунанд.

## БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ

Пораи тан, ҷони туем, эй Ватан,
Хун ба шарёни туем, эй Ватан!
Марзи Ватан сарҳади номуси мост,
Гӯш ба фармони туем, эй Ватан!
Бахри дифоъ аз ҳарами амни ту
Аскари майдони туем, эй Ватан!
Дар раги мо хуни далерони мост,
Рустами Дастони туем, эй Ватан!
Рӯзи набардем чу кӯҳ устувор,
Мо, ки далерони туем, эй Ватан!
Пеши аду бо ҳама неруи тан
Кӯҳи Бадахшони туем, эй Ватан!
Пайкари мо ғайрати мардонагист,
Шери хурӯшони туем, эй Ватан!
Бахри вафо то нафаси охирин,
Бар сари паймони туем, эй Ватан!



**Раҳмоналӣ Мирализода**

# НАҚШИ ГЕОГРАФИЯ ВА ФИЗИКА ДАР ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ХОНАНДАГОН

**Азмиддин УБАЙДОВ, Мастона ГУЛОВА – омӯзгорони МТМУ №6, ноҳияи Мастчоҳ**

**Афзоиши босуръати ҳаҷми иттилооти нав талаб менамояд, ки раванди таълим танҳо ба интиқоли он маҳдуд нашуда, балки ба ташаккули қобилияти таҳлил, муқоиса ва истифодаи дониш дар вазъиятҳои нав равона гардад. Яке аз роҳҳои самараноки расидан ба ин ҳадафҳо истифодаи робитаи байнифаннӣ дар раванди таълим мебошад.**

География ҳамчун фанни гурӯҳ (сикл)-и табиатшиносӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ мавқеи махсус дорад, зеро омӯзиши амиқи ин фан зарур буда, дар инкишофи ҷаҳонбинии хонандагон ва шинохти олам муфид мебошад. Робитаи байни фанҳои география ва физика имкон медиҳад, ки раванди ҳодисаҳои табиӣ бо асосҳои илмӣ шарҳ дода шаванд.

Омӯзгори фанни география зимни таълими мавзуъҳои алоҳида ба донишҳои физикӣ такя намуда, метавонад дарсҳоро шавқовар ва пурмазмун баргузор намояд. Масалан, ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои «Замин, шакл ва бузургии он» дар синфи 6-ум хонандагон бо мафҳумҳои физикӣ, аз қабили даври гардиш, суръат, вақт, Қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ шинос мешаванд. Бо истифодаи ин донишҳо сабабҳои пайдоиши шабу рӯз, тағйири фаслҳои сол ва фарқияти минтақаҳои иқлимӣ шарҳ дода мешаванд.

Зимни таълими фасли «Қабатҳои Замин. Литосфера» омӯзгор сабабҳои заминларза, пайдоиши вулқон ва ҳаракати плитаҳои литосфериро шарҳ дода, зимни он аз донишҳои физикӣ дар бобати ҳодисаҳои чандирӣ (деформатсия), мавҷҳои механикӣ, амплитуда ва басомад истифода бурда метавонад. Ин мафҳумҳои физикӣ барои шиносонидани табиати заминларза ва паҳншавии мавҷҳои сейсмикӣ аҳаммияти калон доранд. Ин робитаҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки равандҳои хатарноки табииро дуруст арзёбӣ намоянд.

Ҳангоми таълими фасли «Атмосфера ва равандҳои он» дар синфи 7-ум яке аз мисолҳои равшани робитаи байнифаннӣ мавзуи «Фишори атмосферӣ» мебошад. Дар география хонандагон бо мафҳуми фишор, тағйири ёфтани он дар баландӣ ва вобастагии фишор аз шароити обу ҳаво шинос мешаванд. Дар физика бошад, ин мавзуъ бо қонунҳои фишори газҳо, усулҳои ченкунӣ ва сохтани барометр пурра мегардад. Бо истифодаи донишҳо аз фанни физика сабабҳои пайдоиши бод, ташаккули сиклонҳо, муайянкунии самти бод, боришот ва падидаи инверсияи ҳарорат фаҳмонда мешаванд. Ҳангоми таълими ҳамин фасл омӯзгор аз донишҳои синфи 8-уми физика, аз ҷумла, тафовут дар гармшавии сатҳи хушкӣ ва об, гармгузаронӣ, конвексия ва афканишот истифода карда, донишҳои хонандагонро оид ба иқлим баланд бардошта метавонад. Бо истифода аз ин донишҳо сабабҳои пайдоиши биёбонҳо, фарқияти иқлими соҳилӣ ва дохилии қитъаҳо, инчунин тағйири ҳарорат бо баландӣ шарҳ дода мешаванд.



Барои омӯзонидани фасли «Гидросфера» дар синфи 7 омӯзгорро лозим меояд, ки дар барои укёнусҳо, баҳрҳо, кӯлҳо, дарёҳо ва обҳои зеризаминӣ маълумот диҳад. Дар вақти таълими ин фасл омӯзгор метавонад аз донишҳои физикӣ дар бораи конвексия, гармигузаронӣ, фишори

моеъҳо ва газҳо васеъ истифода карда, дарсҳояшро пурмазмун гузаронад. Масалан, ҷараёнҳои гармӣ ва сардӣ дар укёнусҳо ба иқлими соҳилӣ таъсир мерасонанд, баландии об ва бухоршавӣ бо қонунҳои гармӣ ва зичӣ шарҳ дода мешаванд.

Омилҳо ва таъсир:

1. Конвексия ва ҳарорати об → таъсири ҷараёнҳо ба иқлим.
2. Зичии об ва бухоршавӣ → боришот ва ҳавои намнок.
3. Фишор ва ҳаракати об → бухоршавӣ, гардиши об ва намӣ.

Зимни таълими фасли материкҳо омӯзгор махсусиятҳои ҳар як материкро шарҳ медиҳад. Дар ин замина омӯзгор метавонад аз донишҳои физикӣ, ба монанди ҳисоби фишори атмосферӣ вобаста ба баландӣ, ҳисоби намнокии нисбӣ ва мутлақи ҳаво, ҳисоби миқдори гармӣ ва тағйири ҳарорат васеъ истифода барад.

Дар ин бобат донистани баъзе донишҳои зарурӣ манфиатнок хоҳад буд:

1. Масофа аз экватор → тақсимоти гармӣ ва хунукӣ.
2. Баландӣ ва релеф → пастшавии ҳарорат ва тағйири ҳаво.
3. Ҷараёнҳои баҳрӣ ва укёнусӣ → гармӣ ва намии минтақаҳоро танзим мекунанд.
4. Соҳил ва дохили материк → таъсири об ба гармӣ ва фаслҳо.

Оид ба таълими фасли «Географияи сарватҳои табиии ҷаҳон» дар синфи 9-ум омӯзгор дар бораи сарватҳои табиии ҷаҳон дар умум маълумот дода, дар бораи ба се гурӯҳ ҷудо шудани онҳо: маъданҳо (металл ва ғайриметалл), энергия (нафт, газ, ангишт) ва обу хок (обҳои зеризаминӣ, хокҳои ҳосилхез)-ро шарҳ медиҳад. Омӯзгор ҷойгиршавии нобаробари сарватҳоро дар сайёра таъкид намуда, ба шароити географӣ вобаста будани онҳоро бояд қайд кунад. Баробари омӯзиши фасли мазкур омӯзгор метавонад аз донишҳои физикӣ оид ба қувва, масса, гармигузаронӣ, фишор, ҷараёнҳои обу ҳаво, тайфҳо ва навъҳои он, спектрометр ва спектрографҳо маълумот дода, барои фаҳмидани пайдоиши сарватҳо ва истифодабарии онҳо донишҳои шогирдонро баланд бардорад.

Ҳамин тавр, робитаи байни фанҳои география ва физика яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани сифати таълим ба шумор меравад. Он на танҳо ба азхудкунии устувори дониш мусоидат мекунад, балки дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон, фикрронӣ ва интихоби дурусти касб нақши муҳим мебозад. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки ин робитаро ба таври мақсаднок, пайдарпай ва бо асосҳои илмӣ дар раванди таълим татбиқ намояд.

Эй бародар, ба касби илм гарой,
Пой бар ҷаҳл нех, ба илм дарой!
Маърифат ҷуз ба илм натвон ёфт
В-ин сифат ҷуз ба илм натвон ёфт.

**Камолиддини Биноӣ**

# РАСТОХЕЗИ ВОПАСИН

*(Идома аз шумораи гузашта)*



**Бароти АБДУРАҲМОН – Нависандаи халқии Тоҷикистон**

**Пас аз чор рӯзи набарди сахту хунбор ошӯбгарон куҳандижи Бухороро тарк карда, аз роҳи нуҳуфтаи зеризаминӣ нимашабе роҳи Пайкандро пеш гирифтанд. Бо лашкари пешсафи турк, зери фармони Торемен, набарди сахте[1] дар остони Бухоро рӯй дод. Ҳангоме сипоҳиёни савораи Шерикишвар ва Дуланхон расиданд, ҳоли ошӯбгарон танг шуд. Абруй фармон дод, ки дастае аз саворахо се қатор саф баста, зери фармони ӯ чун сипар дами лашкари душманро бубананд. Фишори сипоҳиёни Торемен то ҷое коҳид, ошӯбгарон дартоз вориди дарвозаи калон гаштанд.**

Саворaи ҷавоне бо чанд ҳамсафаш аз лашкари Торемен ҷудо шуда, ба ҳимоятгарони Абруй дарафтод. Ӯ аз марг боке надошт, чун паланги хунрез ба ошӯбгарон дарафтода, дар як дам чандин саворро сар зад ва рахнае ба сафи ҷафси Абруй афканд. Абруй шамшер кашида, пеши ҷавони даррандахӯйро баст. Нигоҳаш ба чашмони калони сиёҳ, абрувони ҳамоили пайваста, ришу мӯйлаби дамидаи ҷафси ҷавон афтоду дилаш таҳ кашид. Ҷавони бебоки сафшикан ба туркҳои чашмтанги тунукриш монандие надошт. Аз таги кулоҳи ҷангӣ доғи сӯхтае дар пешонаи ҷавон намудор буд. Абруй бо сипар зарби шамшерҳои афкандаи ҳарифашро мегардонду дар симои ӯ нишонаҳое аз худаш дармеёфт.

- Суғдрод, писарам! - беихтиёр хурӯшид рост ба чашми ҳарифаш нигариста, Абруй. - Ту турк нестӣ, монанди писари манӣ, ки даҳ сол пеш аз Бухоро дуздида буданд. Модарат Мушкнисо ва падарат Абруйро ёд дорӣ?

- Ман туркам, ай ошӯбгари палид! Падари ман ҳоқони бузург аст. Модарам Турконхотун! То саратро наситонам ва дилатро канда нахӯрам, номамро мегардонам.

- Чӣ ном дорӣ, шери ял? Номи писари ман Суғдрод буд.



- Ман, ҳангоми хурдӣ Кучук ном доштам, калон шудам, падарам Қарачурин номамро Кичикхон гузошт.

- Ту на Кучукӣ, на Кичикхон, ту Суғдроди писари Абруйи ошӯбгар ҳастӣ! Туро туркҳо дуздида, ҳушу ёдатро бурданд, хотираатро рӯфтанд ва ба ҷанги падар овarданд. Суруди аллаи модаратро дар гаҳвора ёд дорӣ?!

- Ман гаҳвораро намедонам, дар болои сипар, пӯстаки гӯсфанд ва қабои пӯсти шутур калон шудам. Суруди кӯдакии ман шарфаи пойи аспу зузаи гург ва садои бархӯрдани шамшеру сипар буд. Аз вақте ки соҳиби аспу шамшер шудам, хуни душманамро менӯшам ва дилашро канда мехӯрам. Бидон, аз сари ту ҷоми шароб месозам, Абруй! Дилатро канда хомохом мехӯрам!

- Яздони пок туро биёмурзад, Суғдрод! Ёду хотираатро рӯфта, аз ту махлуқи хунхоре парваридаанд! Дареғи писаре, ки аз хуни ман, падари суғдиаш рӯиду гурги одамхоре гашт!

Кичикхони хашмзада аспашро сӯи Абруй маҳмез зада, шамшер кӯфт. Абруй аз ғояти дарду алам сипарашро бошаст сӯи писар афканд, ки ба буни гӯшаш расида, ӯро аз асп афтонд. Абруй

[1] Аз рӯйи нигориши Л. Гумилев, набарди сахти остони Бухоро бо ошӯбгарони Абруй, поёни баҳори соли 587 рӯй додааст. (Ниг. Древние тюрки. С.-130).

каси охирине буд, ки ба дарвозаи Бухоро даромад ва дарвозаи баланду вазнинро дарҳол пӯшиданд. Кичикхони барошуфта, чун паланги хашмин ба оҳанҳои дарвозаи дутабақаи оҳанинбанд часпида, бо такону кашиши дасту пой ба болои бурҷи дарвоза расид. Яке аз посбонони бурҷро бо пой кӯфта, ба дигараш дарафтода буд, ки таноби чангакдореро ҳамсафонаш аз поён ба бораи бурҷ афкананд. Се-чор найза ба синаи Кичикхон рост шуд, ӯ дарҳол хам шуда худро сӯи таноби овезон афканд ва ба таноб часпида поён хамид. Абруй болои девори бурҷ баромада, аз раҳидани писараш оҳи талхе кашид ва дарёфт, ки дар колбади писараш гурги одамхори падаркушро парваридаанд.

* * *

Набарди Пайканд қариб як ҳафта дароз кашид. Ҳандақи чуқуру паҳни гирди шаҳристон, ки як моҳ пеш гумоштаҳои фиристодаи Абруй пур аз об карда, бо ёрии мардум деворҳои ҳисорро навсозӣ ва баланду устувор намуда буданд, шасти сарлашкарони тундтози туркро бозмедошт. Чандин бор аспҳову саворахо ба ҳандақ чаҳида, андаруни лойу чали часпак дармонда, зери об ғӯтиданд. Сангкашонӣ ҳам кор надод, ҳимоятгарони Пайканд ҳангоми ба хандақ расидани сангкашон, аз боло тирборон мекарданд. Лаби ҳандақ пур аз ҷасади сарбозони турку ғуломони суғдӣ гашта, аз пайкарҳои беҷон садди дигаре падид меомад.

Ногоҳ ба сари Торемени маккор нақшае роҳ ёфт. Кичикхон бо фармони Торемен аз асп фаромада, шамшеру сипарашро ба замин ниҳод. Сари сӯхтаи ӯро урён карданд, бо дастони баставу занҷире дар гардан, назди ҳандақи дарвозааш оҳанин расонданд. Ду сарбози таҳамтани турк дар паси сипарҳои бузург паноҳида, аз ду тараф шамшерҳояшонро ба гулӯи Суғдрод ниҳоданд. Ҳимоятгарони ҳисор бо ишораи Абруй аз тирандозӣ бозистоданд. Пайкрасони Торемен бо овози баланд аз паси Кичикхон бонг зад:

- Эй Абруйи бадкин! Ҷони писарат Суғдродро мехарӣ ё на?! Нафасе кофист, ки сари ӯро аз тан ҷудо кунанд!

Абруй сари сӯхтаи писарашро дида, таконе хӯрду ларзид. Талотуме ба ниҳодаш афтод, дасту пояш суст шуд ва серишке дар чашмонаш падид омад. Сари сӯхтаи писар, бохтани хотира, рӯфтани ёду ёдвораҳои гузаштаро барояш ошкор месохт. Ӯ дар нимароҳ монда буд: аз як сӯй сарнавишти фоҷиабори ошӯбгарон домангираш мегашт, аз сӯи дигар ҷони писари ягонааш Суғдрод сари мӯе овезон буд. Ҳимоятгарони Пайканд камону тири пайкон бар зеҳи таранг, шигифтзадаву ҳайрон монданд. Абруй хомӯшона тасмабанди миёнашро кушода, шамшерашро ба миёни дӯсташ Мубораки Ҳабиб баст. Аз рухсораҳояш ашк мешорид. Ҷавшанашро кушод, кулоҳи ҷангиашро аз сар гирифт ва танҳо кақкорди кӯтоҳеро ба ҷайби қабои чарминаш андохт. Ӯ ҳарфе назада, серишк бар чашмон аз болои бурҷи қалъа поён фаромад. Аз меҳтари дарвозабонон хоҳиш кард, ки пули борики яккасаро поён кунад ва баробари гузаштанаш аз обраҳаи ҳандақ дарҳол бардорад. Абруй аз болои пули борик дартоз гузашта, назди Суғдрод расид. Сари сӯхтаву бемӯй ва пур аз доғҳои ноҳамвори писар аз сарнавишти талхи ӯ гувоҳӣ медод. Кичикхони бекулоҳ гарданашро фурӯ кашида, намедонист сари бемӯйу пурҷароҳаташро чӣ гуна пинҳон созад. Таҳамтанони турк дарҳол шамшер ба гулӯи Абруй ниҳоданд ва ҷони Суғдрод раҳид. Абруй дастонашро пеш ёзонда, ба яке аз шамшердорон рӯй овард:

- Дастони писарам Суғдродро бикушоед.

- Ман писари ту нестам, Абруй! Писари хоқони бузург Қарачуринам. Торемен маро писарат хонда, бо найранг туро ба дом афтонд.

- Ай писари гумроҳи хотира ва хушу ёдатро бохта! Эй ғуломи хонабардӯши туркон, ки шири модари суғдиро макида, хуни падари ростинатро рехтан мехоҳӣ? Ай бардаи аслатро бохтаи бегонапараст, ки хоки зодгоҳатро поймол ва ватанатро ба хуни падару модар ва ҳамнасабони суғдиат оғуштан мехоҳӣ! Бигӯ, ман суғдиам, забону лафзи модарам суғдист! Хуни нофам дар Бухоро – зодбуми ниёгони суғдиам рехтааст.

- На, ай палиди ошӯбгар! Ман туркам, аз табори туркҳои Ашин! Бобокалонам Буманхоқон, бобоям Истемихоқон ва падарам Қарачурин хоқон аст! Ному нишони Суғд гум бод! Ман ташнаи хуни туям, Абруйи ошӯбгар!

- Ай, Ҳурмузди додварзу волотабор! Ин чӣ бедодист, ки писар ташнаи хуни падар аст ва дилашро канда, хомохом хӯрдан мехоҳад! Аз ин мусибати талх маро вораҳон ва ҷонамро биситон!

- Ҷонатро Ҳурмузд не, ман меситонам, ай Абруйи дурӯғванд! Дилатро аз сандуқи синаат бо чанголҳоям меканам! Гулуятро чун шер газида, хунатро мемакам!

Торемен бо чандин сипаҳсолоронаш назди падару писар расида, пархоши онҳоро бо заҳрханди кинхоҳона тамошо мекарданд. Кичикхон бо дастони кушода Торемени фармондеҳашро диду чун шер ғурида пеш ҷаҳид. Посбонон, ки фурсати дастони Абруйро бастан наёфта буданд, аз нигоҳи Торемен рамуз бардошта, ба Кичикхон роҳ кушоданд. Кичикхон ангуштони нохунҳояш тезро чун пайкони найза ҷафс карда, ба сандуқи синаи Абруй кӯфт ва чун даранда даҳон кушода, дандонҳоро ба гулӯи падар халонд! Фиғони ҷонкоҳе аз ниҳоди Абруй раҳида, фазоро ларзонд. Ӯ бори дигар ҷонсарак наъра зад ва бо чанголҳои чун оҳан сахташ гулӯи писарро фишурд. Суғдрод нафасгир ва дандонҳояш суст шуданд. Абруй бо дасти чап аз ҷайб каҷкордро кашиду рост ба дили писар халонид. Сипоҳиёни турк хурӯшида, сӯи Кичикхон тохтанд. Корд то дастабун ба дили Суғдрод халида даромада буд ва ӯ суст шуда, рӯи замин афтод. Абруй бори сеюм наъра кашид ва худро беҳолона болои писар афканд. Аз паси Торемен бародараш Шерикишвар расид, ки гумоштаҳояш ҷуволеро доштанд, ки дарунаш пур аз занбӯри газандаи сурх буд. Гумоштаҳои турк бо фармони Шерикишвар Абруйи нимҷону гулӯяш ҷок ва синааш оғуштаи хунро бардошта, ба даруни ҷуволи пур аз занбӯри сурх андохтанд ва даҳони ҷуволро бастанд[1].

Хурӯше аз миёни ҳимоятгарони қалъаи Пайканд боло гирифт ва бо дастури Мубораки Ҳабиб тирандозӣ сар шуд. Ҷасади нимҷони Суғдроди Кичикхонро, ки аз бехи корди ба синааш халондаи падар хун метаровид, сарбози таҳамтане кашола карда, ба ҳандақи лойолуд афканд. Чанд савори турк аз расидани тири пайкони ошӯбгарон ҷон бохтанд. Сипоҳиёни пешомадаи турк, ки пархошу гулӯгирии писару падари суғдиро тамошо доштанд, дарҳол то фосилаи тиррас қафо рафтанд. Дар миёни майдон ҷуволи даҳонбастаи занбӯри сурх монд, ки андаруни он пайкари нимаҷони Абруй такон мехӯрду метапид. Абруй шояд мадҳуш буд ё намехост душманон нотавониву шикасти ӯро пай баранд, андаруни ҷувол такон мехӯрду метапид вале фиғону нолише намекард. Набарди дами бегоҳ пас аз тирандозиҳои фосиладор мекоҳид ва офтоби дами ғуруб бо шафақи хунполуда дар паси кӯҳҳои Нахшаб фурӯ мерафт.

* * *

Шаҳристони Самарқанд ба ҳалқаи дуду оташ мепечид. Лашкари савораи Шерикишвар дуртар аз Дарвозаи Бухоро лангар зада, тирҳои пайкони оташандударо аз теппаи гӯристони Сангресон сӯи шаҳр меафканданд. Дастае аз савораҳои яккачин аз самти Дарвозаи Пули Кӯҳак руди Сиёбро убур карда, мехостанд Дижи Афросиёб – бошишгоҳи ихшид Варҳуманро ба коми оташ бикашанд. Аз панҷ дарвозаи шаҳристон савораҳои турк ҳанӯз Дарвозаи Чин ва Дарвозаи Кешро напечонда буданд.

Варҳуман нимашаб Шерварзи писари Шишпири нигорандаи чирадастро наздаш хонд ва дастур дод, ки ҳамроҳи шогирдон савори гардуна аз дарвозаи Кеш берун шуда, роҳи Панҷакатро пеш бигиранд. Дуруду паёми ӯро ба волии Панҷакат бирасонад ва даруни дижи тобистонаи ӯ дар болои теппаи шаҳристон ба ороиши деворнигораи нотакроре рӯ биёрад. Ӯ ба Шодварз ду ҳамён сиккаи тилло ва панҷ ҳамён сиккаи нуқра дастмузд дода, афзуд ки ба қофилаи ҳамсару фарзандони хурдсоли ӯ бипайванданд. Барои дилпурии Шодварз огоҳ намуд, ки замини болои теппаи Панҷакат мулки зархарид ва бошишгоҳи тобистонаи ӯст. Кайҳо боз орзу дошт, ки ба рӯи деворҳои баланду гаҷандудаи кохи Панҷакат[1] чун Афросиёб манзараҳои хотирмонеро бинигоранд. Варҳуман пас аз гусели қофилаи нахуст субҳи бармаҳал ҳафт савораро бо аспҳои тезтак аз Дарвозаи Кеш сӯи Чағониён назди малик Турунтош фиристод, то аз рӯи аҳду паймон ба ёрии ихшиди Самарқанд бирасад. Сипас, мубадон мубади бузурги оташкадаи Самарқанд – Фарндоди мӯйсафед ва ду муғи волотаборро бо парчамҳои сафед ба боргоҳи Шерикишвар фиристод. Онҳо лавҳаи тилоии фармони ҳоқони бузург Қарачуринро, ки подшоҳи Суғди Самарқанд шудани Варҳуманро гувоҳӣ медод, ҳамроҳ бурданд. Варҳуман, гарчанде боварияш ба аҳду вафои саркардаҳои турк коҳида буд, мехост турксодаи гургхӯй фармони падари бузургашро

[1] Ниг.: Абубакр Муҳаммади Наршахӣ. Таърихи Бухоро. – Душанбе. 2012. С. - 28-29; 198.
[1] Аз рӯйи пиндори таърихнигорон ва санъатшиносон деворнигораҳои Панҷакат аз рӯйи услубу рангубор ба деворнигораҳои Афросиёб наздикӣ дорад, ки ин пиндорро нависанда ба қалам овард.

бо чашми сар дида, аз тундтозию густохиҳояш даст бикашад. Вале сад дареғ, нахуст сари бетани Фарндоди мубадон мубад ва сипас, сари ду муғи номдорро аз болои девору дарвозаи пӯшида дарун афканданд. Варҳуман аз хашму ғазаб мепечиду гирифтори паймоншиканӣ ва тарфанди падару писари турк шуданашро дар ин лаҳзаи ҷонкоҳ бахшида наметавонист. Ӯ сахт пушаймон буд, оҳи дарунсӯз мекашиду дареғ мехӯрд, ки бо Абруйи Пайкандии далеру сафшикан ҳамсафу ҳамсангар нашуд ва фирефтаи паймони Қарачурин гашт. Вале оҳу дареғ дигар суде надошт, фурсати аз тоҷу тахт дилу даст шуста, Самарқандро ба Шерикишвар вогузоштан расида буд. Лавҳаи тилоии фармон дар дасти Шеркишвар монд ва Варҳуман ночор силоҳи ҷангӣ пӯшида, нигарони посухи Турунтош гашт.

Нимарӯз дастаҳои Нилихони писари Шерикишвар дар пойгоҳи Дарвозаи Навбаҳор ҷой гирифтанд. Варҳуман огоҳ буд, ки бобояш Қарачурин наберааш Нилихонро ба ҷои Абруй ҳокими Пайканд гузошта, дастур дода буд, ки решаву пайванди ошӯбгаронро аз кӯдаки гаҳвора то мӯйсафедони барҷомонда нобуд созад. Мардуми Пайканд ӯро Пармуда меномиданд ва аз кушторҳояш ба ҷон расида, ёрои саркашӣ кардан надоштанд. Онҳо гӯшона мезаданд, ки аз гургзода гург мерӯяд. Пармуда дар куштори дарандаворон аз падар гузаронд. Рӯзи дуюми набард лашкари сершумори Шерикишвар назди се дарвозаи шаҳристон бошишгоҳ зада, тохтутоз ва тирандозиро дучанд мекарданд.

Аз ҳафт фиристода ба Чағониён савори захмине баргашт, ки сари зин базӯр менишаст. Савори бозгашта паёми нохуше овард, ки ба хиёнату паймоншикании дӯсти пешин бовари Варҳуман намеомад. Турунтош ба пешвози лашкари Торемен сӯи Нахшаб шитофта, мехоҳад аз самти Кеш якҷоя ба Самарқанд ҳамла оранд. Ниҳоди Варҳуман лабрези нафрину пушаймонӣ гашт ва чашмаш ба сурати Букарзода дар девornигора афтод. Фиристодаи Турунтоши палид лавҳа ба даст, савганд ёд мекард, ки дӯстии мо пойдору бегазанд аст. Хурӯше аз ниҳодаш бархест, ки бо нӯги пайкони найза пайкараи фиристодаи Турунтоши бадаҳдро аз девор барканаду ному нишонашро нопадид созад. Вале пайковар дартоз расида огоҳ намуд, ки Шерикишвар Дарвозаи Бухороро шикаста, бо дастаи саворонаш ба шаҳристон даромад.

Фурсати нигаронӣ набуд. Варҳуман ҷаҳида ба асп савор шуд ва аз пойгоҳи кохи Афросиёб берун шитофт. Фазои Самарқандро дуд печонида, дудғулаҳо аз боғи шоҳаншоҳӣ ба болои коху толори пазироӣ мехазид. Оби ҷӯйи Сиёб лойолуд метофт ва хокистару чӯби сӯхта рӯи он ҷорӣ мегашт. Варҳуман пештар омада, пай бурд, ки оби ҷӯй огандаи хун аст ва ба чашм гиломуди тира менамояд. Варҳуман аз баландии фарози кохи Афросиёб, ки дар болои пойдевори сангӣ қомат афрохта буд, аспашро сӯи дарвоза тозонд. Кохи Афросиёб ба самти Кеш ва самти Бухоро ду дарвоза дошт. Дар болои девори дарвозаҳо чаҳор бурҷ сар афрохта буд, ки чун бошишгоҳи посбонон ва девори дифоӣ хидмат мекарданд. Аз беруни дарвозаҳо садои суми аспҳо, чакочаки шамшеру хурӯши сарбозони ду тараф ва нолаву фиғони захмиёни даргурез ба гӯш мерасид.

Андаруни девори кохи Афросиёб, ки ҳалқаи чоруми дифоӣ буд, беш аз дусад сипоҳи савору пиёда ва посбонони ихшид ба пойгоҳи ду дарвоза расида, омодаи набард гаштанд. Тирҳои пайкон ва камандҳои афкандаи саворахои турк фурсате нагузашта, посбонони болои девори дарвозаҳои Кохи Афросиёбро сарнагун намуданд. Дарвозаи нахуст аз кӯфтани болорҳои гарон роғ оварда шикаст ва саворахои найзадор паси ҳам вориди ҳавлӣ гаштанд. Дар пешгоҳи дарвозаи нахуст набарди хунин боло гирифт ва аз ду тараф касони зиёде кушта шуданд. Якчанд савори турк чӯбҳои нӯгашон фурӯзонро ба оташкадаи шафати дарвоза афканданд. Боми чӯбини оташкадаи зардуштӣ аланга зада, фағонаи дуду оташ аз бому дари чортоқи он боло мегирифт. Мубадону муғони сафедпӯш, ки силоҳ надоштанд, аз оташкадаи фурӯзон берун ҷаста, ҳамоно гирифтори дами теғ мегаштанд. Пероҳани яккаду сафедашон оғӯштаи хун гашта, рӯи хок метапиданд.

Варҳуман аспашро бо таконе сӯи оташкадаи сӯзон ронд. Ӯ пешопеши саворахояш шамшер зада, ду турки чӯбдастаҳояшон фурӯзонро аз пой афтонд. Дар як лаҳза дастаи туркҳои оташафкан яксони замин гаштанд ва сипоҳи пиёдаи суғдие чӯбҳои фурӯзонро ба ҷӯи хунолуди Сиёб афканд. Набард чандон дер накашида, Шерикишвар дар ҳалқаи посбононаш вориди ҳавлии Кохи Афросиёб гашт. Ӯ зиреҳе аз пӯлоди туркӣ дар пешсина ва китфон дошт. Дар сараш тоскулоҳи ҷангӣ ҷило медод, ки аз тагаш кулоҳи намадӣ пӯшида буд. Ду кокули бофтааш аз ду тарафи баногӯшу гардан ба сандуқи синааш хамида буд. Чашмони танги лабрези хашмаш хун

баста, пайи хуни ба рухсора кашидааш сурх метофт. Риши тунук, мӯйлаби зарди ҳамоил ва бинии паҳну пачаҷи хунбастааш аз кинхоҳии ӯ гувоҳӣ медод. Варҳуман аз дидани душмани паймоншикану бадаҳд сӯи ӯ аз дур ханҷари кутоҳ афканд. Ханҷар чун тири пайкон ба буни гардани Шерикишвар рост омад. Ӯ дарҳол сарашро якпаҳлу хам кард ва нӯги ханҷар баногӯши Шеркишварро лесида, мӯйи дубофташро кутоҳ кард. Шерикишвар оҳи сабуке кашида, мӯйи буридаашро дошт ва сӯи Варҳуман хурӯшид:

- Оҳ, дастат бишканад, Варҳумани палид! Теғат қариб гарданамро мезад!

- Сазои бадаҳдону паймоншиканон марг аст! Мард бошӣ, майдон баро!

- Ман шамшерамро бо хуни ихшиди кучук намеолоям! Пасттарин ғуломам Турғун ба набарди ту мебарояд.

- Кучуки пастфитрат туӣ, номард! Худро шер мехонӣ, вале дилу гурдаи харгӯшеро надорӣ!

- Доред! Зинда дастгир кунед! - хурӯшид Шерикишвар. - Зинда ба зинда пӯсташро меканам!

Саворахои турк аз чаҳор тараф каманд афкананд. Як каманд ба гардан ва ду каманди дигар ба китфу миёни Варҳуман печид. Сипоҳи суғдие каманди миёнашро бурид, вале каманди гардан Варҳуманро гулӯгир намуда, ба замин афтонд. Пайкари ихшидро ду савор кашола карда, аз паси дастаи туркони шамшерзан ба кохи пазирой расонданд. Қариб ҳамаи посбонону сипоҳиёни Варҳуман дар набард ҷон бохтаву захмин гашта, ёрои дифои ихшиди гирифторро надоштанд. Каманди таранги гулӯи Варҳуманро суст карданд ва ӯ ҷонсарак се-чор бор нафас кашида, беҳолона чашм кушод. Дар болои сараш худро андаруни деворнигора ба тахти шоҳии Суғд нишаста дид, ки перомунаш фиристодаҳои кишварҳои дуру наздик дуруду паём мерасонданд. Чашм аз деворнигора канд, гирдашро сипоҳиёни турк бо шамшерҳои кашида печонида, нигарони фармони Шерикишвар буданд. Шерикишвар нӯги шамшерашро ба тоҷи сари ихшиди бар тахт нишаста халонид ва бонг зад:

- Варҳумани палид, худро шоҳ мепиндорад! Ӯ ба тахти ман дар Суғди Самарқанд нишастааст! Бовар надошт, ки Шерикишвар Абруйи бадкинро кушта, ба Самарқанд меояд.

- Дареғо, бо Абруйи сафшикану турккуш ҳамсангару ҳамсаф нагаштам! Ба фармони падарат дар лавҳаи тиллоӣ ва савгандҳои Туғран билгеи палид бовар кардаму Суғди Самарқандро бохтам.

- Ай Варҳумани хирадкоста! Магар намедонӣ, ки тахту тоҷро бо фармон не, бо шамшери хунрез меситонанд?!

- Ту пиндоштӣ, ки сарзамини Суғдро бо зӯри шамшер ситонидӣ?! Хаёли хомро аз сар бадар кун, турки яғмогари беватан! Баъди марги ман садҳо Ғотифару Абруй сар кашида, хокатро мебезанд!

- Хок бар сарат, Варҳумани тирабахт! Бидон ва огоҳ бош, ки Шерикишвар дар толори пазироии Афросиёб бо номи Совашоҳ ҳоқон тоҷгузорӣ мекунад ва подшоҳи саросари Суғд мешавад. Сипас, сӯи Балх лашкар мекашад ва сарзамини Ҳурмузди писари Хусрави Анушервонро меситонад. Ниҳоят, бо лашкари афзун сӯи Кунстантания мешитобад ва сарвати ҳангуфти императорони Румро соҳиб мешавад.

- Дар мурдаат Балху Тайсафун ва Румро намебинӣ, ай Совашоҳи лофӣ! Чун саги бесоҳиб дар ягон гӯшаи Самарқанд аз дасти айёри ватанхоҳе ҷон медиҳӣ ва чашмони тангатро лошахӯрон меситонанд!

- Ай Варҳумани бадбахт! Саратро меситонам, каллаи бемағзи туро бо сари Абруй ба нӯги парчамам халонида ба Балх мебарам.

Аз зарби тунди шамшер сари Варҳуман аз тан ҷудо шуд ва фаввораи хун аз буни гарданаш ҷаҳида, тахти болои сарашро гулгун намуд. Тоҷу тахти рӯи деворнигораи кохи Афросиёб оғуштаи хун гашт. Туғран билге хам шуда, сари Варҳуманро бо мӯйи сафеди оғуштаи хун аз пойгоҳи деворнигора бардошт. Чашмони Варҳуман кушода буд, мушакҳои рухсораш кашиш мехӯрд ва абрувонаш меларзиданд. Совашоҳи Шерикишвар ба чашмони кушодаи ихшид нигарист ва пиндошт, ки сураташ дар гавҳараки чашми Варҳуман такон мехӯраду хурду бузург мешавад. Ҷасади гарму бесоҳиби ихшод дар ҳалқаи туркони пирӯз метапиду такон мехӯрд. Аз деворнигораи кохи Афросиёб хуни гарм таровида, рангу ҷилои тахти Варҳумани тоҷгузоштаро дар ҳалқаи сафирон меафзуд.



**Саидаи ФАЗЛ – Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ИФТИХОР АЗ НОМУСУ НАНГИ ТОҶИК

**Давлат Сафар – журналисти соҳибназар, мунодӣ ва тарғибгари китобу фарҳанги миллӣ, роҳбари кордону корсоз, нафарест, ки бархоста аз факултети химияву билогияи Донишгоҳи омӯзгорӣ дар майдони шеъру шоирӣ ва фарҳанги кишвар мақоми волои худро пайдо карда тавонист. Ба таъкиди Раҳмоналӣ Шерализода, «Давлат Сафар - номе, ки дар фазои адабӣ ва ҳавзаи шеъри имрӯзи тоҷик бар сари забонҳост ва шахсияте, ки чеҳрааш дар ойинаи ҳаёти фарҳангии кишвар бо ҷилои хоса медурахшад. Дилаш барои миллаташ мураттаб метапад ва руҳаш аз муҳаббати сарзамини аҷдодиаш меболад».**

Давлат Сафар дастпарвари Донишгоҳи омӯзгорист, аммо фаъолияташ, асосан, дар самти матбуоту фарҳанг ва адабиёт вусъат ёфтааст, чунки истеъдодаш дар ин самт бештар зуҳур карда, ба парвози эҷодии ӯ таъсир расонидааст. Дар майдони матбуот ҳамчун журналист ӯро дар барномаҳои телевизионӣ хуб ба ёд оварда метавонем. Барномае дошт бо номи «Додрас», ки ҳадафаш ҳамеша мушкилиҳоро дидану аз пайи дарёфти роҳи ҳалли онҳо гардидан буд. Воқеан, зарур аст, ки ин барнома дубора эҳё шавад ва бо ҳамон ҷуръате, ки Давлат Сафар дошт, равнақи тоза ёбад. Барои журналист, агар ҷасорату қалам ва сухан муҳим бошад, Давлат Сафар ин ҳамаро дошт ва он ҳам дар сатҳи баланд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бештари журналистони радиову телевизион бо вуҷуди ровии хуб буданашон, дар баёни нутқи хаттӣ мушкил доранд, аммо Давлат Сафар дар ҳар ду паҳлуи нутқ дастболост. Сабаби асосияш маълум: мутолиаи зиёд, заҳмату эҷод ва омӯзиши бардавом.



Дар адабиёт шоирон зиёданд, аммо дақиқан, шоироне, ки бадоҳатан чизе гуфта тавонанд, ангуштшуморанд. Ҳатто муваффақтарин шоир ҳам ҳамеша дар ин маврид ҷуръат намекунад, аммо Давлат Сафар чунин ҷуръат ва маҳоратро дорад. Ба шеъри Давлат Сафар шоирони маъруф, устодон Бозор Собиру Гулрухсор, Алимуҳаммад Муродӣ, Камол Насрулло ва дигарон баҳо додаанд, ки ин эътироф ҳунари шоириии ӯро бозгӯ мекунад. Масалан, Бозор Собир баъди баёни чанд сухан дар хусуси ғояву муҳтаво ва ҳунари шоирии Давлат Сафар мегӯяд:

*Азизам, Давлат, андар шеъри нағзат мағз бисёр аст,*
*Дақиқан чун ҳамели пистаи хандони Фархор аст.*

Тавре Гулрухсор нақл мекунад, замоне Рустами Ваҳҳоб шеърҳои беноми зиёдеро, ки ба озмуне пешниҳод шуда буданд, барои интихоби беҳтарин ғазал ба ӯ пешниҳод мекунад. «Ман гуфтам, ки ҳамин ғазал бояд ҷои якумро бигирад ва он шеър ҳам иттифоқан аз Давлат будааст».

Яъне, Давлат Сафар шоири «зӯракӣ» ва шоири тасодуфӣ набуда, шоирест модарзод, ӯ зодаи модарест, ки «дар ҳавои шеъри Гулрухсор гов медӯшид» ва ба ин васила дар гӯши фарзандон аз ғурури ватандорӣ мегуфт.

Ба таъкиди шоирон, аз ҷумла, устод Камол Насрулло, Давлат Сафар дар эҷоди рубоиву дубайтӣ бештар муваффақ шудааст. Бубинед, ки дар сифоти падару модар ҷӣ зебову дилнишин мегӯяд:

*Сад мушт зи бесарӣ, ки бар сар хӯрдам,*
*Сад мушти дигар зи пушти дилбар хӯрдам.*
*Ширинии умри ман ҳамон аст, ҳамон,*
*Қанде, ки зи остини модар хӯрдам.*

***

*Дар оинаи дидаи ман рӯи Падар монд,*
*Дар хотираи чашм ду абруи Падар монд.*
*Гӯянд ҳаво хӯрдани ту чист зи хокаш?*
*Мерос бароям зи Падар бӯи Падар монд.*

Дар ин ду рубоӣ ҷанбаи мардумӣ мақоми асосӣ дошта, шоир аз таркибҳои шоиронаи «оинаи дидаи ман», «хотираи чашм», «ҳаво хӯрдан», «бӯи модар» бамавқеъ ва устодона истифода кардааст. Дар рубоии аввал аз остини модар қанд хӯрдан хеле ҷаззоб баён шудааст.

Тавре гуфтем, Давлат Сафар шоирест, ки бадоҳатан мегӯяду менависад. Агар кадом як мавзуъ, дастовард, мушкил ва ё масъалаи ҳаёту мамот ба миён ояд, ҳатман сухани аввалро ӯ мегӯяд. Дар ситоиши дастовардҳои замон, бузургии шахсияти Пешвои миллат, Муқаддасоти миллӣ, Роғун, ҳамзамон, ба мушкили рӯз табдил ёфтани падидаҳои замон дар мисоли телефон ва даҳҳо рӯйдоди дигар навиштаҳои ӯ хонандаро дарҳол ба худ ҷалб мекунанд.

Бартарӣ дар он аст, ки чандин шеъри ӯ таҳти навои оркестри симфонӣ ва оҳангҳои бастакорони кишвари ҳамзабони Эрон суруда шудаанд, ки баробари шунидан дар вуҷуди кас ҳисси ифтихори миллӣ ҷӯш мезанад. Ӯ бо пешниҳоди ҳар пора таронааш, ки дар он нақши Сарвари кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбари ташаббускору ғамхор барҷаста аён аст, ҳатман зери навор шиоре менависад, ба мисли «Эмомалӣ Раҳмон – эҳёгари таъриху тамаддуни ҳазорсола ва ғуруру ҳувияти миллӣ! Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори империяи фарҳанги миллӣ! Эмомалӣ Раҳмон – ҳадяи нодири таърихӣ ба бахти миллати тоҷик! Умеду армони ҳазорсолаи тоҷикони дунё!»

Шоир аз иқдомҳои тоза ба тозаи Сарвари давлат ба ваҷд омада менависад:

*Ба ҳафтод пушташ дуруду сипос,*
*Ба дарёниҳоду ба гавҳаршинос!*
*Дуруди Худои ҷаҳонофарин,*
*Фаровон ба номи чунин тахтшин.*

Дар ин пораи шеър таносуби сухан хеле бамаврид омадааст. Вожаи «дарёниҳод» сохтаи шоир аст, ки шеърро хело ҷаззобу хушобуранг гардондааст.

Ӯ аз ҷумлаи он шоиронест, ки тоҷик будан барояш мояи ифтихор буда, дар фаъолияту эҷод худшиносӣ бо ҳазор ранг зуҳур мекунад. Ифтихори худро бо он ки дар сатҳи ҷаҳон тоҷикро чун миллат шинохтаву эътироф кардаанд, бо чунин мисраъҳо иброз медорад:

*Зинда бодо то абад фарҳанги ТОҶИК!*
*Пояи фарҳанг дар авранги ТОҶИК!*
*Ҳамнавою ҳамбару ҳамсанги ТОҶИК!*
*Ифтихор аз номусу аз нанги ТОҶИК!*
*Ки дар он тасхир буд бори ЮНЕСКО-ро,*
*Балки дунёро!*

Давлат Сафар дар жанрҳои гуногун пайваста шеър менависад ва маҳорати хуби шоирӣ доштанашро собит мекунад. Достонҳои ӯ хонандагони зиёде пайдо кардаанд, шеърҳои сафедаш ҳам мазмунҳои баландро дар бар гирифта, ба дасти хонанда расида, эътибори ӯро баландтар гардондаанд. Ӯ алорағми онҳое, ки бузургон ва арзишҳои моро густохона аз худ карданӣ мешаванд, аз минбарҳо садо медиҳад. Аз ҷумла, ба рақибони мо, ки Синоро намояндаи миллати худ муаррифӣ мекунанд, қотеона мегӯяд:

*Ҳафтод пушти тоҷик –*
*Ҳафтод пушти Сино!*
*Хору хаси Бухоро,*
*Дар ёд пушти Сино.*

*Пурсед бӯи тоҷик,*
*Аз бод пушти Сино.*

Барои шоир ҳеҷ бойигарии дунё, он гуна ки ягон оҳан ба коркард тило, ҳеҷ зоғ ба нома бурдан кабӯтар намешавад, ҳеҷ хоке бо вуҷуди дар худ тилову гавҳар доштанаш, ба хоки Ватан баробар шуда наметавонад:

*Оҳан ба ҳазор тофтан зар нашавад,*
*Сад нома барад зоғ кабӯтар нашавад.*
*Хоке, ки аз он гавҳару тилло хезад,*
*Бо хоки Ватан ҳеҷ баробар нашавад.*

Давлат Сафар падару модарро хеле гиромӣ медорад ва эҳсоси худро дар шеър бо маҳорати воло ифода мекунад. Дарди аз даст додани падар ва ҳоли модари тоҷик ӯро водор намуд, бо ду мисраи пандомӯз навореро пешниҳоди ҷомеа гардонад, ки ба қадри падару модар намерасанд ва дар охир муҷозот мешаванд, яъне, ба онҳое, ки бехабар аз даравидани кишти кардаашон, ба падару модар беэҳтиромӣ мекунанд:

*Ҳар чи кардӣ дар ҳаққи модар, падар,*
*Интизораш бош, меояд ба сар*.

Ахлоқ яке аз муҳимтарин масоили эҷодиёти шоир маҳсуб меёбад. Дар як байт хушдор додани хонанда, ки кадом аъмол хуб ва кадомаш бад аст, барои шоир хеле осон даст додааст. Аз ҷумла, дар мазаммати рафтору кирдори бад дар чанд маврид таъкидҳо карда, оқибати хабаркаширо чунин тавзеҳ медиҳад:

*Дар остонае, ки хабаркаш мукаррам аст,*
*Бешак, фазои туй мубаддал ба мотам аст!*
Ин байт дар ҳавои байти мазкур гуфта шудааст:
*Доно ба ҳар диёр азизу мукаррам аст,*
*Лаънат ба он диёр, ки нодон бувад азиз.*

Аммо дар байти худ Давлат Сафар бадтарин хислати инсонӣ – хабаркаширо, ки ба қавле ба хунрезӣ мекашад, мазаммат кардааст. Дақиқан ҳамин гунае ки ҳаст, хабаркашӣ тӯйро ба мотам табдил медиҳад. Воқеан, ин хислат дар ҷомеа бисёр ба мушоҳида расида,боиси нигаронӣ ҳам ҳаст. Давлат Сафар ҳам инро донистa, ҳамеша аз дардҳои ҷомеа менависад ва бас муҷаз, сода, нишонрас ва шоирона.

Бадтарин ҳодисае, ки чанд моҳи охир ҷомеаро ба шӯр овард, қатли фарзанд аз ҷониби падар буд. Ин масъала шоирро бетараф гузошта натавонист. Ӯ бо муколама аз киву чӣ будани чунин падар сахт нороҳат шуда, ҳатто бадтарин ҷазоро бо мавҷудоти табиат дар мисоли санг (сангсор), оташ (сӯхтан) ҳайф медонад.

*Нест ҳайвоне чунин бераҳм бар*
*пайванди хеш,*
*Ин чи инсоне, ки бераҳм аст бар*
*фарзанди хеш?*
*На!*
*Хато кардам!*
*Ин на инсон аст!*
*На ҳайвон аст!*
*На шайтон аст!*
*Исми инсонро мағӯ бар «ӯ», ки ҳайф аст!*
*Номи ҳайвонро мағӯ бар «ӯ», ки ҳайф аст!*
*Кори шайтонро мағӯ бар «ӯ», ки ҳайф аст!*
*Ӯ на «ӯ» аст!*
*Ӯ на «ин» аст!*
*Не падар,*
*Не дӯст,*
*Не душман!*

*Нест номе, то бигӯям ман!*
*Сангсораш кард бояд?*
*Сангро бадном аз ин, ҳайф аст!*
*Сӯхт дар оташ? Набояд!*
*Оташи поку мусафоро мазан паст!*

Шоир таъкид мекунад, ки дар зиндагӣ бояд аз рӯйи маслиҳати падар амал кард, зеро падарон ҳамеша тарафдори онанд, ки фарзандашон дар ҳаёт роҳи ростро интихоб намоянд. Ӯ дар навиштаҳояш пандҳои падарро дар заминаи гуфторҳои мардумӣ хеле дақиқ ва фасеҳ ба риштаи назм кашида мегӯяд:

*Гуфто падарам, ки бо фалон роҳ марав,*
*Чун субҳ гузар кардаӣ, бегоҳ марав!*
*Бар дӯст магӯ зи рашки душман асло,*
*Гуфтӣ агар он, бо ӯ лаби чоҳ марав!*

Шоир баробари мардум, аз он ки на ҳама дӯст бародар шуда метавонад, нигарон буда менависад:

*Гар дӯст барои ман бародар бошад,*
*Бо ҷону дилу ҷигар баробар бошад.*
*Аз дӯсти фитнапарвари каҷрафтор,*
*Сад душмани рӯирост беҳтар бошад.*

Шукр кардан ва қаноатмандӣ аз беҳтарин хислатҳои ҳамидаи инсониянд, ки шоир мардумро ба риояи он даъват мекунад:

*Ношукрӣ накун,ки оқибат хор шавӣ,*
*Аз бадгуҳарӣ ба бад гирифтор шавӣ,*
*Шукрона бикун он чи Худо дод туро,*
*3-он пеш ки дар ҳасрати ӯ зор шавӣ !*

Ин рубоӣ фармудаи дигаронро ҳам ба ёд меорад, ки гуфтаанд:

*Шукри неъмат неъматат афзун кунад,*
*Куфри неъмат аз кафат берун кунад.*

Аз беҳтарин хусусияти ашъори Давлат Сафар хушоҳангӣ ва сурудани онҳо таҳти навоҳои дилангез мебошад. Масалан, суруди зебое, ки дар васфи Пешвои миллат шодравон Ҷамшед Исмоилов месароид, воқеан, гӯшнавоз аст:

*Ӯ ифтихору нусрати армони миллат аст,*
*Фархундабахту ҳамду санохони миллат аст.*
*Эй ҳамватан биёву муродиф ба ҳам шавем,*
*Миллат вуҷуди Меҳану ӯ ҷони миллат аст.*

Ё сурудае, ки ҳунарманди шинохта Лутфулло Давлат ба лаҳни ширин мехонад, моро ба дунёи оганда аз меҳру навозишҳои модар мебарад. Шунидани ин суруд, новобаста аз синну сол, барои онҳое, ки модарро аз даст додаанд, хеле дарднок аст:

*Хокистари ғам бошам бе хоки дарат, модар,*
*Аз файзи дуо гардам нахли самарат, модар.*
*Гаҳвораи хобам ку? Тифли ҳавасам бедор,*
*Сар бар сари зонуят, қурбони сарат, модар.*

Эҷодиёти Давлат Сафар саросар интизори омӯзиш аст. Ҳатто метавон аз онҳо мавзуъ ба мавзуъ мақолаҳои калону омӯзандае навишт, мақолаҳое, ки ифодагари воқеияти Истиқлол ва неъматҳои он, бузургии шахсияти Пешвои миллат дар шинохти бузургони гузашта, шарофати ваҳдати миллӣ ва самараҳои он, ахлоқ ва бузургдошти он, эҳтироми падару модар, васфи ёру диёр ва даҳҳои дигар ҳастанд. Махсусияти ашъори шоир паҳлуҳои муҳимми фаъолияти ӯро дар рушду равнақи фарҳанги миллӣ ва пиёда гардондани сиёсати давлат дар соҳаи фарҳанг пурра гардонда, мактаби таҷрибаи шоирро бой гардондаанд. Шоиста аст, ки аз ин мактаби шеъру шоирӣ, журналистӣ, китобдорӣ ва роҳбарӣ насли ҷавон омӯхта, дар роҳи ҳифзи арзишҳои миллӣ ва муаррифии ТОҶИК чун пайрави асосии Пешвои миллат гомҳои устувор гузоранд.

*Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз 22 ноябри соли 2025, №631 тасдиқ шудааст*

# КОНСЕПСИЯИ МИЛЛИИ ТАРБИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2045

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045 (минбаъд – Консепсияи мазкур) самтҳои асосии дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллӣ, бахусус насли наврасу ҷавонро муайян намуда, мақсад, вазифа, мазмун ва моҳияти тарбияро дар марҳилаи нави таърихӣ ба танзим медарорад.

2. Консепсияи мазкур ба таҳкими арзишҳои миллӣ, рушди маърифати ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ равона гардидааст. Консепсия ҳамчун роҳнамои асосии тарбия барои муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва аҳли ҷомеа хизмат намуда, ба мутобиқати раванди таълиму тарбия ба талаботи замони муосир мусоидат мекунад.

3. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, №94 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардидааст, таҷрибаи нахустин буда, аз қабули он 19 сол сипарӣ гардид. Бо дарназардошти рушди ҷомеаи муосир, тағйирёбии фазои сиёсиву иҷтимоии ҷаҳон, бедор намудан ва тақвият бахшидани ҳисси миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихори ватандорӣ дар зеҳну шуури кӯдакону наврасон ва ҷавонон зарурати қабул намудани Консепсияи мазкур ба миён омадааст.

## 2. СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ТАРБИЯ

4. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбия ҳамчун ҷузъи таркибии давлатдории миллию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар асоси қонунгузории амалкунанда ва санадҳои стратегӣ амалӣ мегардад. Давлат бо мақсади ташаккули шахсияти дорои ахлоқи баланд, ҷаҳонбинии васеъ, ҳисси баланди ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ тадбирҳои зарурира роҳандозӣ менамояд.

5. Бо мақсади амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбия давлат таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва фарҳангиро, ки ба таърих, арзишҳо ва анъанаҳои миллӣ асос ёфтаанд, дастгирӣ менамояд. Ҳамзамон, барои таҳкими афкори маърифативу зеҳнӣ, рушди эҷодкорӣ ва инноватсия, ки омилҳои муҳимми пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушди устувори давлат ба шумор меравад, шароити зарурӣ оварда мешавад.

6. Давлат ҷиҳати таъмини дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва рушди инфрасохтори марбут ба тарбия тадбирҳои дахлдор андешида, барои пешгирӣ ва мубориза бо унсурҳои терроризм, ифротгароӣ, радикализм, бегонапарастӣ тадбирҳои зарурии тарбиявӣ ва маърифатиро роҳандозӣ менамояд.

7. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбия дар асоси стратегияҳои давлатӣ, нақша ва барномаҳои дурнамо амалӣ гардида, татбиқи муназзами онҳо дар самти тарбия ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ниҳодҳои дигари иҷтимоиро таъмин менамояд.

## 3. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ҶОРӢ

8. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори давлатҳои дигари пешрафта узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, ҳамкориҳо дар самтҳои гуногуни сиёсати хориҷӣ, аз ҷумла соҳаи маориф рушд ёфтааст. Таъсис ёфтани муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии кишварҳои пешрафта дар ҷумҳурӣ, омода намудани мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои барои рушди иқтисоди миллӣ зарур дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар, ба роҳ мондани табодули академии донишҷӯён, такмили ихтисос ва таҷрибаивазкунии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, омода намудани кадрҳои илмӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва ҷорӣ намудани забони таълим дар муассисаҳои таълимии кишвар бо забонҳои хориҷӣ (забонҳои русӣ ва англисӣ), таҳсили шаҳрвандони хориҷӣ дар муассисаҳои таълимӣ яке аз ҳадафҳои стратегии

кишвар ба ҳисоб мераванд, ки дар ин раванд роҳандозӣ намудани тарбияи миллӣ низ омили муҳим арзёбӣ мегардад.

9. Дар ҷаҳони муосир бо дарназардошти бархӯрди тамаддунҳо дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омада, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ дар соҳаи маориф барои шаҳрвандони Тоҷикистон, аз як тараф, имкониятҳои хуби интихоби ҷойи зист, кор ва таҳсилро фароҳам оварда бошад, аз тарафи дигар, таҳдидҳои номатлуби экстремизм ва терроризм ба амнияти миллӣ, аз ҷумла ба наврасону ҷавонон ва муҳоҷирон эҳсос карда мешавад. Таҳдидҳои афзояндаи экстремизм шаклу усулҳои навро касб карда, мунтазам доманаи он васеъ мегардад. Таҳлили амиқ ва дарки ин равандҳо ва пешгирии он ба муҳимтарин вазифаву уҳдадориҳои давлат, ҷомеа ва ҳар як оила табдил ёфтааст.

10. Рушди босуръати илму техника, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, дар баробари ҷанбаҳои мусбати худ, ба пайдоиши таҳдиду хатарҳои муайян барои амният ва суботи кишвар оварда мерасонад, ки ин аз ҷониби ҷомеа ва шаҳрвандон вокунишҳои саривақтӣ ва самаранокро тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, масъалаҳои марбут ба тарбияи насли наврас, дар баробари таълим ва фарогирии илмҳои муосир, ба муҳимтарин ҷанбаи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ табдил ёфтааст.

11. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки, новобаста аз такмил додани консепсияву барномаҳои таълимӣ, зиёд намудани мавзуъҳои дарсии фанҳои ҷамъиятиву гуманитарӣ, таҳияи дастурҳои таълимӣ ва роҳнамои тарбия, ташкили семинару курсҳои махсус, гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ, фарҳангию варзишӣ, ҷоннок кардани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати пешгирии қонуншиканӣ, худкушию оворагардӣ, нашъамандӣ, содир намудани ҷиноят ва гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ, ҳанӯз сатҳи содиршавии ҷиноятҳо ва қонунвайронкуниҳо аз ҷониби ноболиғон, гирифтани таҳсилоти ғайриқонунии динӣ, дур мондан аз таҳсил, шомилшавӣ ба ташкилотҳои экстремистию террористӣ, иштирок дар муҳорибаҳои кишварҳои ҷангзада, машғул шудан ба талбандагӣ, боркашонӣ дар бозорҳо, ҷамъоварии маблағ дар воситаҳои нақлиёти мусофиркашонӣ, шустушӯйи воситаҳои нақлиёт, бозиҳои компютерӣ ва истеъмоли моводди мадхушкунанда паст нагардидааст.

## 4. ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ КОНСЕПСИЯИ МАЗКУР

12. Ҳадафҳои Консепсияи мазкур аз инҳо иборат мебошанд:

- муайянсозии самтҳои афзалиятнок ва дурнамои сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи шаҳрвандони кишвар, махсусан насли наврасу ҷавон;
- мушаххас ва дақиқ кардани моҳият, мақсад, вазифа, асосҳои методологӣ ва мазмуни тарбия дар марҳилаи нави таърихӣ ва ҷойгоҳи он дар ташаккули инсони комил;
- пешниҳоди равиш ва унсурҳои таркибии тарбия бо дар назар доштани шароити нави ҷаҳонишавӣ ва таҳдиду хатарҳои бавуҷудомада;
- муқаррар намудани роҳу усулҳои амалисозӣ ва арзёбии тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандустӣ.

13. Вазифаҳои Консепсияи мазкур аз инҳо иборат мебошанд:

- таъмини кафолати давлатӣ ба раванди тарбия ва ватандӯстии шаҳрвандон;
- фароҳамсозии шароити ҳуқуқӣ барои раванди тарбия;
- ҳамоҳангсозии муносибатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, оила, ниҳодҳои иҷтимоӣ ва аҳли ҷомеа дар раванди тарбия ва ватандӯстӣ;
- муқаррар намудани ваколат, вазифа, ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулияти мақомоти идоракунии давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба тарбия;
- муҳайё намудани шароит барои баргузории чорабиниҳои тарбиявӣ;
- фароҳам овардани заминаи устувори тарбияи маънавию ахлоқӣ, ташаккули афкори миллӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва тарзи ҳаёти солим;
- ташаккули маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ, экологӣ, оиладорӣ, иқтисодии шаҳрвандони кишвар тавассути усул ва тадбирҳои таъсиррасони тарбиявию маърифатӣ;
- тарбияи инсондӯстӣ, зебоипарастӣ, меҳнатдӯстӣ, ҷисмонӣ, тарзи ҳаёти солим, ҷасорат, мардонагӣ ва масъулиятшиносӣ;
- тарбияи муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ва арзишҳои милливу умумибашарӣ, пос доштани анъанаҳои миллӣ;
- тарбияи шахсияти дорои эҳсоси масъулияти баланди шаҳрвандӣ баҳри иштироки фаъолона дар ҳаёти инфиродию ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ҳамаҷонибаи шахс бо дарназардошти талаботи замони муосир ва рушди босуръати илму техника ва технология;

- мусоидат барои рушди тафаккури техникӣ, технологӣ ва инноватсионӣ, ноилшавӣ ба донишҳои технологӣ ва таҷрибаи ташкили самараноки меҳнат, муносибати эҷодӣ ба кор, воридсозии навгонӣ дар истеҳсолот, муносибати бошуурона ба таҳсилу меҳнат ҳамчун талаботи асосии ҳаёт ва таъмини иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар рушди устувори кишвар;

- ташаккули шахсияти иттилоотию иртиботии эҷодкор, мақсаднок ва салоҳиятнок;

- рушди зиракии сиёсӣ ва мавқеи устувор дар робита ба омилҳои номатлуб.

## 5. САМТҲОИ АСОСИИ АМАЛИСОЗИИ КОНСЕПСИЯИ МАЗКУР

14. Самтҳои асосии амалисозии Консепсияи мазкур инҳоро дарбар мегирад:

1) такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва методологияи амалисозии Консепсияи мазкур:

- таҳияи дастурамалҳо, барномаҳо ва роҳнамои тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот;

- тартиб додани номгӯйи адабиёт ва воситаҳои ёрирасони тарбиявӣ бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ, равониву педагогӣ ва иҷтимоии тарбиягирандагон;

2) ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои давлатӣ ва ҷомеа дар соҳаи тарбия:

- таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот аз ҷониби Вазорати маориф ва илм, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати фарҳанг, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим ва ташкилоту идораҳои дигаре, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати татбиқи самараноки Консепсияи мазкур, таҳкими низоми ягонаи тарбия, тақвияти арзишҳои ахлоқӣ, миллӣ ва шаҳрвандӣ;

- ҷалби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба амалисозии Консепсияи мазкур, баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии шаҳрвандон ва ташкили муҳити мусоиди тарбия дар сатҳи маҳал;

- ташкили механизми ҳамкории бисёрҷониба дар сатҳи маҳал, минтақа ва ҷумҳурӣ;

- таъсис додани Шурои миллии тарбия дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъсис додани шуъбаи тарбия, робита бо ҷомеа ва оила дар назди ҳамаи зинаҳои таҳсилот;

3) ворид намудани унсурҳои тарбия ба мазмуну мундариҷаи таълим:

- ворид намудани унсурҳои тарбия ба барномаҳои таълимию тарбиявӣ;

- таъмини омӯзгорон бо маводди таълимӣ, методӣ ва ёрирасон;

- таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ, дастурҳои методию тарбиявӣ;

- баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин омӯзгор-тарбиятгар»;

- ташкили маҳфилҳои тарбияи миллӣ;

4) таъминот бо кадрҳо дар самти тарбияи миллӣ ва такмили ихтисоси онҳо:

- ташкили курси омӯзишии «Тарбияи миллӣ» барои кормандону омӯзгорони самти корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

- таҳияи барномаҳои курсҳои омӯзишӣ, бозомӯзӣ ва семинарҳои махсус барои донишкадаҳои такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таълимии ҳама зинаҳои таҳсилот;

- таъсиси мукофоти соҳавӣ дар самти амалисозии Консепсияи миллии тарбия;

5) таъмини муҳити тарбияи солим ва бехатар дар муассисаҳои таълимӣ:

- ташкили муҳити тарбияи солим, равонӣ, эҳсоси бехатарӣ ва фарогир;

- андешидани чораҳо ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ, таҳқир, таҳдид, тақлид, табъиз ва ифротгароӣ;

- ташкили фазои ҳуқуқӣ, машваратӣ, ҳифзи ҳуқуқи таълимгирандгону тарбиятгирандагон ва корҳои фаҳмондадиҳӣ;

- ташкили марказҳои дастгирии равонию ахлоқӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ бо ҷалби мутахассисони соҳавӣ;

6) ташкил ва таблиғи арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои замони истиқлол тавассути чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ, адабӣ ва воситаҳои ахбори омма, сомона ва шабакаҳои иҷтимоӣ:

- таблиғи васеи арзишҳои миллӣ тавассути шабакаҳои телевизион, радио, нашрияҳои соҳавӣ, сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ;

- таҳия ва пахши маводди видеоии тарбиявӣ барои кӯдакон дар самти ватандӯстӣ, тарбияи маънавию ахлоқӣ ва зебоипарастӣ;

- ташкили вохӯрӣ бо ходимони намоёни давлатӣ, олимон, шоирону нависандагон, қаҳрамонони миллӣ ва собиқадорони ҷангу меҳнат;

- гузарондани фестивалҳо, ҷашнвораҳо, намоишгоҳҳо, чорабиниҳои оммавии варзишӣ ва маърифатӣ;

- барқарор намудани робитаи омӯзгор, волидайн (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва таълимгиранда дар реҷаи ҳузурӣ, маҷозӣ ва шабакавӣ.

## 6. УНСУРҲОИ ТАРКИБӢ ВА МАЗМУНИ ТАРБИЯ

15. Тарбияи зеҳнӣ ба ташаккули қобилиятҳои зеҳнӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ ва эҷодии инсон равона шуда, барои баланд бардоштани сатҳи мутолиа, хотира, диққат, инкишофи тафаккури мустақил, қобилияти арзёбии маълумот ва қабули қарорҳои асоснок мусоидат менамояд.

16. Мақсади асосии тарбияи зеҳнӣ аз ташаккули шахсияти ақлгаро, таҳлилгар, мустақилфикр ва эҷодкори дорои қобилияти дарк ва баҳодиҳӣ, ҳамчунин тафаккури интиқодӣ иборат мебошад.

17. Дар натиҷаи тарбияи зеҳнӣ ҷомеа дорои шахсиятҳои муосири соҳибфарҳанг, таҳлилгар ва навовар мегардад.

18. Тарбияи меҳнатдӯстӣ ба ташаккули шуури меҳнатдӯстӣ, малакаҳои касбӣ, масъулиятшиносӣ ва муносибати содиқона ба фаъолият мусоидат менамояд.

19. Ҳадаф аз тарбияи меҳнатдӯстӣ ташаккули шахси меҳнатдӯст, бонизом, ташаббускор ва дорои масъулияти касбӣ буда, ба рушди малакаҳои касбӣ, эҳтиром ба касб, таҳкими интизоми меҳнат ҳамчун воситаи пешбарандаи шахс дар ҷомеа равона мегардад.

20. Меҳнатдӯстӣ кордонӣ, масъулиятшиносӣ ва салоҳиятнокии шахсияти ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат ва саҳмгузорро дар пешрафти ҷомеа ва давлат ташаккул медиҳад.

21. Тарбияи ватандӯстӣ ба ташаккули эҳсоси муҳаббат ва садоқат ба Ватан, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва омодагӣ ба адои қарзи шаҳрвандӣ буда, ба рушди ҳувияти миллӣ ва ҳамбастагии ҷомеа мусоидат менамояд. Ватандӯстӣ ин омӯзиши таърих, фарҳанги миллӣ, иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва саҳмгузорӣ дар рушди давлат мебошад.

22. Ҳадафи асосии тарбияи ватандӯстӣ ташаккули ҳувияти миллӣ, эҳсоси мансубият ба ҷомеа ва баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандон дар ҳифзи арзишҳои миллӣ мебошад. Ин раванд ба тарбияи шахсиятҳои дорои маърифати баланд, масъулиятшинос, саҳмгузор дар хизмат ба Ватан, манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он мусоидат менамояд.

23. Тарбияи ватандӯстӣ ба ташаккули худшиносии миллӣ, муносибати шоиста ба инсон, ҷомеа ва давлат равона гардида, ҳифз ва рушди арзишҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳангиро таъмин менамояд. Ин раванд шаҳрвандонро бо низоми арзишҳои иҷтимоӣ ва маданӣ ошно сохта, дар ниҳоди онҳо эҳсоси эҳтиром ба таърих, фарҳанг ва анъанаҳои миллиро ташаккул медиҳад. Илова бар ин, фароҳам овардани шароити мусоид барои зоҳир намудани ҳисси ватандӯстӣ, адои қарзи шаҳрвандӣ ва иштироки фаъол дар равандҳои давлатсозӣ яке аз вазифаҳои муҳимми тарбияи ватандӯстӣ мебошад. Ҳамчунин, эҳтиром ба қонун, масъулияти иҷтимоӣ ва меҳнатдӯстиро ҳамчун арзиши муҳимми зиндагӣ фаро гирифта, шаҳрвандонро ба хизмати шоиста ба ҷомеа ва давлат ҳидоят мекунад.

24. Татбиқи самараноки тарбияи ватандӯстӣ ба ташаккули ҷомеаи устувор, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ мусоидат менамояд. Ин раванд имконият медиҳад, ки шаҳрвандон ба ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва экологӣ ҷалб гардида, ҳисси масъулияти худро дар назди Ватан дарк намоянд. Ҳамзамон, рушди механизми ҳуқуқӣ ва кафолатҳои давлатӣ барои амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ таъмин гардида, шароити мусоид барои рушди низоми тарбияи ватандӯстӣ фароҳам оварда мешавад. Бо ин васила иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ҳаёти ҷомеа ва давлат таҳким ёфта, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо дар ин самт кафолат дода мешавад.

25. Тарбияи андешаи миллӣ ба ташаккули шуури миллӣ, ҳуввияти фарҳангӣ ва эҳсоси мансубияти шаҳрвандон ба ҷомеа нигаронида шуда, ба омӯзиши арзишҳои таърихӣ, анъанаҳои миллӣ, забон, адабиёт ва мероси фарҳангӣ мусоидат менамояд.

26. Ҳадафи асосии тарбияи андешаи миллӣ таҳкими ҳисси масъулиятшиносӣ ва мансубияти миллӣ дар байни шаҳрвандон мебошад. Тарбияи дуруст ба ҳар шахс имкон медиҳад, ки арзишҳои фарҳангии миллатро ҳифз намуда, онҳоро бо воқеияти муосир мутобиқ созад. Ин

раванд барои ташаккули насли худогоҳ ва ватандӯст, ки омодаи ҳифз ва рушди мероси миллӣ мебошад, шароит фароҳам меорад.

27. Вазифаҳои тарбияи андешаи миллӣ ба ҳифз ва густариши арзишҳои миллӣ нигаронида шуда, омӯзиш ва интиқоли анъанаҳои миллӣ, таърихи давлатдорӣ ва мероси фарҳангиро фаро мегиранд. Ин раванд ба рушди ҳуввияти миллӣ мусоидат намуда, эҳсоси мансубият ба миллат ва эҳтироми мероси таърихиро тақвият мебахшад. Тарбияи андешаи миллӣ, инчунин, ба ташаккули тафаккури интиқодӣ ва худогоҳии миллӣ равона гардида, барои дарки воқеии таърих ва муқовимат ба таъсироти манфии ҷаҳонишавӣ замина фароҳам меорад. Ҳамзамон, он ба ҳамгироии меъёрҳои миллӣ бо арзишҳои умумибашарӣ мусоидат намуда, ҷаҳонбинии васеъ ва омодагии шаҳрвандонро барои ҳамкорӣ бо фарҳангҳои дигар бидуни аз даст додани ҳувияти миллӣ таъмин мекунад.

28. Татбиқи самараноки тарбияи андешаи миллӣ ба таҳкими ваҳдати миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ташаккули ҷомеаи устувор мусоидат мекунад. Шаҳрвандони дорои афкори миллӣ ба рушду пешрафти ҷомеа саҳми устувор гузошта, мероси фарҳангии худро ҳифз ва ба наслҳои оянда интиқол медиҳанд. Дар сатҳи байналмилалӣ андешаи миллӣ барои муаррифии шоистаи кишвар ва таҳкими мавқеи он нақши калидӣ мебозад.

29. Тарбияи андешаи миллӣ ҷузъи муҳимми сиёсати давлат буда, бо ҳамкории муассисаҳои таълимӣ, воситаи ахбори омма, оила ва ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ мегардад. Танҳо тавассути муносибати ҳамаҷониба ва таҳкими арзишҳои миллӣ метавон ҳувияти миллиро дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳифз ва рушд дод.

30. Тарбияи маънавию ахлоқӣ ба ташаккули хислатҳои волои инсонӣ, ахлоқи ҳамида ва ҷаҳонбинии маънавӣ нигаронида шудааст. Инсон арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ, аз ҷумла адолат, ҷавонмардӣ, саховатмандӣ, эҳсонкорӣ, муҳаббат ба дигарон ва эҳсоси масъулиятро дар худ ташаккул дода, онҳоро дар ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ татбиқ менамояд. Он на танҳо фаҳмиши ахлоқиро фаро мегирад, балки таҷрибаи амалии зиндагиро низ дар бар гирифта, инсонро ба татбиқи арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ дар рафтору кирдори ҳаррӯза водор месозад.

31. Ҳадафи асосии тарбияи маънавию ахлоқӣ ин ташаккули шахсияти дорои ахлоқи ҳамида ва масъулиятшинос мебошад. Ин раванд инсонро ба худшиносӣ, муносибати дӯстона ва саҳмгузорӣ дар рушди ҷомеа ҳидоят ва барои тарбияи шахс дар руҳияи адолат, ростқавлӣ ва эҳтиром ба қонун мусоидат менамояд. Ташаккули ҳисси саховатмандӣ ва омодагӣ барои кумак ба дигарон, арҷгузорӣ ба меҳнат ва омодагӣ ба саҳмгузорӣ дар рушди ҷомеа низ ҷузъҳои муҳимми тарбияи маънавию ахлоқӣ мебошанд.

32. Татбиқи самараноки тарбияи маънавию ахлоқӣ ба ташаккули шахсияти дорои ҳисси баланди масъулият, адолат, инсондӯстӣ ва шафқат мусоидат мекунад. Он муҳити иҷтимоиро солим нигоҳ дошта, ба ҳамбастагии ҷомеа ва рушди шахсияти дорои худогоҳии ахлоқӣ ва эҳсоси масъулият саҳм мегузорад.

33. Тарбияи иқтисодӣ раванди ташаккули шуури иқтисодӣ, ҷаҳонбинӣ, малакаҳо ва арзишҳои марбут ба фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Ин раванд шахсро барои дарки сохтор ва қонунгузории иқтисодӣ, истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ ва банақшагирии дурусти ҳаёти иқтисодӣ омода месозад.

34. Ҳадафи тарбияи иқтисодӣ муносибати масъулиятнок ба иқтисоди шахсӣ, оилавӣ ва ҷамъиятӣ мебошад, ки малакаҳои асосии банақшагирӣ, идоракунии молиявӣ, сарфаю сариштакорӣ ва соҳибкориро тарбия менамояд.

35. Тарбияи иқтисодӣ дар ташаккули шахсияти дорои дониши иқтисодӣ, малакаҳои молиявӣ, саҳмгузор дар рушди иқтисодиёт ва беҳбудии ҷомеа, сарфаю сариштакор ва самаранок истифодабарандаи захираҳои молиявӣ мусоидат менамояд.

36. Тарбияи экологӣ ба ташаккули дарки масъалаҳо ва қонуниятҳои экологӣ, арзиши табиат ва тамоми мавҷудоти зинда дар рӯйи Замин, муҳити зист, ифлосшавӣ, нигоҳ доштани мувозинати табиат, ки ба омилҳои экологии зерин равона шудааст:

- нарасидани замин;
- ифлосшавии муҳити зист;
- таъминот бо захираҳои об, тақсимот ва нигоҳ доштани ҳолати ҳосилнокии заминҳо;
- тозагии ҳавои атмосфера;
- истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ;
- беҳдошти саломатии аҳолӣ;

- ҳифзи гуногунии биологӣ, бахусус навъҳои нодир ва аз байн рафтаистодаи наботот ва ҳайвонот.

37. Ҳадафи тарбияи экологӣ донистани конуниятҳои экологӣ, бехатарии экологӣ, тарзи ҳаёти солим, таъмини самараноки муҳити экологии шаҳрвандон, муносибати хоса ба муҳити зист ва биосфера, ҳамеша сабзу хуррам нигоҳ доштан ва як ҷузъи табиат будан мебошад.

38. Тарбияи экологӣ ба баланд бардоштани тафаккур ва маърифати экологӣ, нигоҳдорию истифодаи оқилонаи ҳамагуна сарватҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист, муҳаббат ва муносибати ғамхорона ба табиат, ободкорӣ, сабзу хуррамгардонӣ, зебоипарастӣ ва таъмин намудани сарчашмаҳои асосии таъминкунандаи саломатии инсон мусоидат менамояд.

39. Тарбияи ҳуқуқӣ раванди тарбиявии муташаккил ва мақсаднокест, ки ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ, эҳтиром ба қонун, масъулияти шаҳрвандӣ ва риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ равона шудааст. Ин унсури тарбия ба шахс имконият медиҳад, ки бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ шинос гардида, адолат ва қонуниятро дарк намояд ва дар зиндагии шахсӣ ва ҷамъиятӣ мутобиқ ба қонун фаъолият намояд.

40. Тарбияи ҳуқуқӣ на танҳо ба фаҳмиши назариявии қонунҳо, балки ба ташаккули малакаҳои амалии риоя ва ҳимояи ҳуқуқҳо низ нигаронида шудааст. Ин раванд шахсро ба дарки масъулият ва иштироки фаъолона дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ омода намуда, эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро ташаккул медиҳад.

41. Ҳадафи асосии тарбияи маърифати ҳуқуқӣ ташаккули фаҳмиши дурусти арзишҳои ҳуқуқӣ, аз қабили адолат, баробарҳуқуқӣ, шаффофият, масъулият ва қонуният мебошад. Ин раванд шахсро ба он ҳидоят менамояд, ки дар баробари ҳуқуқҳои шахсӣ ҳуқуқу озодиҳои дигаронро эҳтиром намояд. Тарбияи маърифати ҳуқуқӣ, инчунин, барои рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд заминаи устувор фароҳам меорад.

42. Тарбияи ҳуқуқӣ вазифаҳои зеринро дар бар мегирад:
- фароҳам овардани фазои ҳуқуқӣ;
- шинос кардани шаҳрвандон бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ;
- риояи қонунгузории миллӣ ва принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд;
- ташаккули эҳтиром ба қонун ва риояи он дар ҳаёти ҳаррӯза;
- баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандӣ;
- омӯзонидани усулҳои қонунии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ.

43. Тарбияи оилавӣ ҷузъи муҳимми тарбияи иҷтимоӣ буда, ба ташаккули ҷаҳонбинии солим, малакаҳо ва арзишҳои марбут ба оила нигаронида шудааст. Ин раванд эҳтиром гузоштан нисбат ба падару модар, калонсолон ва аъзои дигари оиларо дар бар гирифта, ҳифзи анъанаҳои неки оилавӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), фарзандон, зану шавҳар ва аъзои дигари оиларо фаро мегирад.

44. Ҳадафи асосии тарбияи маърифати оилавӣ омодасозии шахс ба ҳаёти оилавӣ, ташаккули эҳтиром ба оила, таҳкими муносибатҳои ахлоқию маънавӣ дар оиладорӣ ва робитаҳои солими байниҳамдигарии аъзои оила мебошад.

45. Дар натиҷаи баланд бардоштани маърифати оилавӣ шахс ба оила ҳамчун арзиши муқаддас муносибат намуда, дар рушди оилаи солиму устувор, тарбияи дурусти фарзандон ва ҳалли мусолиҳатомези масъалаҳои оилавӣ саҳм мегузорад. Ин раванд ба таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ, баланд бардоштани масъулияти оиладорӣ ва беҳтар шудани сифати зиндагии оила мусоидат менамояд.

46. Тарбияи шуури сиёсӣ раванди мақсадноки таҳкими донишҳои сиёсӣ дар ҷавонон мебошад. Тарбияи шуури сиёсӣ бо роҳи омӯзиши моҳияти падидаву ҳодисаҳои сиёсӣ, дарку шинохти сиёсат, масъалаҳои сиёсӣ, худшиносиву худогоҳии сиёсӣ такмил меёбад.

47. Тарбияи шуури сиёсӣ ҷузъи муҳимми ташаккули шуури ҷамъиятӣ буда, ба дарки равандҳои сиёсӣ, нақши давлат ва иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ нигаронида шудааст. Тарбияи шуури сиёсӣ барои иштироки фаъоли шаҳрвандон дар қабули қарорҳои муҳимми сиёсӣ, мавқеи устувори шаҳрвандӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллию давлатӣ ва баланд бардоштани масъулияти сиёсӣ замина мегузорад.

48. Ҳадафи асосии тарбияи шуури сиёсӣ таъмини иттилоотонии ҷомеа аз равандҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, омӯзиши сохтор ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, шиносоӣ бо ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, омодасозии шаҳрвандон ба қабули қарорҳои муҳимми сиёсӣ, мавқеъгирии устувор дар сиёсати давлатӣ мебошад.

49. Тарбияи шуури сиёсӣ ба баланд бардоштани дарки масъалаҳои сиёсӣ ва ташаккули масъулияти шаҳрвандӣ мусоидат менамояд.

50. Тарбияи инсондӯстӣ ташаккули эҳтиром, ҳамдардӣ, муҳаббат ва масъулиятшиносӣ нисбат ба дигарон буда, барои эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муносибати ғамхорона нисбати онҳо равона гардидааст.

51. Ҳадафи асосии тарбияи инсондӯстӣ ташаккули фарҳанги сулҳҷӯёна, эҳтиром ба арзишҳои инсонӣ ва ҳалли одилонаи низоъҳо мебошад.

52. Тарбияи инсондӯстӣ ба ташаккули эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон равона гардида, шахсро водор месозад, ки арзиши ҳар як фардро, новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, эътироф намояд.

53. Тарбияи инсондӯстӣ ба ташаккули шахсияти дорои фарҳанги баланди муносибату муошират, эҳтиром ва ғамхор нисбати дигарон, новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ ва вазъи иҷтимоӣ, мусоидат менамояд.

54. Тарбияи ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солим ба ташаккули малакаҳои ҷисмонӣ, нигоҳдории саломатӣ ва интихоби тарзи дурусти зиндагӣ равона гардида, инсонро водор месозад, ки ба тарбияи бадан, варзиш ва нигоҳубини он машғул шавад, ғизои солим истеъмол намояд ва аз одатҳои зараровар дур бошад.

55. Тарбияи ҷисмонӣ ба ташаккули хислатҳои ахлоқӣ, аз ҷумла интизом, иродаи қавӣ, устуворӣ ва масъулиятшиносӣ мусоидат намуда, шахсро ба зиндагии шоиста, ҳифзи саломатӣ ва рушди қобилияти ҷисмонӣ ҳидоят менамояд.

56. Ҳадафи асосии тарбияи ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солим таъмини саломатӣ, ташаккули шахсияти қавии дорои ҳолати хуби ҷисмонӣ, рӯҳиву равонӣ аз кӯдакӣ то калонсолӣ мебошад.

57. Тарбияи ҳисси масъулиятшиносӣ ба ташаккули шахсияти масъулиятшинос, боинтизом, ташаббускор бо дарки уҳдадориҳо ҷиҳати иҷрои босифати вазифаҳо дар муносибат бо атрофиён дар ҷомеа мусоидат менамояд.

58. Ҳадаф аз тарбияи ҳисси масъулиятшиносӣ ташаккули шахсияти босалоҳият, босадоқат, боинтизом, ҷавобгар нисбати вазифаву уҳдадориҳо дар иҷрои кор ва қабули қарорҳо мебошад.

59. Шахсияти масъулиятшиноси боинтизом, ташаббускор, ки вазифа ва уҳдадориҳои худро саривақт ва босифат иҷро менамояд, дар рушди ҷомеа саҳмгузор мегардад.

60. Тарбияи шуури техникӣ ва инноватсионӣ ба ташаккули тафаккури техникӣ, қобилияти кор бо технологияи рақамӣ, робототехника ва фанновариҳои инноватсионӣ ва ихтироъкорӣ нигаронида шуда, шахсро водор месозад, ки барои таҳияи ихтироот, истифодаи технологияи муосир ва ҳалли мушкилоти техникӣ омода бошад.

61. Ҳадаф аз тарбияи шуури техникӣ ва инноватсионӣ ташаккули шахсияти эҷодкор ва мутобиқ ба равандҳои муосири техникӣ, дорои тафаккури муҳандисӣ ва малакаҳои ихтироъкорӣ дар татбиқи ғояҳои инноватсионӣ мебошад, ки ба рушди илм ва истеҳсолот мусоидат мекунад.

62. Тарбияи шахси ихтироъкор, навовар, мутобиқ ба технологияи муосири рақамӣ дорои малакаҳои техникӣ, муҳандисӣ, технологӣ ва саҳмгузор дар татбиқи идеяҳои нави рақамӣ.

63. Тарбияи эҷодкорӣ ба ташаккули шахсияти навовар, озодфикр ва қобилиятманд равона шуда, инсонро ба офариниши ғояҳои нав, ҳалли мушкилот бо роҳҳои ғайрианъанавӣ ва истифодаи малакаҳои эҷодӣ дар ҳаёти шахсӣ ва касбӣ омода месозад.

64. Ҳадафи асосии тарбияи эҷодкорӣ рушди тафаккури эҷодӣ, худифодакунӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ ба муҳити тағйирёбанда буда, шахсро барои таҳияи идеяҳои нав дар муҳити рақобатпазири муосир фаъол мегардонад.

65. Тарбияи эҷодкорӣ шахсияти ихтироъкор, навовар, мустақил, дорои қобилияти ҳалли мушкилот ва малакаҳои эҷодӣ, мутобиқ ба муҳити тағйирёбанда, татбиққунандаи ғояҳои нав ва мусоидакунандаро дар рушди босуръати ҷомеа тарбия мекунад.

66. Тарбияи зиракии сиёсӣ ба ташаккули огоҳӣ ва дарки равандҳои сиёсӣ, таҳдидҳои идеологӣ ва иттилоотӣ, қобилияти фарқ кардани арзишҳои аслии миллӣ ва фарҳангӣ аз таъсири бегонапарастӣ, хурофотпарастӣ ва идеологияҳои экстремистию террористӣ мебошад.

67. Ҳадаф аз тарбияи зиракии сиёсӣ арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ, ташаккули тафаккури малакаҳои таҳлилӣ ҷиҳати муқовимат ба таҳдидҳои идеологию иттилоотӣ, экстремистию террористӣ ва пешгирӣ аз тақлид ба фарҳанги бегона ва хурофот мебошад.

## 7. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ КОНСЕПСИЯИ МАЗКУР

68. Мониторинги Консепсияи мазкур аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ гузаронда мешавад.

69. Мониторинг ва арзёбии Консепсияи мазкур тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ карда мешавад.

## 8. МЕХАНИЗМИ АМАЛИГАРДОНИИ КОНСЕПСИЯИ МАЗКУР

70. Татбиқи Консепсияи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати стратегӣ ба ташаккули низоми устувори тарбия нигаронида шуда, ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоиро фаро мегирад ва ба ташаккули шахсияти дорои баланди тарбияи миллӣ, ватандӯст ва бо маърифат замина мегузорад.

71. Татбиқкунандагони Консепсияи мазкур оила, муассисаи таълимӣ, мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд.

72. Татбиқкунандагони Консепсияи мазкур уҳдадоранд, ки амалигардонии тамоми унсурҳои Консепсияро таъмин намуда, дар якҷоягӣ муҳити солими тарбиявиро дар ҷомеа фароҳам оваранд.

73. Ҳамоҳангсозии татбиқи Консепсияи мазкур аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

74. Ҳамаи чорабиниҳо ва тадбирҳои марбут ба иҷрои Консепсияи мазкур мутобиқи Конститутсия, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар ба роҳ монда мешаванд.

75. Воситаҳои ахбори омма дар татбиқи Консепсияи мазкур тавассути омода намудани барномаҳои тарбиявӣ, паҳн намудани иттилоот дар шабакаҳои телевизион ва радио, матбуоти даврӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои дигари иттилоотӣ мусоидат менамоянд.

76. Консепсияи мазкур бо риояи равишҳои илмӣ, истифодаи таҷрибаи муосир ва ҳамкории мутақобилаи субъектҳои тарбия амалӣ мегардад.

77. Барои амалигардонии Консепсияи мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи дахлдор тасдиқ карда мешавад.

## 9. НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТИ КОНСЕПСИЯИ МАЗКУР

78. Амалисозии Консепсияи мазкур ба ташаккули шахсияте мусоидат менамояд, ки:

- дорои мафкураи миллӣ ва арзишҳои ахлоқӣ;
- дорои ҳисси баланди ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ;
- худогоҳ ва худшиноси арҷгузор ба таъриху фарҳанги миллӣ;
- дорои ҳисси баланди масъулият, адолат, инсондӯстӣ ва шафқат;
- дорои шуур ва маърифати баланди ҳуқуқӣ;
- дорои шуур ва фарҳанги сиёсӣ;
- дорои маърифати оилавӣ, хислатҳои ахлоқию маънавӣ;
- дорои маърифати баланди эҳтиром ба падару модар ва калонсолон;
- инсони пешқадами муосири соҳибфарҳанг, таҳлилгар ва навовар;
- устувор ва солим аз ҷиҳати ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва равонӣ;
- дорои донишҳои иқтисодӣ, малакаҳои молиявӣ ва сарфаю сариштакорӣ;
- саҳмгузор дар рушди ҷомеа ва сиёсати давлат;
- дорои муҳаббат ва муносибати ғамхорона ба табиат;
- дорои ҳисси масъулият барои ҳифзи табиат мебошад.

## 10. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

79. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар роҳбарии умумии амалисозии Консепсияи мазкур масъул буда, бо мақсади ҷалби маблағгузорӣ ҷиҳати амалисозии Консепсияи мазкур бо шарикони рушд ҳамкорӣ менамояд.

80. Амалисозии Консепсияи мазкур ба зиммаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардида, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои амалисозии самараноки Консепсияи мазкур тадбирҳои дахлдор меандешанд ва ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

# ЧАЙНВОРДИ «АРТИШИ МИЛЛӢ»




1. Солгарди артиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 23 феврали соли 1993 таъсис ёфта буд. 2. Рутбаи хурди ҳарбӣ. 3. Душман. 4.Таҷҳизоти ҷангии тарканда. 5. Нахустгенералзани тоҷик. 6. Қаҳрамони ҶБВ аз Тоҷикистон. 7. Аз хориҷа овардани мол. 8. Мошини ҷангӣ. 9. Сабзавот. 10. Ҳарфи алифбои юнонӣ. 11. Шоири ҷанговари тоҷик, иштирокчии ҶБВ. 12. Вазифаи фарзшудаи динӣ. 13. Снаряди зери обии тарканда. 14. Яроқи ҷангӣ. 15. Рамзи ифтихори миллӣ дар Нишони давлатии Тоҷикистон. 16. Ноҳия дар вилояти Хатлон. 17. Маъракаи муҳимми сиёсӣ дар Тоҷикистон. 18. Қаҳрамони халқи тоҷик. 19. Рутбаи ҳарбӣ. 20. Нашрияи ҳукуматии ҶТ. 21. Муҳофизатгари ҳуқуқӣ дар суд. 22. Камарбанди ҳарбиён. 23. Сарзамини форсу тоҷик. 24. Сарҳад. 25. Посбонгоҳи сарҳадӣ. 26. Таҷҳизоти мавҷқабулкунак ва ирсол. 27. Электроди мусбат. 28. Минтақаи озоди иқтисодӣ дар Тоҷикистон. 29. Осоиштагӣ, оромӣ. 30. Милтиқ. 31. Калонтарин унвони ҳарбӣ. 32. Стратегияи ҷоруми мамлакат. 33. Шабакаи умумии ҷаҳонии компютерҳо. 34. Аввалин генерали тоҷик. 35. Ноҳия дар ВМКБ. 36. Хӯроке, ки аз шир омода мешавад. 37. Асбоби нимноқилӣ. 38. Хидматрасонии бемузд. 39. Шоири намоёни рус. 40. Воҳид (подразделения)-и хурди ҳарбӣ. 41. Рақиб. 42. Моҳ. 43. Воҳид (подразделения)-и калони ҳарбӣ. 44. Хулқи неки инсон. 45. Воҳиди хурди иттилоотӣ дар компютер.

***Тартибдиҳанда***
***Нуралишо СУЛАЙМОНШОЕВ,***
***Аълочии матбуоти Тоҷикистон***